## ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ
## ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МАЪРӮЗАИ

## ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН
## ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## БАРОИ СОЛИ 2022

**ДУШАНБЕ – 2023**

**Хонандаи муҳтарам,**

Дар соли 2022 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварӣ ва ибтикори созандагию хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастворадҳои зиёди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар самтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва махсусан таҳким бахшидан ба ташкили низоми қонунгузории танзими ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон ноил гардид.

Маҳз сиёсати инсонпарваронаи Пешвои муаззами миллат буд, ки 26 июли соли 2022 дар доираи иқдоми навбатӣ 146 занону кӯдакон аз урдугоҳҳои минтақаҳои ҷангзадаи Ховари Миёна ба Тоҷикистон оварда шуда, барои барқарорнамоии ҳолати равонӣ ва баргардонидани онҳо ба ҳаёти муқаррарӣ чорабиниҳо амалӣ шуда истодаанд.

Дастоварди дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои таъбиз» мебошад, ки дар миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ нахустин ба ҳисоб меравад.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун механизми миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар соли 2022 низ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҷиҳати баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон корҳои назаррасро роҳандозӣ намуда, дар ҷодаи эътироф, эҳтиром, ҳифз, барқарор ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон, амалӣ сохтани ӯҳдадориҳои байналмилалӣ бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монд.

Дар Маърӯзаи пешниҳодшуда чун ҳамасола фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2022, вазъи риояи ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастовардҳо, амалисозии вазифаҳои асосии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин мушкилоту норасоиҳои самтҳои мухталифи ҳуқуқи инсон ва тавсияҳои дахлдор ҷиҳати бартараф намудани онҳо пешниҳод мегарданд.

Боварӣ дорем, ки Маърӯзаи мазкур дар мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар мақомот мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар амалӣ гардидани тавсияҳои пешниҳодгардида бо мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамкориҳо тақвият меёбанд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо ҳамаи сохторҳои зикргардида омодагии худро иброз медорад.

***Бо камоли эҳтиром,***
***Ваколатдор ои ба ҳуқуқи инсон***
***дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***
***Умед Бобозода***

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор........................................................................... 6

I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2022

1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон........................................................................... 10

а) Ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ......................... 11

б) Фаъолияти сохторҳои минтақавӣ.......................... 29

в) Маблағгузории фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон.................................................. 34

1.2. Иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон........................................................................... 36

1.3. Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026........................................ 43

1.4. Мусоидат ба такмили қонунгузорӣ ва иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон........................................................................... 49

1.5. Қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ........................................................................... 56

## II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


2.1. Ҳуқуқҳои инсон дар муассисаҳои пӯшида
ва қисман пӯшида.............................................................. 68

2.2. Ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати
ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ............................................ 83

2.3. Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ақаллиятҳои миллӣ.......... 96

2.4. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва фаъолияти
озоди ВАО............................................................................ 108

2.5. Баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ
дар оила................................................................................ 123

2.6. Ҳуқуқҳои маъюбон........................................................ 140

2.7. Ҳуқуқи дастрасӣ ба манзил.......................................... 156

Хотима................................................................................. 169

# ПЕШГУФТОР

Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва давлати демокративу ҳуқуқбунёд сол аз сол боло меравад.

Далели равшани ин гуфтаҳо қабул шудани ташаббуси панҷуми ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” эълон кардани соли 2025 ва ҳамасола рӯзи 21 март ҷашн гирифтани “Рӯзи ҷаҳонии пиряххо” мебошад, ки бо қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аз 14 декабри соли 2022 тасдиқ шудааст.

Дар ҳоле ки садҳо миллион одамон дар натиҷаи надоштани оби нӯшокӣ ва вайронии экологӣ дар Осиёву Африқо ва дигар қитъаҳои сайёра аз ҳуқуқҳои бунёдии худ – ҳуқуқ ба ҳаёт ва ҳуқуқ ба шароити мусоиди зиндагӣ маҳруманд, қабул шудани ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқҳои бунёдии ҳар як фард, ки дар Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон ва дигар санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон муқаррар шудаанд, боиси ифтихор ва сарбаландӣ аз Тоҷикистони соҳибистиқлол ва Сарвари раиятпарвари он – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳомии Конститутсия ва қонунҳо,

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Бо истифода аз ин меъёри конститутсионӣ иқдомҳои Пешвои миллат дар самти риоя, эҳтиром, ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон дар дохили ҷумҳурӣ низ беназиранд ва яке аз онҳо таъсис додани ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зеро мавҷудият ва фаъолияти бемонеаи ниҳоди миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз нишонаҳои муҳими давлати демокративу ҳуқуқбунёд мебошад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар доираи ваколате, ки қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда муқаррар намудаанд, ҷиҳати амалисозии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пайваста саъю талош намуда, дар муддати сенздаҳ соли фаъолият мавқеи сазовори худро дар низоми ҳуқуқии давлат пайдо намудааст.

Яке аз вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қонунгузории соҳавӣ муқаррар намудааст, ҳамасола на дертар аз моҳи феврал ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани Маърӯза оид ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли сипаришуда ва вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷумҳурӣ мебошад.

Маърӯзаи навбатии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2022 низ ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва самараноки талаботи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия ва пешниҳод шудааст.

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2022 дар асоси таҷрибаи фаъолият, таҳлили қонунгузории амалкунанда, омӯзиши маводи пешниҳоднамудаи вазорату идораҳои дахлдор ва воситаҳои ахбори омма, инчунин санҷиши вазъи риояи самтҳои алоҳидаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар муассисаҳои давлатӣ таҳия шудааст.

Маърӯза аз ду боб иборат буда, дар боби аввал оид ба дастовардҳо ва мушкилоти дар фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойдошта иттилоъ дода мешавад.

Дар боби дуюми Маърӯза оид ба натиҷаҳои санҷишу мониторингҳое, ки дар соли 2022 аз ҷониби кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мустақилона ва инчунин дар якҷоягӣ бо мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ

дар самтҳои алоҳидаи ҳуқуқу озодиҳои инсон гузаронида шудаанд, маълумоти муфассал пешниҳод карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки ҳар ду боби Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2022 ба мавзӯъҳо тақсим шуда, бо мақсади таҳкими минбаъдаи фаъолият ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷумҳурӣ вобаста ба ҳар як мавзӯъ тавсияҳои дахлдор пешниҳод шудаанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кулли вазорату идораҳои дахлдор эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳои доир ба ҳар як мавзӯъ пешниҳодшуда бо мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамкорӣ намоянд.

# I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2022

## 1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати эътироф, эҳтиром, ҳифз ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон пайваста тадбирҳои муассир андешида мешаванд. Дар баробари рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ давлат ба механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон низ аҳамияти хосса зоҳир менамояд ва фаъолияти онҳо сол аз сол тақвият дода мешавад.

Ин аст, ки бо иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ВҲИ) таъсис дода шуда, ҷиҳати таҳкими иқтидори дохилиидоравии мақомоти мазкур ва густариш додани ҳамкориҳои он бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамаҷониба мусоидат карда мешавад.

Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ пайваста қонунгузории амалкунанда такмил дода шуда, санадҳои нави меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа қабул мегарданд. Аз ҷумла, 19 июли соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар қонунҳо ба Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” имзо гузоштанд. Қонуни мазкур дар доираи амалисозии ухдадориҳои байналмилалӣ аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравӣ, ки ВҲИ шомили он буд, бо истифода аз таҷрибаи пешрафта таҳия гардида, дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ таҷрибаи нахустин мебошад.

Тибқи он ВҲИ мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои муайян шуда, дар Дастгоҳи ВҲИ таъсиси воҳиди сохтории махсусро пешбинӣ менамояд.

Аз оғози соли 2022 амалисозии Барномаи дуюми давлатӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022 – 2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021 қабул гардидааст, роҳандозӣ карда шуд.

ВҲИ дар соли 2022 низ ҷиҳати густариши самтҳои фаъолияти мақомот, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бармеояд, ба як қатор дастовардҳо ноил гардид.

а) Ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ

Мақомоти ВҲИ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, иҷрои ухдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва амалисозии ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон пайваста фаъолият менамояд.

Соли 2022 ҳамкориҳо бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо дар самти амалисозии ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва нақшаҳои миллии амалҳо, баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон тавсеа ёфтанд.

Дар доираи ҳамкориҳо соли 2022 ба мақомоти ВҲИ аз ҷониби дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ 655 (с. 2021 - 540) мактубҳои воридотӣ дохил гардида, ба мақомоти дахлдори давлатӣ 193 (с.2021 – 152), аз ҷумла ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 108 адад маълумотнома ва ахбору гузоришҳои муфассал ирсол карда шуданд. Инчунин, дар асоси муроҷиати шаҳрвандон ва супориши ВҲИ кормандони мақомот дар 9 (с.2021 - 6) мурофиаҳои судӣ иштирок намуданд.

Дар доираи ҳамкориҳои мазкур соли сипаришуда роҳбарият ва кормандони мақомоти ВҲИ дар кори 99 (с.2021 – 71) форуму конференсияҳо, семинару тренингҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои мақомоти давлатӣ иштирок ва баромад намуда, бо иқдомҳои ВҲИ 42 (с.2021 - 46) маротиба чунин чорабиниҳо ташкил ва гузаронида шуданд.

Аз ҷумла, рӯзи 14 июни соли 2022 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо иқдоми ВҲИ ва дастгирии

ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Нақши мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалисозии Ҳадафҳои Рушди Устувор дар робита бо ҳуқуқу озодиҳои инсон” баргузор гардид.




*Иштирокчиёни Конференсияи ҷумҳуриявии ВҲИ дар мавзӯи “Нақши мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалисозии Ҳадафҳои Рушди Устувор дар робита бо ҳуқуқу озодиҳои инсон”*

Конференсияи мазкур бо мақсади иҷрои самараноки “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” ҷиҳати ташвиқу тарғиби дастовардҳои Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи

инсон дар доираи амалисозии Ҳадафҳои Рушди Устувор барои давраи то соли 2030, ки бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 25 сентябри соли 2015 қабул шудааст, гузаронида шуд.

Дар кори Конференсия зиёда аз 300 нафар намояндагони мақомоти давлатӣ, корпусҳои дипломатии муқими Душанбе, созмонҳои байналмилалӣ, доираҳои илмии ватанӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, васоити ахбори омма ва волонтёрҳо иштирок намуданд.

Дар Конференсия масъулини вазорату идораҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба самтҳои фаъолият дар доираи 17 Ҳадафи муайяннамудаи Созмони Милали Муттаҳид маърӯза намуданд.

Маърӯзаҳои пешниҳодшуда мавриди муҳокимаи иштирочиёни чорабинӣ қарор дода шуда, ҷиҳати тақвият додани фаъолият ва иҷрои саривақтӣ ва самараноки "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дар робита бо ҳуқуқу озодиҳои инсон таклифу пешниҳодҳо ва тавсияҳои дахлдор баён карда шуданд.

Мақомоти ВҲИ ҷиҳати иҷрои ухдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон пайваста мусоидат менамояд.

Дар ин раванд ҳамкориҳои ВҲИ бо Намояндагии СММ, Барномаи рушди СММ, Комиссари Олии СММ оид ба

ҳуқуқи инсон, Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), намояндагии Иттиҳоди Аврупо, Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе, Агентии рушди байналмилалии ИМА (ЮСАИД), Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ (ICNL LLC) ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии муқими Тоҷикистон сол аз сол густариш меёбанд.

Дар доираи чунин ҳамкориҳо соли 2022 34 (с.2021- 12) вохӯриву мулоқотҳои мутақобилан судманди ВҲИ бо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо коршиноси мустақили байналилалӣ Карл Де Фариа, бо Роҳбари Намояндагии Комиссари Олии СММ оиди кор бо гурезаҳо Мулугета Зевдӣ, бо Сардори Раёсати Дафтари барномаҳои САҲА оид ба ченакҳои инсонӣ Роберт Ҳойер ва Машваратчӣ оид ба ҳуқуқи инсон Киерана Орийлӣ, бо роҳбари нави Намояндагии Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ленни Монтиел, бо Роҳбари Барномаҳои дастгирии ҳуқуқӣ хонум Элизабет Гивенс, бо муовини сардори Раёсати муассисаҳои миллӣ ва механизмҳои минтақавии Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон хонум Офарин Шаҳидзаде, бо мушовир оид ба ҳуқуқи инсони Дафтари ҳамоҳангсозии домии СММ дар ҷумҳурии Тоҷикистон Павло Биялик, бо мушовир оид ба ҳуқуқи инсони Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе Эми Томпсон Севимли, бо гузоришгари вижаи СММ оид ба масъалаи ҳомиёни ҳуқуқи инсон Мэри Лолор, бо мушовири асосии Комиссияи Аврупоӣ,

Роҳбари ҳайати GSP+ Эва Синовес ва ҳайати ҳамроҳонаш оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои инсон баргузор гардиданд.



*Мулоқот бо Питер Райли – Роҳбари Агентии рушди байналмилалии Иёлоти Муттаҳидаи Америка (USAID) дар Тоҷикистон*



*Мулоқот бо Дтректори Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайри-тиҷоратӣ (ICNL) дар Тоҷикистон – Элизабет Гивенс*



*Мулоқоти бо Роҳбари Намояндагии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Ленни Монтиел*

*Вохӯрии Умед Бобозода бо гузоришгари вижаи СММ оид ба масъалаи ҳомиёни ҳуқуқи инсон Мэри Лолор*





*Вохӯрии Умед Бобозода бо Павло Биялик – мушовир оид ба ҳуқуқи инсони Дафтари ҳамоҳангсози доимии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ҳамчунин, сафарҳои кории ВҲИ ба дигар давлатҳои хориҷӣ хеле судманд буданд. Аз ҷумла, бори нахуст бо мусоидати Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария сафари кории ВҲИ ба шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария рӯзҳои 15 - 23 июли соли 2022 ва вохӯриву мулоқотҳои самараноки ӯ бо намояндагони як қатор сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати табодули таҷриба ва муаррифии дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон анҷом дода шуданд.

Дар доираи сафари кории мазкур Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сардори бахши ҳуқуқи инсони Котиботи давлатии Вазорати корхои хориҷии Швейтсария хонум Жани Пияжет, мудири Дафтари минтақавии Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) хонум Афшин Хон, намояндаи аршади Бахши хифзи ҳуқуқи занони Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон хонум Ханна Ву, Директори ҳамкориҳои техникии Раёсати Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон Кристиян Салазар, Котиби Кумитаи Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои шахсони маъюб ҷаноби Ҷорҷе Арая ва дигар масъулини соҳа вохӯриҳои мутақобилан судманд анҷом доданд.



*Вохӯрии Умед Бобозода бо сардори Бахши ҳуқуқи инсони Котиботи давлатии Вазорати корхои хориҷии Швейтсария, хонум Жани Пияжет*










*Лаҳзаҳо аз вохӯриҳои Умед Бобозода дар Швейтсария*

Дар вохӯриҳо вазъи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои муҳими стратегии мамлакат дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, сиёсати гендерии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои занону кӯдакон ва масоили зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои такмили қонунгузорӣ ва механизмҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, самаранокии фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон, ҳифзи судии ҳуқуқи инсон ва нақши ҳуқуқи инсон дар амалишавии Ҳадафҳои Рушди Устувор барои давраи то соли 2030, ноил гардидани ниҳоди миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми “А” тибқи Принсипҳои Париж, тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба ва дигар масъалаҳои дахлдор мавриди муҳокимаи тарафҳо қарор гирифтанд.

Масъулини СММ омодагии худро ҷиҳати минбаъд низ идома додани ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан бо мақомоти ВҲИ дар соҳаи ҳуқуқи инсон иброз намуда, бо қаноатмандӣ изҳор намуданд, ки дар таърихи мавчудияти мақомоти ВҲИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони ин давлат ба қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар Женева ташриф оварда, оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо масъулини сохторҳои дахлдори Созмони Милали

Муттаҳид вохӯриву суҳбатҳои мутақобилан судманд анҷом медиҳад.

Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамтоёни хориҷии худ дар доираи Алянси Авруосиёгии Омбудсманҳо дар соли 2022 низ идома ёфтанд.

Дар Маърӯзаи ВҲИ барои соли 2021 қайд шуда буд, ки ҷиҳати боз ҳам бештар намудани ҳамкориҳо ва бастани ёддоштҳои тафоҳум бо ҳамтоёни хориҷӣ ва дигар сохторҳои дахлдори СММ оид ба ҳуқуқи инсон ба ВҲИ мусоидат карда шавад ва бо ин мақсад Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳанӯз дар оғози соли 2021 тариқи номаи расмӣ ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда буд. Мутаасифона масъалаи мазкур то ҳол ҳалли мусбии худро наёфтааст.

Инчунин кормандони мақомот дар як қатор чорабиниҳое, ки аз ҷониби омбудсманҳои дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ташкил шуда буданд, аз ҷумла дар Саммити сатҳи баланди аврупоӣ оид ба масъалаҳои маъюбият таҳти унвони "Дурнамои ҳамкориҳои байналмилалии умумиаврупоӣ" (фосилавӣ), онлайн-конференсия бахшида ба 27-солагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Ӯзбекистон (фосилавӣ), мизи мудаввар дар мавзӯи "Таҳкими ҳамгироии низоми СММ бо абзорҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор", ҷаласаи гурӯҳи

коршиносон оид ба масъалаи таъсиси Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон байни кишварҳои ИДМ (маҷозӣ), машваратҳои минтақавӣ дар мавзӯи “Таҷрибаи ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқ инсон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва таъмини бехатарии онҳо аз таҳдиду хатарҳои муосир дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон (маҷозӣ)”, вохӯрӣ бо ҳайати роҳбарикунандаи ICNL ва USAID, мизи мудаввар дар мавзӯи “Муассисаҳои миллии ҳуқуқи инсон”, семинари миллӣ дар мавзӯи “Татбиқи равиши ба ҳуқуқи инсон асосёфта ҷиҳати рушд дар контексти амалисозии Барнома барои давраи то соли 2030”, мизи мудаввар дар мавзӯи “Вусъат додани ҳамоҳангсозии байниидоравӣ барои пешгирии зӯроварии гендерӣ нисбати занон ва духтарон”, конфронс дар мавзӯи “Пешбурди равиши минтақавӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои даъватшудагони ҳарбӣ”, Форуми 3-юми минтақавии Осиёи Марказӣ дар мавзӯи  “Манзили иҷтимоӣ дар Осиёи марказӣ: таҷрибаҳои беҳтарин, мушкилот ва пешомадҳо”, семинар-машварат дар мавзӯи “Мустақилияти ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсони Осиёи Марказӣ”, ҷаласаи солонаи UNFPA “Натиҷаи иҷрои Барномаи чоруми кишварии Созмон барои солҳои 2016-2022” ва дигарҳо иштирок ва суханронӣ намуданд.

Таҳлили натиҷаҳои сафари кории  Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ба Конфедератсияи Швейтсария нишон медиҳад, ки вохӯриву мулоқотҳои анҷомдодашуда бо масъулини

сохторҳои СММ имкон доданд, то фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзу пешбурди ҳуқуқи инсон бевосита муаррифӣ карда шавад. Аз ин лиҳоз, идома додани ҳамкориҳо дар ин самт дар оянда ба мақсад мувофиқ буда, барои тақвият додани имиҷи мусбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат менамоянд.

Соли 2022 дар доираи ҳамкориҳои ВҲИ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии соҳаи ҳуқуқи инсон як қатор нақшаҳои якҷоя, аз ҷумла бо Барномаи рушди СММ, Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе ва дигарҳо амалӣ карда шуданд.

Нақшаҳои якҷояи ВҲИ бо созмонҳои байналмилалӣ дар доираи амалисозии Стратегияи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки якчанд самти афзалиятнок, аз ҷумла таҳкими иқтидори мақомоти ВҲИ, баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҳимояи ҳуқуқи инсон дар низоми муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, пешгирии амалҳои зӯроварӣ дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо, ҳифзи ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият ва ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсилро дар бар мегирад, роҳандозӣ шудаанд.

Ҳамзамон, ВҲИ дар амалисозии нақшаҳои миллии амалҳо оид ба иҷрои тавсияҳои сохторҳои махсус ва шартномавии Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи ҳуқуқи

инсон, аз ҷумла Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2020-2025, Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи Созмони Милали Муттаҳид барои солҳои 2019-2022, Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба барҳам додани нисбати занон барои солҳои 2019-2022, Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои солҳои 2020-2024, Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024, Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба иҷрои қатъномаҳои №1325 ва №2242 Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, Нақшаи амали Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024, Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо вобаста ба гузориши сеюм-панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва протоколҳои иловагии он барои солҳои 2018-2022 мунтазам мусоидат менамояд.

Дар ин робита аз ҷониби масъулини Созмони Милали Муттаҳид ва коршиносони байналмилалӣ ҳамкориҳои ВҲИ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ гардида, нақшаҳои миллии амалҳо оид ба иҷрои тавсияҳои сохторҳои

дахлдори Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун яке аз таҷрибаҳои беҳтарини ҷумҳурӣ эътироф ва барои омӯзишу татбиқ ба дигар давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод шудаанд.

Ҳамасола дар арафаи таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон (10 - декабр) бо иқдоми ВҲИ бо дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд Ҳафтаи ҳуқуқи инсон ҷашн гирифта мешавад. Соли 2022 низ ҳамин анъана идома ёфта, дар ҷумҳурӣ чорабиниҳои ҷашнии ВҲИ бо иштироки намояндагон аз вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллӣ, созмонҳои байналмилалӣ, доираҳои илмии ватанӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма ташкил ва гузаронида шуданд.

Аз ҷумла, аз 5 то 10 декабри соли 2022 дар шаҳри Душанбе мизҳои мудаввари ВҲИ оид ба муаррифии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ”, дар мавзӯъҳои “Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ”, “Зӯроварӣ дар оила - мушкилоти иҷтимоии замони муосир” ва мизи мудаввари ҷамъбастӣ оид ба таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон баргузор гардиданд.












*Аксҳо аз мизҳои мудаввари мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Ҳафтаи ҳуқуқи инсон, 5 - 10 декабри соли 2022*



*Мизи мудаввари мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ш. Душанбе, 9 декабри соли 2022*

Соли 2022 ҳамкориҳои мақомоти ВҲИ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ идома ёфтанд. Аз ҷумла ВҲИ узви доимии Шӯрои ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҷиҳати таҳким бахшидани ваҳдати миллӣ дар доираи фаъолияти ин ташкилоти бонуфузи ҷамъиятӣ мунтазам саҳмгузорӣ мекунад.

Дар ин раванд ҳамкориҳои мақомот бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба таҳия ва амалисозии нақшаҳои миллии амалҳо, инчунин нақшаҳои якҷоя дар самтҳои мухталифи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба роҳ монда шудааст.

Аз ҷумла, дар якҷоягӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии “Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ” дар байни ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили №15426 дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ, № 13483 дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон, № 13483“д” дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, №08362 дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд ва 13483 “д” дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон бо иштироки афсарон ва хизматчиёни ҳарбӣ мизҳои мудаввар гузаронида шуданд.



*Мизи мудаввари мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки афсарон ва хизматчиёни ҳарбӣ*

Мавриди зикр аст, ки ҳамкориҳои ВҲИ дар самти ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо бо Ташкилоти ҷамъиятии “Инсон ва адолат” сол аз сол густариш ёфта, гузаронидани чорабиниҳои иттилоотии якҷоя ба ҳукми анъана даромадааст. Аз ҷумла, санаи 17 июни соли 2022 бахшида ба Рӯзи байналмилалии гурезаҳо дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии «Инсон ва адолат» мизи мудаввар гузаронида шуд.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои самаранок бо Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон» дар шаҳри Панҷакент ва ноҳияи Айнӣ мониторинги риояи ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил гузаронида шуд.

Чунин ҳамкориҳои мутақобилан судманди ВҲИ бо Ассотсиатсияи миллии маъюбони Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии “Дафтар оид ба ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун” ва дигар сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба роҳ монда шудаанд.

б) Фаъолияти сохторҳои минтақавии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Асосҳои ҳуқуқии таъсисёбӣ ва амалисозии фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд.

Нақши сохторҳои минтақавӣ ҷиҳати амалӣ гаштани ваколатҳои ВҲИ дар маҳалҳо муҳим арзёбӣ мегардад, зеро ба

ин васила дастрасии ВҲИ барои шаҳрвандон, аз ҷумла табақаҳои осебпазири ҷомеа, хусусан аз минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ осон мегардад.

Намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ҷиҳати қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ба онҳо фаҳмонидани шаклу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ, ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттилоотонии ҷомеа дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон, расонидани маслиҳати ройгони ҳуқуқӣ ба мурочиаткунандагон, ташкили машваратҳои ҳуқуқии сайёр дар маҳалҳо мусоидат менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ аз ҳисоби маблағҳои грантии шарикони рушд амалӣ карда мешавад ва баробари ба итмом расидани лоиҳаҳо фаъолияти онҳо қатъ мешавад. Бо ҳамин сабаб аз 9 қабулгоҳҳои ҷамъиятие, ки солҳои қаблӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фаъолият менамуданд, дар аввали соли 2022 танҳо 3-тои онҳо фаъолияти худро идома доданд. Мутаассифона, фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Кӯлобу Исфара ва ноҳияи Қубодиён низ бинобар ба итмом расидани лоиҳаи Барномаи рушди СММ аз моҳи июли соли 2022 қатъ карда шуд.

Оид ба мушкилоти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2021 муфассалан ибрози назар шуда буд.

Аз ҷумла, қайд шуда буд, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ шудани намояндагиҳо ба

мустақилияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсири манфӣ мерасонад.

Тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ шудааст, ба қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Хоруғ, Бохтар ва Хуҷанд мақоми Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон дода шуд. Намояндагиҳо мувофиқан 2 воҳиди корӣ дошта, онҳо хизматчии давлатӣ мебошанд.

Вале, новобаста аз иваз шудани мақоми намояндагиҳо аз шаҳрӣ ба вилоятӣ маблағгузориашон ҳоло ҳам аз ҳисоби буҷети шаҳрҳои Хоруғ, Бохтар ва Хуҷанд амалӣ карда мешавад, ки зимни пешбурди фаъолият мушкилиҳо эҷод менамояд. Маблағҳои пешбинишуда барои сохторҳои маҳаллии мақомот кофӣ набуда, ба самаранокии фаъолият, мутамаркази идоракунӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ва таъминоти моддию техникии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ин робита мувофиқи мақсад аст, ки қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва хусусан дар минтақаҳои сераҳолӣ аз нав таъсис дода шуда, фаъолияти онҳо бо мусоидати шарикони рушд дар доираи қонунгузорӣ маблағгузорӣ карда шавад.

Соли 2022 фаъолияти намояндагиҳои ВҲИ дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон идома дода шуд. Натиҷагирӣ аз фаъолияти онҳо нишон медиҳад, ки кормандони сохторҳои

минтақавии ВҲИ соли 2022 дар кори 89 (с.2021 - 101) мизҳои мудаввар, тренингу семинарҳо иштирок ва суханронӣ намудаанд.

Ҳамчунин дар ин давра сохторҳои минтақавӣ 110 (с.2021 - 140) машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузаронидаанд, ки дар онҳо зиёда аз 7000 нафар иштирок намудаанд. Дар чорабиниҳо кормандони намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ бо намояндагӣ аз ВҲИ паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва нақши мақомот дар пешбурд, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро матраҳ намудаанд.

Ҳамкориҳои мутақобилан судманди намояндагиҳои ВҲИ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ роҳандозӣ карда шуда, онҳо мавқеи худро дар низоми миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон пайдо намудаанд.

Бо мақсади такмил додани малакаҳои корӣ ва донишҳои касбии кормандони сохторҳои минтақавии ВҲИ ҷалби мунтазами онҳо ба тренингу семинарҳои омӯзишӣ ва дигар чорабиниҳои мақомот ба роҳ монда шудааст.

<table>
<tr><th rowspan="2">р/т</th><th rowspan="2">Намоян-дагиҳо</th><th colspan="2">Баррасии мурочиатҳо:</th><th colspan="3">Баромадҳо дар ВАО:</th><th rowspan="2">Машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ</th><th rowspan="2">Иштирок дар чорабиниҳо</th><th rowspan="2">Иштирок дар мурофиаҳои судӣ</th><th colspan="2">Мурочиаткунандагон:</th></tr>
<tr><th>хаттӣ</th><th>шифоҳӣ</th><th>ТВ</th><th>радио</th><th>мақола</th><th>занон</th><th>мардон</th></tr>
<tr><td>1</td><td>Намояндагӣ дар вилояти Суғд</td><td>103 (93)</td><td>267 (246)</td><td>10 (13)</td><td>15 (15)</td><td>31 (29)</td><td>84 (52)</td><td>28 (8)</td><td>9 (1)</td><td>198 (205)</td><td>172 (134)</td></tr>
<tr><td>2</td><td>Намояндагӣ дар ВМКБ</td><td>5 (5)</td><td>241 (488)</td><td>17 (25)</td><td>6 (7)</td><td>9 (10)</td><td>23 (52)</td><td>28 (62)</td><td>0 (0)</td><td>123 (275)</td><td>124 (203)</td></tr>
<tr><td>3</td><td>Намояндагӣ дар вилояти Хатлон</td><td>14 (0)</td><td>43 (0)</td><td>1 (0)</td><td>3 (0)</td><td>5 (0)</td><td>14 (0)</td><td>15 (0)</td><td>1 (0)</td><td>32 (0)</td><td>25 (0)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Ҷамъ:</td><td>122 (98)</td><td>551 (734)</td><td>28 (38)</td><td>24 (22)</td><td>45 (39)</td><td rowspan="2">121 (104)</td><td rowspan="2">71 (70)</td><td rowspan="2">10 (1)</td><td>353 (480)</td><td>320 (337)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Умуман:</td><td colspan="2">673 (832)</td><td colspan="3">97 (99)</td><td colspan="2">673 (817)</td></tr>
</table>

Аз нишондиҳандаҳои омории сохторҳои минтақавии ВҲИ бармеояд, ки фаъолияти онҳо дар баъзе самтҳо нисбат ба соли пешин камтар шудааст. Яке аз сабабҳои чунин ҳолат фаъолияти номунтазами намояндагии ВҲИ дар вилояти Хатлон буда, намояндагии мазкур аз моҳи ноябри соли 2021 инҷониб роҳбар надорад. Новобаста аз саъю талошҳои ВҲИ тавассути якчанд маротиба эълон намудани озмун дар воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ то ҳол хоҳишмандон барои ишғоли мансаби зикршуда пайдо нашуданд.

в) Маблағгузории фаъолияти мақомот

Тибқи талаботи Принсипҳои марбут ба мақоми муассисаҳои миллӣ, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд (Принсипҳои Париж) маблағгузории фаъолияти ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон сол аз сол бояд зиёд карда шавад.

Аз ин лиҳоз, маблағгузории фаъолияти мақомоти ВҲИ низ сол аз сол зиёд мегардад. Аз ҷумла, соли 2022 дар буҷети давлатӣ барои мақомоти ВҲИ 1 987 864 (соли 2021 1 831 588) сомонӣ ҷудо шуда буд, ки назар ба соли 2021 156 276,00 сомонӣ зиёд аст. Дар ин сол барои Дастгоҳи марказии ВҲИ ба маблағи 1 888 102 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои намояндагиҳои ВҲИ дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон ба маблағи умумии 99 762 сомонӣ ҷудо гардида, мақсаднок истифода бурда шудаанд.




Маблағгузории фаъолияти мақомоти ВҲИ ҶТ сол аз сол зиёд гардида, соли 2022 дар буҷети давлатӣ барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 987 864 (соли 2021 1 831 588) сомонӣ ҷудо шуда буд.

Инчунин дар соли 2022 аз ҳисоби маблағҳои грантӣ барои таъмини фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Кӯлоб, Исфара ва ноҳияи Қубодиён аз ҳисоби Барномаи рушди СММ ба маблағи 313 033 сомонӣ, аз ҳисоби маблагғҳои грантӣ барои гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба Ҳафтаи ҳуқуқи инсон аз ҳисоби лоиҳаи "Нури рушноӣ"-и Барномаи рушди СММ ба маблағи 23 565 ва барои гузаронидани мониторинги вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби Хазинаи кӯдакони СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 44 400 сомонӣ сарф гардидааст.

Дар маҷмуъ соли 2022 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 380 998 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 19% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолият ва таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- таъмин намудани маблағгузории фаъолияти намояндагиҳои мақомоти ВҲИ аз ҳисоби маблағҳои буҷети марказӣ;
- омӯзиши масъалаи таъсис додан ва марҳила ба марҳила ба буҷети давлатӣ гузаронидани маблағгузории қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ;
- идома додани таҷрибаи самараноки вохӯриҳои ВҲИ бо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария дар солҳои минбаъда;

- аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ мусоидат намудан ҷиҳати густариши ҳамкориҳои ВҲИ бо ниҳодҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон.

## 1.2. Иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон

Иттилоотонии ҷомеа тавассути васоити ахбори омма ва нашри маводи иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти ВҲИ мебошад.

Соли 2022 аз ҷониби роҳбарият ва кормандони Дастгоҳи марказии ВҲИ 145 (с.2021 - 153) баромад дар воситаҳои ахбори омма таъмин карда шуд. Аз ҷумла, 40 баромади телевизионӣ, 39 баромад дар радио ва нашри 66 маводи иттилоотӣ дар матбуоти даврии чопӣ ва электронӣ анҷом дода шуд.

Дар ин давра кормандони сохторҳои минтақавӣ тариқи васоити ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ 97 (с.2021 - 99) маротиба баромад намудаанд, ки аз онҳо 28 баромади телевизионӣ, 24 баромад дар радио ва 45 мақола дар матбуоти даврӣ ва электронӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, соли сипаришуда дар мақомоти ВҲИ 242 (с.2021 - 252) баромад дар васоити ахбори омма таъмин карда шудааст. Аз ҷумла, 68 баромадҳои телевизионӣ (2021 - 70), 63 баромад дар радио (2021 - 75) ва нашри 111 (2021 - 117) маводи иттилоотӣ дар матбуоти даврӣ ва электронӣ анҷом дода шудааст.




Дар ин давра бо ибтикори мақомоти ВҲИ 42 (с.2021 - 46) чорабинӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла:

Рӯзҳои 03.02.2022 ва 01.08.2022 нишастҳои матбуотӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти ВҲИ дар соли 2021 ва нимсолаи аввали соли 2022 барои рӯзноманигорони ватаниву хориҷӣ ташкил ва гузаронида шуда, натиҷаҳои онҳо дар васоити ахбори омма инъикоси васеи худро ёфтанд.

Бо мақсади осон намудани дастрасии шаҳрвандон ба ВҲИ ҳамасола аз ҷониби ВҲИ зимни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ машваратҳои сайёр анҷом дода мешавад. Соли 2022 бо ин мақсад аз ҷониби ВҲИ ба ноҳияҳои Ашт, Мастчоҳ, Ҷ.Расулов ва шаҳри Бӯстони вилояти Суғд, инчунин ба ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Мирсаид Алии Ҳамадонии

вилояти Хатлон, ноҳияҳои Рашт, Нуробод ва Файзобод сафарҳои корӣ анҷом дода шуданд.

Бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 санаи 6 январи соли 2022 бо иштироки роҳбарият ва кормандони мақомот мизи мудаввар гузаронида шуда, нашри махсуси маҷаллаи «Ахбори ВҲИ», ки ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 бахшида шуда буд, таҳия ва чоп карда шуд.



*Тамошои дастаҷамъонаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон*



ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

Дар се моҳ як маротиба нашр мешавад
Издается один раз в квартал

ДАР ШУМОРА:
В НОМЕРЕ:

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

Тамошои дастаҷамъонаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ»

Мизи мудаввари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022

Паёми дастовардҳо ва иқдому ташаббусҳои созандаи мамлакат

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳадафҳои Рушди Устувор

Манфиатҳои беҳтарини кӯдакон дар меҳвари Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳуқуқи дастрасӣ ба интернет ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиву террористӣ аз бахшҳои муҳими Паёми имсолаи Пешвои миллат мебошанд

Баъзе аз ҷанбаҳои сиёсати «дарҳои кушода» дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ

**АХБОРИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

(нашри махсус бахшида ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022)

**ВЕСТНИК УПОЛНОМОЧЕННОГО ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

(специальный выпуск, посвященный Посланию Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 23 ноября 2022 года)

"Мо бояд тамоми донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро минбаъд низ ба рушди давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон равона кунем, кишвари маҳбубамонро пешрафта гардонем ва барои наслҳои оянда як мулки обод мерос гузорем".

Эмомалӣ Раҳмон

*Нашри махсуси маҷаллаи "Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ба ифтихори Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 9 ноябри соли 2022 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои кормандони Дастгоҳи ВҲИ, намояндагони Шӯрои ҷавонони назди ВҲИ ва ихтиёриён бо иштироки олими таърихшинос Зикриё Акрамов  мизи мудаввари ВҲИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуд.

Маҷмӯаи маводи Конференсияи ҷумҳуриявии ВҲИ дар мавзӯи “Нақши мақомоти ВҲИ ҶТ дар амалисозии Ҳадафҳои Рушди Устувор дар робита бо ҳуқуқу озодиҳои инсон”, ки 14 июни соли 2022 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, зери таҳрири ВҲИ У. Бобозода таҳия ва бо теъдоди 150 нусха чоп карда шуда, ройгон паҳн карда шуд.

Бо мақсади сазовор ва пурмуҳтаво таҷлил намудани Ҳафтаи ҳуқуқи инсон дар соли 2022 аз ҷониби мақомоти ВҲИ рӯзҳои 5 – 9 декабри соли 2022 оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон 5 мизи мудаввар  ташкил ва гузаронида шуда, чорабиниҳои бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон санаи 9 декабри соли 2022 дар меҳмонхонаи “Ҳилтон”  бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ, доираҳои илмии ватанӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма ва кормандони мақомоти ВҲИ ҷамъбаст карда шуданд. Чорабиниҳои мақомоти ВҲИ бахшида ба Ҳафтаи

ҳуқуқи инсон дар васоити ахбори оммаи ватанӣ васеъ инъикос карда шуданд.

Дар ин давра аз ҷониби кормандони ВҲИ як қатор мизҳои мудаввар барои кормандони муассисаҳои пӯшида, аз ҷумла МИ ЯС3/5 СРИҶҶ ВА ҶТ дар ш. Хуҷанд, МИ ЯС3/5-и СРИҶҶ Вазорати адлияи ҶТ дар шаҳри Истаравшан, МИ ЯС3/9-и СРИҶҶ Вазорати адлияи ҶТ дар ноҳияи Дӯстӣ ва дар ШВКД дар ноҳияи Ш. Шоҳин дар мавзӯи "Пешгирии шиканҷа", "Пешгирии экстремизм ва терроризм", "Ҳуқуқҳои маҳкумшудагон" ташкил ва гузаронида шуданд.



*Мизи мудаввари мақомоти Ваколтадор оид ба ҳуқуқи инсон барои кормандони муассисаҳои пӯшида*

Кормандони ВҲИ дар 99 (с.2021 - 71) чорабиниҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор гардиданд, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар робита бо мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи машғулиятҳои идоравии кормандони Дастгоҳи ВҲИ таҳия ва тасдиқ карда шуда, соли 2022 48 маротиба дарсҳои бозомӯзӣ ва мизҳои мудаввар барои кормандони Дастгоҳи ВҲИ ташкил ва гузаронида шуда, аз натиҷаи онҳо ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мухлатҳои муқарраршуда гузоришҳои муфассал ирсол карда шуд. Зимни баргузории чорабиниҳои мазкур дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқи инсон, сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташвиқу тарғиб гардиданд.

Ҳамчунин, дар асоси Стратегияи фаъолияти мақомоти ВҲИ ҶТ барои солҳои 2021-2025 Барномаи амали мақомот барои соли 2022 таҳия, тасдиқ ва дар шакли китобча омода ва барои кормандон дастрас карда шуд.

Тибқи талаботи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" то моҳи феврали соли ҷорӣ Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2021 таҳия ва ба мақомоти дар қонун пешбинишуда ирсол карда шуд. Ҳамчуни шакли электронии он ба почтаҳои электронии макомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда шуда, дар сомонаи интернетии ВҲИ ҷой дода шуд.

Маърузаи мазкур бо забони русӣ ва англисӣ низ тарҷума шуда, бо теъдоди 300 нусха чоп ва ба мақомоту идораҳои дахлдор ва муассисаҳои илмиву китобхонаҳои ҷумҳуриявӣ дастрас карда шуд.

Дар ин давра нашри махсуси «Ахбори ВҲИ», ки ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда буд, таҳия ва чоп карда шуда, 4 шумораи навбатии он нашр карда шуд.

Инчунин фаъолияти мунтазами сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаи интернет ба роҳ монда шуда, дар давраи ҳисоботӣ 107 мавод, аз ҷумла 87 хабар ва 30 мақола ҷой карда шуд. Ҳамзамон, маводи дахлдор оид ба фаъолияти мақомот аз сомона ба саҳифаи фейсбукии ВҲИ бознашр карда шуд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– бештар намудани таҳия ва нашри маводи иттилоотӣ ва пахши барномаҳои телевизонӣ ва радиоӣ бо мақсади ташвиқу тарғиби ҳуқуқу озодиҳои инсон;

– тақвият додани фаъолият дар самти машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкориҳо бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ.

### 1.3. Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 дар соли 2022

Яке аз вазифаҳои асосии мақомоти ВҲИ мусоидат дар баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади иҷрои самараноки вазифаи зикршуда ва ҳадафҳои Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2020-2024 дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ ва бо ташаббуси ВҲИ Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 таҳия ва қабул гардид.



Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 30 декабри соли 2021 № 565
ш. Душанбе

Дар бораи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026

Мутобиқи моддаҳои 17 ва 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Барои амалӣ намудани Барномаи мазкур Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигари дахлдор Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравиро таъсис диҳад.

3. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар иҷрои Барномаи мазкурро таъмин намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон



*Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026*

Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳар панҷсола як маротиба таҷдиди назар шуда, бо дарназардошти фарогирии қишрҳои нави ҷомеа такмил ва бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул мешавад, аз ҷумла дар марҳилаи нави Барномаи мазкур барои солҳои 2020-2024 ба самтҳои воситаҳои ахбори омма ва ҷавонон афзалият дода шудааст.

Барнома низоми таълимро дар марҳилаи нави рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият дода, барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, тақвият додани донишҳои касбии кормандони соҳаи маориф, судяҳо, хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ, ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ҷавонон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ равона шудааст.

Дар робита ба тасдиқ гардидани Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 ва амалисозии Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Барнома дар соли 2022 як қатор чорабиниҳо гузаронида шуданд. Аз ҷумла:

-Бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №11 аз 16 феврали соли 2022 аз ҳисоби намояндагони Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия, мудофиа, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи

иҷтимоӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ва мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ таъсис дода шуд;

- Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 ба забони англисӣ тарҷума ва бо се забон ба миқдори 300 нусха нашр карда шуд;

-Санаи 10 марти соли 2022 ҷаласаи якуми Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ ва муаррифии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 баргузор карда шуд, ки дар он аъзои Шӯрои ҳамоҳангсоз, намояндагони мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.

-Ҷиҳати иттилоотонии аҳолӣ оид ба мазмун ва муҳтавои Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 санаи 5 май дар барномаи "Маърифати ҳуқуқӣ"-и Муассисаи давлатии телевизиони "Тоҷикистон" баромад карда шуд.

-Дар доираи амалисозии банди 25 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҷиҳати мусоидат ба баланд бардоштани малакаи омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон» вобаста ба тарзу восита

ва методикаи таълими ҳуқуқи инсон рӯзҳои 18-19 майи соли 2022 барои 27 нафар омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон»-и муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳри Панҷакент семинари омӯзишӣ гузаронида шуд.

-Дар доираи амалисозии банди 30 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз 31 май то 3 июни соли 2022 барои 22 нафар шахсони тамоси вазорату идораҳо тренинг гузаронида шуд. Барои шахсони тамос оид ба мавзӯъҳои ҳуқуқи инсон чист?; таснифоти ҳуқуқҳои инсон; маърӯзаҳо ва расмиёти мурочиатҳои инфиродӣ ба сохторҳои СММ; низоми мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ дар мисоли баробарӣ ва беӣ ва дигар масъалаҳо маълумот пешниҳод карда шуд.

-Ҷиҳати мусоидат ба раванди таълими ҳуқуқи инсон барои ҷавонон аз ҳисоби кормандони ВҲИ, олимони ҷавон ва донишҷӯёни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия Шӯрои ҷавонони назди ВҲИ дар ҳайати 14 нафар таъсис дода шуда, ҳайат ва Низомномаи Шӯро бо фармоиши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон №3 аз 8 феврали соли 2022 тасдиқ гардидааст.

-Дар доираи амалисозии банди 25 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҷиҳати мусоидат ба баланд бардоштани малакаи омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон» вобаста ба тарзу восита ва методикаи таълими ҳуқуқи инсон рӯзҳои 22-23 сентябри

соли 2022 барои 25 нафар омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон»-и муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳри Хуҷанд семинари омӯзишӣ гузаронида шуд.

-Дар доираи амалисозии банди 30 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон 27-29 октябри соли 2022 барои 23 нафар шахсони тамоси вазорату идораҳо тренинги навбатӣ гузаронида шуд. Барои шахсони тамос оид ба мавзӯъҳои: низоми ҳифзи ҳуқуқи инсон дар доираи СММ; расмиёти пешниҳоди гузоришҳои миллӣ ба СММ; ШУД ва расмиёти махсуси СММ; ҲРУ ва ҳуқуқи инсон; тавсияҳои СММ оид ба гузориши Тоҷикистон ба Кумитаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; маърӯзаҳо ва расмиёти муроҷиатҳои инфиродӣ ба сохторҳои СММ; ухдадориҳои байналмилаии давлат дар соҳаи ҳуқуқи инсон – имплементатсия дар қонунгузории миллӣ ва дигар масъалаҳо маълумот пешниҳод карда шуд.

-Дар доираи амалисозии банди 25 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҷиҳати мусоидат ба баланд бардоштани малакаи омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон» вобаста ба тарзу восита ва методикаи таълими ҳуқуқи инсон рӯзҳои 10-11 ноябри соли 2022 барои 22 нафар омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон»-и муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳри Бохтар семинари омӯзишӣ гузаронида шуд.

-Санаи 21 ноябри соли 2022 бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе барои 50 нафар омӯзгорони фанни “Ҳуқуқи инсон”

ва масъулини мақомоти давлатӣ дар мавзӯи “Тарзу восита ва методикаи таълими ҳуқуқи инсон” мизи мудаввар баргузор гардида, намояндаи ВҲИ дар ин чорабинӣ иштирок ва вобаста ба раванди татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 ва аҳамияти таълими ҳуқуқи инсон маърӯза намуд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– мусоидат ҷиҳати татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026;

– амалисозии самараноки барномаҳои соҳавӣ-мақсадноки амалкунандаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва пешниҳоди гузориш ба ВҲИ дар муҳлатҳои муқарраршуда;

– тавсеа додани семинару тренингҳо барои намояндагони гурӯҳҳои мақсадноки Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқ инсон барои солҳои 2022-2026.

## 1.4. Мусоидат ба такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии худ дар соҳаи ҳуқуқи инсон пайваста фаъолият намуда, ҷиҳати мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон марҳила ба марҳила чораандешӣ мекунад.

Дар ин ҷода ВҲИ низ тибқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар доираи ваколатҳои худ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам мусоидат мекунад.

Соли 2022 аз ҷониби ВҲИ бо мақсади иҷрои саривақтӣ ва самараноки вазифаҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда ҷиҳати такмил додани қонунгузории миллӣ ва мутобиқсозии он ба меъёрҳои санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон лоиҳаи 50 (с.2021 - 35) санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, хулосаҳои дахлдору асоснок пешниход карда шуд.

Аз ҷумла, ба лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф вобаста ба қонунигардонии мақоми ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба таври ғайриқонунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд”, “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила”, «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълими калонсолон»,

“Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” “Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”, “Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” хулосаҳо пешниҳод карда шуданд.

Ҳамзамон, ба як қатор лоиҳаҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хулосаҳо пешниҳод гардиданд.

Аз ҷумла, ба лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Номгӯйи субъектҳои дар муқовимат ба терроризм иштироккунанда», “Тартиби бақайдгирии захираҳои иттилоотӣ барои маҳдуд намудани ҳуқуқи истифодабарандаи шабакаи маҷозӣ (виртуали)-и рамзикунанда”, “Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023-2040”, “Дар бораи номгӯи намудҳои фаъолияти касбӣ ва нишондодҳои тиббие, ки дар асоси онҳо давлат ҷиҳати ройгон нигоҳ доштани ҳуҷайраҳои ҷинсӣ хизматрасониро кафолат медиҳад”, “Дар бораи бо маводи дорувории ройгон ё бо шартҳои имтиёзнок таъмин намудани гурӯҳи кӯдакон вобаста ба синну сол ва дараҷаи беморӣ, ки табобати дармонгоҳӣ мегиранд”, “Дар бораи Комиссияи доимамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ” хулосаҳо манзур шуданд.

Дар ин раванд лоиҳаи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», лоиҳаи «Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», лоиҳаи Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, лоиҳаи Низомномаи Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Протокол дар хусуси ворид намудани тағйирот ба Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 майи соли 1995, лоиҳаи Конвенсияи Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати мавқеъгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамроҳшавӣ ба он, лоиҳаи Мониторинги таҳлилии ҷамъбастӣ вобаста ба иҷрои Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбати кӯдакон барои солҳои 2017-2021, лоиҳаи Гузориши даврии 6-7 Тоҷикистон оид ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хулосаҳо пешниҳод карда шуданд.

Дар ин раванд ба 193 (с.2021 – 152) ҳуҷҷатҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва консепсияву барномаҳои давлатӣ низ дар муҳлатҳои муқарраршуда маълумотнома ва ахбору гузоришҳо пешниҳод шудааст.

Дар такмили қонунгузории миллӣ ва мутобиқсозии он ба меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ нақши гурӯҳҳои кории байниидоравӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Соли 2022 кормандони Дастгоҳи маркази ВҲИ дар як қатор ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ вобаста ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла вобаста ба расмиёти фарзандхондӣ, оид ба таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба бартараф намудани қолабҳои гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҷиҳати баррасии раванди таҳияи Санади барномаҳои кишварии Барномаи рушди СММ барои солхои 2023-2026, оид ба масъалаҳои омӯзиши тасдиқнамоии Конвенсияи Гаага ва протоколи 3 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, оид ба омӯзиш ва пешниҳоди таклиф ҷиҳати батасвибрасонии Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, оид ба мутобиқсозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Принсипҳои Париж, оид ба ҳамроҳшавиии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Ҳамкориҳои Авруосиёгӣ, оид ба муҳокимаи Накшаи миллии чорабиниҳо оид ба иҷрои қатъномаҳои №1325 ва №2242 Шӯрои амнияти СММ (пешгирии зӯроварӣ дар оила), оид ба масъалаи ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи соли 1954 дар бораи вазъи апатридҳо ва Конвенсияи соли 1961 дар бораи кам кардани бешаҳрвандӣ, оид ба номгузории миллӣ, вобаста ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи

пробатсия” ширкат намуда, дар такмили қонунгузории миллӣ ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ саҳмгузорӣ намуданд.

Мавриди зикр аст, ки бо иқдоми ВҲИ дар доираи таҷлили Ҳафтаи ҳуқуқи инсон рӯзи 5 декабри соли 2022 бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма мизи мудаввар оид ба муаррифии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ”, ки аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравӣ бо иштироки бевоситаи ВҲИ таҳия ва қабул гардид, ташкил ва гузаронида шуд.

Мавриди зикр аст, ки яке аз вазифаҳои асосии ВҲИ тибқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мусоидат ба тасдиқ кардан ё ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад, ки аз уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Ҷиҳати амалисозии ин вазифа соли 2022 дар мақомоти ВҲИ иҷроиши бандҳои дахлдори як қатор Нақшаҳои миллӣ, аз ҷумла Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2020-2025, Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи Созмони Милали Муттаҳид барои солҳои 2019-2022, Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали

Муттаҳид оид ба барҳам додани нисбати занон барои солҳои 2019-2022, Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои солҳои 2020-2024, Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024, Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба иҷрои қатъномаҳои №1325 ва №2242 Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, Нақшаи амали Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024, Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо вобаста ба гузориши сеюм-панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва протоколҳои иловагии он барои солҳои 2018-2022 ва Нақшаи кори Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 роҳандозӣ карда шуд.

Вобаста ба иҷрои бандҳои дахлдори нақшаҳои мазкур ва тибқи тартиби муқаррааргардида ҳар нимсола аз ҷониби сохторҳои масъули Дастгоҳи ВҲИ сари вақт ҷавоб ирсол карда шудааст.

Ҳамзамон, бо ишора ба Маърӯзаи ВҲИ барои соли 2021 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бори дигар таъкид месозад, ки бо дарназардошти муҳимияти иштироки ВҲИ дар раванди такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва яке аз вазифаҳои асосии ӯ маҳсуб ёфтани такмили қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқи мақсад мешуморад, ки лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бевосита ба ҳуқуқҳои инсон равона гардидаанд, барои пешниҳоди хулоса ҳатман ба мақомоти ВҲИ ирсол карда шаванд. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки дар бештари ҳолатҳо лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқи инсон бидуни гирифтани хулосаи мақомоти ВҲИ сурат мегирад.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани раванди такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– ба мақомоти ВҲИ барои пешниҳоди хулоса ирсол кардани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дахл доранд;

– ба инобат гирифтани мавқеи мақомоти ВҲИ зимни ҳамроҳшавӣ ба санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон;

– ҷалби кормандони мақомоти ВҲИ ба фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқи инсон.

### 1.5. Қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои асосии ВҲИ ба ҳисоб меравад. ВҲИ ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва самараноки вазифаи мазкур пайваста фаъолият намуда, дар ин самт чораҳои зарурӣ меандешад.

Дар ин раванд соли 2022 дар мақомоти ВҲИ 1191 адад (с.2021 - 1951) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 362 муроҷиати хаттӣ (с.2021 - 369), 825 муроҷиатҳои шифоҳӣ (с.2021 - 1569), 1 муроҷиати электронӣ (с.2021 - 6) ва 3 муроҷиати телефонӣ (с.2021 - 7) мебошанд.

Аз 1191 муроҷиатҳои воридшуда 518 муроҷиат (с.2021 - 639 адад) дар Дастгоҳи марказии ВҲИ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 240 (с.2021 - 231) адад муроҷиати хаттӣ (аз ҷумла 52 адад аз ҷониби ВҲК), 274 (с.2021 - 395) адад (аз ҷумла 126 адад аз ҷониби ВҲИ ва 29 адад аз ҷониби ВҲК) муроҷиати шифоҳӣ, 1 адад муроҷиати электронӣ (с.2021 - 6) ва 3 адад муроҷиатҳои телефонӣ (с.2021 - 7) мебошанд. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 – 121 муроҷиат кам ворид гардидааст.




| | Мониторинг | Санҷиш | Боздид | Хамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 2021 | 33 | 27 | 10 | 70 |
| 2022 | 16 | 46 | 12 | 74 |

Қабули шаҳрвандон дар мақомоти ВҲИ тибқи Ҷадвали тасдиқшуда ҳар рӯзи ҳафта аз ҷониби роҳбарият ва кормандони мақомот ба роҳ монда шудааст. Қабули шаҳрвандон зимни сафарҳои кории ВҲИ ва муовини ӯ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ низ мунтазам ба роҳ монда шудааст. Аз 518 мурочиатҳои дар Дастгоҳи марказии ВҲИ ба қайд гирифташуда соли 2022 аз тарафи ВҲИ 126 нафар ва аз тарафи муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак мурочиати 81 нафар шаҳрвандон (дар маҷмӯъ – 209 нафар) қабул карда шуд.





*Машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ ва қабули шаҳрвандон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Умед Бобозода дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва ВМКБ*



*Машварати сайёри ҳуқуқӣ ва қабули шаҳрвандон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Умед Бобозода дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд*

Аз 209 мурочиатҳои аз ҷониби ВҲИ ва муовини ӯ зимни қабули ба қайд гирифташуда 54 адад оид ба таъмини замини наздиҳавлигӣ ё манзил, 47 адад оид ба расонидани кӯмаки моддӣ ё дигар намуди кӯмак, 29 адад шикоят аз болои кормандони мақомоти давлати ва 79 адад ба дигар масъалахо мансуб мебошанд. Аз ин шумора 54 адад ичро шуда, 21 адад барои чорачӯӣ ба мақомоти дахлдор ирсол гардид ва ба 134 нафар мурочиаткунанда маслиҳатҳои ҳуқуқӣ дода шуд.

Муроҷиатҳои аз ҷониби ВҲИ ва муовини ӯ қабулшуда тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

- ҳуқуқ ба замин – 31 адад;

- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (расонидани кӯмаки молиявӣ) – 29 адад;

- ҳуқуқ ба алимент – 21 адад;

- ҳуқуқ ба робитаи бевосита ва озодии рафтуомад бо волидайн –19 адад;

- ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ, ташкил ва ҳифзи оила (баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила) – 18 адад;

- ҳуқуқ ба манзил – 15 адад;

- ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ (таъминот бо оби нушокӣ ва ғ.) – 14 адад;

- ҳуқуқи шикоят аз болои мақомот – 11 адад;

- ҳуқуқ ба фардият – 7 адад;

- ҳуқуқ ба меҳнат ва шароити одилонаи меҳнат ва истироҳат – 6 адад;

- ҳуқуқ ба саломатӣ ва ёрии тиббӣ – 5 адад;

- ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа – 4 адад;

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 3 адад;

- ҳуқуқи шахсони аз озоди маҳрумшуда – 2 адад;

- ҳуқуқ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ – 1 адад;

- ҳуқуқ ба таҳсил (таъмини фарогири таҳсилот) – 1 адад;

- ҳуқуқ ба мурочиат – 1 адад;

- ҳуқуқ ба дархости гирифтани шаҳрвандӣ – 1 адад;

- дигар масъалаҳо – 18 адад (мусоидат барои расонидани маслиҳати ҳуқуқӣ – 4 адад, бозгашт ба ҷумҳурӣ – 2 адад, мусоидат барои гирифтани иҷозати сохтмон – 4 адад, баҳси ҳамсоягӣ - 1 адад ва ғ.).

Барои мисол, қабули шаҳрвандон аз ҷониби ВҲИ рӯзҳои 16-20 май дар биноҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Фархору Мир Саид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон ва 23-28 май дар шаҳри Бӯстон ва ноҳияҳои Мастчоҳ, Ашт ва Ҷ. Расулови вилояти Суғд анҷом дода шуд.

Мавриди зикр аст, ки бо мусоидати намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ қаблан оид ба сана ва суроғаи қабули шаҳрвандон аз ҷониби ВҲИ як ҳафта пешакӣ тавассути воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ ва раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот эълон паҳн карда шуда буд.

Дар умум зимни қабули арзу шикоятҳо аз ҷониби ВҲИ 50 мурочиати шаҳрвандон (Кулоб - 10 адад, Бӯстон - 8 адад, Фархор - 7 адад, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ - 4 адад, Мастчох - 3 адад, Ашт – 11 адад, Ҷ.Расулов - 7 адад) баррасӣ карда шуда, ба онҳо маслиҳатҳои дахлдори ҳуқуқӣ дода шуданд.

Таҳлили мурочиатҳо нишон медиҳад, ки қисми зиёди онҳо дар самтҳои ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ, ҳуқуқ ба

гирифтани замини наздихавлигӣ ва дастрасӣ ба оби нушокӣ мебошанд.

Дар баъзе ҳолатҳо шаҳрвандон дар мурочиатҳои худ аз ВҲИ хоҳиш менамоянд, ки кормандони мақомот дар мурофиаҳои судии онҳо иштирок намоянд.

Зимни сафари корӣ ба минтақаи Рашт рӯзҳои 12-15 октябри соли 2022 аз ҷониби ВҲИ дар ноҳияи Рашт 10 нафар, дар ноҳияи Нуробод 11 нафар ва дар ноҳияи Файзобод 6 нафар шаҳрвандон қабул карда шуданд. Аз натиҷаи қабули шаҳрвандон маълум гардид, ки шаҳрвандон бештар бо проблемаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон, аз ҷумла баҳсҳои оилавӣ, тақсимоти молу мулки муштарак, ҳуқуқ ба манзили истиқоматӣ, ҳуқуқ ба манзили шахсони дар минтақаи зериобшавандаи Роғун, ҳуқуқ ба замин, масъалаи зӯроварӣ дар оила, масъалаи саркашӣ аз супоридани алимент, норозигӣ аз ҳалномаҳои суд, мурофиаи одилонаи судӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ҳуқуқ ба дидорбинии кӯдакон, баҳси чарогоҳ миёни аҳолӣ ва ҳоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайраҳо ба ВҲИ мурочиатҳои шифоҳӣ намудаанд.

Қабули шаҳрвандон дар ҳузури масъулини соҳа гузаронида шуда, ҷиҳати мусоидат дар ҳалли марочиатҳои шаҳрвандон дастуру супоришҳо ва ба шаҳрвандон маслиҳати ҳуқуқии дахлдор дода шуд.

Соли 2022 дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ 673 мурочиат (с.2021 - 832) ба қайд гирифта шудаанд, ки

122 муроҷиати хаттӣ (с.2021 - 98) ва 551 (с.2021 – 734) муроҷиати шифоҳиро дар бар мегирад.

Бинобар муваққатан боз дошта шудани фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар нимаи дуюми соли 2022 бо сабаби ба итмом расидани лоиҳаи Барномаи рушди СММ ва фаъолияти нопурраи Намояндагии ВҲИ дар вилояти Хатлон муроҷиатҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 159 адад камтар ба қайд гирифта шудааст.

Тибқи ҳисоботи воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказии ВҲИ соли 2022 аз 518 (с.2021 - 639) муроҷиат 38 адад (22 хаттӣ ва 16 шифоҳӣ) (с.2021 - 33 адад (19 хаттӣ ва 14 шифоҳӣ) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусбӣ ҳал гардидаанд.

Муроҷиатҳои хаттии ба Дастгоҳи марказӣ воридшуда аз сокинони шаҳри Душанбе 61 адад (с.2021 - 72 адад), вилояти Хатлон 28 адад (с.2021 - 33 адад), сокинони вилояти Суғд 37 адад (с.2021 - 60 адад), сокинони ВМКБ 1 адад (с.2021 - 0 адад), сокинони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 27 адад (с.2021 - 27); ва аз дигар давлатҳо 34 адад (с.2021 - 35 адад) мебошанд.

Муроҷиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд таалуқ доранд:

- ҳуқуқ ба манзил - 24 (с. 2021-19) адад;

- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 21 (с.2021 - 14) адад;

- ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ – 20 (с.2021 - 23) адад;

- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 19 (с.2021 - 29) адад;

- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ - 19 (с.2021 - 20) адад;

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 11 (с.2021 - 19) адад;

- ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – 5 (с.2021 - 1) адад;

- ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ - 7 (с.2021 - 7) адад;

-ҳуқуқ ба замин - 9 адад;

- ҳуқуқ ба муоширaт – 8 (с.2021 - 7) адад;

-ҳуқуқ ба озод будан аз зӯроварӣ - 5 (с.2021 - 6) адад;

- ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ - 4 адад;

- ҳуқуқ ба шахсият - 3 (с.2021- 2) адад;

- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ - 2 адад;

- ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ - 2 адад;

- ҳуқуқ ба таҳсил - 2 (с.2021- 2) адад;

- ҳуқуқ ба саломатӣ – 5 (с.2021 - 5) адад;

- ҳуқуқ ба моликият - 3 (с. 2021 - 12) адад;

- ҳуқуқ ба мерос – 2 адад;

- ҳуқуқ ба муроҷиат - 1 (с.2021 - 6) адад;

-ҳуқуқи бозгашт ба ҷумҳурӣ - 1 адад;

-ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ - 2 (с.2021 - 4) адад;

-ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, муносибати бераҳмона, ғайринсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф - 2 (с.2021 - 15) адад;

- ҳуқуқи инсон ҳангоми гузаронидани тафтишоти пешакӣ - 1 адад;

- ҳуқуқ ба меҳнат - 2 (с. 2021 - 6) адад;

- ҳуқуқи гурезаҳо  - 1 адад;

- ҳуқуқ ба озодии рафтуомад - 1 адад;

- ҳуқуқ ба зиндагии осоишта - 1 адад;

- дигар масъалаҳо – 4  адад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мурочиатҳои хаттӣ дар самтҳои ҳуқуқ ба манзил - 24 адад (с. 2021-19 адад) ва ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ –21  адад (с.2021 -14) нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда тамоюли зиёдшавӣ доранд.

Мурочиатҳои шифоҳии ба Дастгоҳи марказӣ воридшуда аз сокинони шаҳри Душанбе 55 (с.2021 - 78) адад, вилояти Хатлон 26 (с.2021 - 22) адад, вилояти Суғд 6 (с.2021 – 8) адад, ВМКБ 1 (с.2021 - 3) адад, шахру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 29 (с.2021 - 52)  адад ва аз дигар давлатҳо 2 адад мебошанд.

Тибқи таснифот мурочиатҳои шифоҳии аз ҷониби воҳидҳои сохторӣ баррасишуда ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

- ҳуқуқ ба манзил – 19 (с.2021-33) адад;

- ҳуқуқ ба замин - 15 (с.2021-6) адад;

- ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ – 10 (с.2021 - 11) адад;

- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда - 10 (с.2021 - 9) адад;

- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ -7 (с. 2021-23) адад;

- ҳуқуқ ба меҳнат - 6 (с. 2021-4) адад;

- ҳуқуқи дахлнопазирии шахсӣ, озод будан аз шиканҷа ва аз тамоми шаклҳои зӯроварӣ – 6 (с.2021 - 1) адад;

- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - 6 (с.2021 - 4) адад;

- ҳуқуқ ба пешгирии зӯроварӣ дар оила 5 (с. 2021 -8) адад;

- ҳуқуқ ба таҳсил -5 адад;

- ҳуқуқ ба моликият - 4 (с. 2021 -11) адад;

- ҳуқуқи кӯдакони бо қонун дар мухолифат буда – 3 адад;

- ҳуқуқ ба муоширaт – 3 (с.2021- 2) адад;

- ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ – 3 (с.2021 - 3) адад;

- ҳуқуқ ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ - 3 адад;

- ҳуқуқ ба саломатӣ - 2 адад;

- ҳукуки муҳоҷирони меҳнатӣ - 2 адад;

- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 1 адад;

- ҳуқуқ ба мухити солим 1– адад;

- ҳуқуқ ба муроҷиат - 1 адад;

- ҳуқуқ ба соҳибкорӣ - 1 адад;

- ҳуқуқ ба мерос - 1 адад;

- ҳуқуқ ба мусофирaт, интихоби озоди ҷойи зист - 1 адад;

- дигар масъалаҳо – 4 (с.2021 - 32) адад.

Таҳлили муроҷиатҳои шифоҳӣ нишон медиҳад, ки шаҳрвандон ба мақомоти ВҲИ бештар дар самтҳои ҳуқуқ ба манзил (19 (с.2021-33) адад) ва ҳуқуқ ба замин (15 (с.2021-6) адад) муроҷиат намудаанд.

Соли 2022 дар Дастгоҳи марказӣ 1 адад (с.2021 - 6) муроҷиати электронӣ ва 3 муроҷиати телефонӣ ворид шудааст.

Тибқи таснифот муроҷиатҳои телефонӣ ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд таалуқ доранд:

- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда - 1 адад;

- ҳуқуқ ба манзил - 1 адад;

- дигар масъалаҳо - 1 адад.

Ҳамаи мурочитаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Дастгоҳи ВҲИ бо риояи муҳлатҳои муқарраршудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва тибқи талаботи Дастурамали тартиби баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шудаанд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолият дар самти қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

– риояи қатъии тартиб ва муҳлатҳои муқарраргардида зимни қабул ва баррасии мурочиатҳо;

– сари вақт ҷавоб додан ба мурочиатҳои аз мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридгардида;

– ташкили шароити мусоид барои қабули сайёри шаҳрвандон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар маҳалҳо.

# II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳифзи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Тибқи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ шахсоне, ки дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида нигоҳ дошта мешаванд, ба муносибати инсонӣ ва эҳтироми шаъну шарафи хоси инсон ҳуқуқ доранд.

Бо мақсади татбиқи ин меъёрҳо ва беҳтар намудани шароити нигоҳдорӣ дар муассисаҳои мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Аз ҷумла, маблағгузории низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сол то сол афзоиш ёфта, шароити нигоҳдории маҳкумшудагон беҳтар карда мешавад.

Аз ҷумла, соли 2022 Литсейи касбии техникии муассисаи ислоҳии ЯС 3/2 шаҳри Ваҳдат бо гузаронидани азнавсозии куллии замонавӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо мебелҳои мувофиқ, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/3 шаҳри Хуҷанд сохтмони асосии бинои дуошёнаи хобгоҳи маҳкумшудагон дар масоҳати 240м$^2$, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/4 шаҳри Душанбе сохтмони асосии бинои сеошёна барои зисти маҳкумшудагон бо таҳхона бо масоҳати 630м$^2$ ва сохтмони асосии бинои сеошёнаи хадамоти тиббӣ дар масоҳати 405м$^2$ бо насби таҷҳизотҳои замонавӣ, дар муассисаи ислоҳии ЯС

3/6 ноҳияи Ёвон сохтмони асосии бинои ошхонаи афсарон ва бинои мутобиқгардонӣ барои маҳкумшудагон, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/1 марҳилаи аввали сехи дӯзандагӣ бо 16 ҷойи корӣ ва дар муассисаи ислоҳии сукунатии ЯС 3/10 шаҳри Вахдат сохтмони асосии бинои дуошёна барои хобгоҳи маҳкумшудагони зан ва сехи дӯзандагӣ бо 12 ҷойи корӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.





*Сехҳои дузандагӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ*

Айни ҳол дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ зиёда аз 13 ҳазор нафар маҳкумшудаҳо, айбдоршавандаҳо ва судшавандаҳо барои содир намудани ҷиноятҳои гуногун адои ҷазо намуда истодаанд. Аз инҳо, 390 нафар занҳо, 93 нафар ноболиғон ва 229 нафар шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд.

Ҳамчунин, мунтазам чорабиниҳои безараргардонӣ гузаронида шуда, вазъи эпидемиологӣ мӯътадил ва таҳти назорати қатъӣ қарор дорад.

Корҳои тарбиявӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ ва тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ба шумор рафта, барои китобхонаҳо зиёда аз 5000 адад адабиёт ва китобҳои мазмуни таъриxиву ватандустӣ, бадеӣ ва одобу ахлоқдошта харидорӣ ва таъмин карда шуданд. Инчунин, дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ маҳкумшудагон озодона расму оинҳои диниро ба ҷо меоранд.



*Китобхонаи Муассисаи ислоҳии ЯС 3/1*

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти иҷрои ҷазо робитаи доимӣ дошта, ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон санҷишу мониторинг ва боздидҳо мегузаронад. Дар ин самт таваҷҷуҳи асосӣ ба шароити будубош, аз ҷумла қоидаҳои санитарӣ ва гигиенӣ, ҷой ва лавозимоти хоб, либос, маводи хӯрока ва мавриди ниёзи аввалия, хизматрасонии тиббӣ, робита бо оила ва дигар масъалаҳо равона мегардад.

Соли 2022 ВҲИ аз Муассисаи ислоҳии ЯС 3/2-и шаҳри Ваҳдат ва Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/7-и СРИҶҶ-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар боздид ба амал оварда, аз шароити нигоҳдошти маҳкумшудагон дидан намуд. Зимни боздид ВҲИ бо маҳкумшудагон дар алоҳидагӣ суҳбат намуд.




*Боздид аз Маҳбаси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон*

Ҳамчунин тибқи Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2022 кормандони мақомот дар якчанд муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида санҷишу мониторинг гузарониданд.

Санҷишу мониторингҳо нишон доданд, ки дар низоми иҷрои ҷазо новобаста аз пешравиҳо ҳоло ҳам баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ҷой доранд.

Аз ҷумла, санҷишу мониторинг ва боздидҳо нишон дод, ки дар аксари муассисаҳои иҷрои ҷазо басти корӣ пурра набуда, ин ҳолат ба фаъолияти муътадили низоми иҷрои ҷазо бетаъсир намемонад. Чунин ҳолат махсусан дар муассисаҳоиислоҳии ЯС 3/1, ЯС 3/5 ва Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/7 СРИҶҶ-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо аз меъёр зиёд нигоҳ доштани маҳкумшудагон ҷой дорад, ба назар мерасад. Ҳолати мазкур эҳтимолияти сар задани ҳар гуна ҳодисаҳои нохушро истисно намекунад.

Мониторинги гузаронидашуда нишон дод, ки дар Муассисаи ислоҳии ЯС 3/5 – СРИҶҶ-и Вазорати адлия камбудиҳои зерин, ба мисли набудани қуттӣ барои мурoҷиатҳо, лавҳаи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон дар дохили хобгоҳҳо, надоштани доруқуттӣ дар баъзе аз онҳо, ба таъмир ниёз доштани ҳаммом ва толори фарҳангии муассиса ҷой доранд.

Аз натиҷаи мониторинги фаъолияти Муассисаи ислоҳии ЯС 3/9-и–СРИҶҶ-и Вазорати адлия маълум шуд, ки ҳаммом ба таъмир ниёз дошта, овезаҳо вобаста ба ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо забони давлатӣ мавҷуд набуданд.

Дар Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/5-и СРИҶҶ-и Вазорати адлия дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ҳуҷраҳои нигоҳдорӣ ба таъмир ниёз дошта, набудани қуттӣ барои мурочиат ва китоби сабти мурoҷиатҳо, камераҳои мушоҳидавӣ дар ҳуҷраи тафтишотӣ ба қайд гирифта шуданд.

Бояд қайд кард, ки ҷалби маҳкумшудагон ба меҳнат барои малака ҳосил намудан, таъмини зист, хароҷоти нигоҳдорӣ ва иҷрои қарорҳои суд оид ба рӯёнидани қарз ва дигар пардохтпулиҳо мусоидат мекунад ва он яке аз воситаи асосии ислоҳи маҳкумшудагон мебошад.

Тибқи маълумоти СРИҶҶ-и ВА ҶТ дар ҷамъбасти соли 2022 шумораи миёнаи маҳкумшудагони ба меҳнати музднок ҷалб гардида, 31% аз шумораи умумии онҳоро ташкил медиҳад, ки басанда нест.

Новобаста аз он, ки маводҳои доруворӣ аз тарафи СРИҶҶ-и ВА ҶТ дар доираи маблағҳои буҷетӣ ва суратҳисоби махсус харидорӣ гардида, барои табобати маҳкумшудагон равона мешавад, вазъи таъминоти тиббӣ-санитарии маҳкумшудаҳо боз ҳам беҳбудиро тақозо менамояд.

Ба ҳолати 1 январи соли 2023 дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 296 (соли 2021 - 215) нафар маҳкумшудаи гирифтори вируси норасоии масъунияти одам (ВНМО) ва 45 нафар маҳкумшудаи гирифтори бемории сил ба қайд гирифта шуда, ба табобат фаро гирифта шудаанд.

Соли 2022 дар муассисаи ислоҳии табобатии СРИҶҶ ва қисмҳои тиббии муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 61 нафар маҳкумшудаҳо аз бемориҳои гуногун фавтидаанд.

Тибқи қонунгузории соҳа яке аз асосҳои озод намудани маҳкумшудагон аз адои ҷазо ин шартан пеш аз мӯҳлат аз адои минбаъдаи ҷазо озод кардан, бемории вазнин ё маъюбӣ ба шумор меравад. Аз рӯи маълумоти СРИҶҶ-и ВА ҶТ соли

2022 68  нафар маҳкумшудагон озод карда шудаанд, ки дар муқоиса бо соли 2021 11 нафар зиёд мебошад.

Амалия нишон медиҳад, ки пеш аз муҳлат аз адои минбаъдаи ҷазо озод кардан бинобар бемории вазнин ё маъюбӣ кам истифода мешавад. Тавре аз маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, тибқи пешниҳодҳои муассисаҳои ислоҳии СРИҶҶ ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ҳамагӣ 5 нафар маҳкумшуда бинобар бемории вазнин аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда шудаанд.

Таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки шартан пеш аз муҳлат  аз адои минбаъдаи ҷазо, бемории вазнин ё маъюбӣ аз ҷониби муассисаҳои иҷрои ҷазо амалӣ гардонида мешаванд. Бинобар ин ба мақсад мувофиқ аст, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт ба назар гирифта шавад.

Дар самти риоя ва ҳифзи ҳуқуқи маҳкумшудаҳо аз натиҷаи баррасии Гузориши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Шарҳи Умумии Даврӣ (даври сеюм) аз ҷониби давлатҳо-аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон (Испания, ИМА, Германия ва Таиланд) ба Тоҷикистон тавсияҳо оид ба тақвият додани муколама бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои тақвияти ислоҳоти зарурии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, пешниҳоди дастрасии бештар ба ташкилотҳои мустақил вобаста ба мониторинги маҳбасҳо, ҳамчунин мусоҳибаи маҳрамона бо маҳкумшудагон тибқи Қоидаҳои минималии стандартии муносибат бо маҳкумшудагони СММ, беҳтар намудани шароити нигоҳдорӣ дар маҳбасҳо тибқи қоидаҳои Нелсон Мандела, ҳамчунин

тафтиши ҳамаи ҳолатҳои бетартибиҳо дар маҳбасҳо, шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва ҳолатҳои фавт дар маҳбасҳо, риояи Қоидаҳои СММ, ки ба муносибат бо занони маҳкумшуда дахл доранд ва чораҳое, ки ба маҳрум кардан аз озодӣ барои занони ҳуқуқвайронкунанда вобаста нестанд ё “Қоидаҳои Бангкок” бо мақсади қонеъ намудани эҳтиёҷоти махсуси занон дар маҳбасҳо пешниҳод шуданд. Ҳангоми ба пурраги мураттаб сохтани Нақшаи миллии амалҳо дар ин самт тавсияҳои дар боло зикршуда аз ҷониби мақомоти дахлдор бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Соли 2022 аз ҷониби шахсони маҳкумшуда ва наздикони онҳо ба Дастгоҳи ВҲИ 19 мурочиат ворид гардид. Дар мурочиатҳо ҷиҳати огоҳӣ ёфтан аз вазъи саломатии маҳкумшуда, интиқоли маҳкумшуда барои адои минбаъдаи ҷазо ба муассисаи ислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба дигар ҷумҳурӣ, озод кардан аз адои ҷазо вобаста ба бемории вазнин, иваз намудани муассисаи ислоҳӣ, аниқ намудани ҷойи зисти наздикон ва гузаронидани маблағҳои пулӣ, вохӯрӣ намудан бо маҳкумшуда, шикоят дар хусуси татбиқ нашудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф” нисбати маҳкумшуда, вазнинии ҳукми таъйиншуда нисбати маҳкумшуда ва нисбати амал ё беамалии кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазо мусоидат пурсида шудааст.



*Суҳбат бо маҳкумшудагон*



Бо мусоидати ВҲИ 6 мурочиат дар ин самт ҳалли мусбии худро ёфт. Масалан, мурочиати шаҳрванд Б.А., ки дар муассисаи ислоҳии Федератсияи Россия адои чазо менамояд ва барои аниқ намудани чойи зист ва интиқоли маблағ ба фарзандаш Б.О. мусоидат пурсида буд, баррасӣ гардида, ба мурочиаткунанда дар бораи чойи зисти фарзандаш ва суратҳисоби бонкии дахлдор маълумот ирсол карда шуд.

Мурочиати шаҳрванд Н.С. оид ба огоҳӣ ёфтан аз вазъи саломатии хешованди маҳкумшудааш У.О. ва расонидаи ёрии тиббӣ дар чояш санчида шуда, маҳкумшуда У.О. ба беморхонаи муассиса барои табобат чойгир карда шуд.

Ба мурочиатҳои шифоҳии шаҳрвандон Р.И., А.Б., Б.Қ. ва С.М. оид ба мусоидат намудан барои вохӯрӣ бо наздикони маҳкумшудаашон мусоидат карда шуд.

Таъмини ҳуқуқҳои шахсоне, ки дар тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, зери таваҷҷуҳи ВҲИ қарор дорад.

Натиҷаи санҷишу мониторингҳо нишон доданд, ки дар тавқифгоҳҳо дар доираи имкониятҳои мавҷуда шароитҳои дахлдор муҳайё карда шуда бошад ҳам, дар фаъолияти онҳо баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд.

Масалан, санҷиши Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон нишон дод, ки китоби бақайдгирии муроҷиатҳо, реҷаи рӯз барои дастгиршудаҳо ва қуттӣ барои муроҷиатҳо, овезаҳо дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои дастгиршудаҳо мавҷуд набуда, лавозимоти хоб куҳнаю фарсуда буданд. Ҷойи алоҳида барои дастшӯӣ, камераи мушоҳидавӣ ва болопӯш дар ҷойи сайругашти дастгиршудаҳо ва ҷойи шустушӯй мавҷуд нест. Ҳамчунин дар Шуъбаи мазкур воҳиди кории корманди тиббӣ пешбинӣ нашуда, дастгиршудаҳо аз ҷониби муассисаи мазкур бо хӯрок таъмин карда намешаванд.

Мониторинги Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Сангвор муайян намуд, ки дар он қуттӣ барои муроҷиатҳо мавҷуд набуда, дар ҷойи сайругашти дастгиршудаҳо камераи мушоҳидавӣ насб карда нашудааст. Дастгиршудаҳо аз ҳисоби кормандони Шуъбаи мазкур, волидайн ва наздиконашон бо хӯрока таъмин мешаванд.

Натиҷаи мониторинги Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Нуробод нишон дод, ки дар он овезаҳо дар бораи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дастгиршудаҳо, реҷаи рӯз барои онҳо, китоби муроҷиатҳо, китоби қайди воридшавӣ ва беруншавии дастгиршудаҳо ва қуттӣ барои муроҷиатҳо мавҷуд набуда, ҳоҷатхона ва душ (ҳаммом) дар ҷойи сайругашти дастгиршудаҳо ба таъмир ниёз дорад. Ҳоҷатхонае, ки дар ҷойи сайругашти дастгиршудагон ҷойгир буд, бо болопӯш маҳкам карда нашудааст. Ҳамчунин, таъмини хӯрокаи дастгиршудаҳо аз ҳисоби наздикони онҳо амалӣ мешавад.

Дар Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ш. Шоҳин китоб ва қуттӣ барои муроҷиатҳо, реҷаи рӯз барои дастгиршудаҳо, овезаҳо дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дастгиршудаҳо, камераҳои мушоҳидавӣ дар ҳуҷраи тафтишот ва ҷойи сайру гашти дастгиршудаҳо мавҷуд набуданд. Ҳаммом ва ҳоҷатхона ба таъмир ниёз дошта, дар ҷойи сайругашти дастгиршудаҳо ҷойи алоҳида барои дастшӯӣ мавҷуд набуд.

Ҷиҳати аз байн бурдани камбудиҳои зикргардида ба роҳбарияти шуъбаҳои мазкур тавсияҳои дахлдор дода шуданд.

Соли 2022 дар Дастгоҳи ВҲИ дар самти ҳуқуқҳои инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 21 адад муроҷиатҳо ба қайд гирифта шуданд.

Дар мурочиатҳо ҷиҳати гузаронидани санҷиши пурра ва ҳамаҷонибаи парванда, чораандешӣ намудан нисбати амалҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, баргардонидани маблағҳои пулӣ, баргардонидани дастгиршудаҳо ба дигар ҷумҳурӣ, баргардонидан аз иштирок дар амалиётҳои мусаллаҳона, муайян намудани ҷои нигоҳдошти дастгиршуда мусоидат пурсидаанд. Ҳамчунин, баъзе мурочиаткунандагон норозигии худро аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, рад карда шудани оғози парвандаи ҷиноятӣ, нопурра бурдани тафтишоти пешакӣ, сохтакории ҳуҷҷатҳо, дастгиркунии худсарона ва дигар ҳолатҳо баён намудаанд.

Ба мурочиаткунандаҳо дар доираи талаботи қонунгузорӣ барои ҳалли масъалаҳои гузоштаашон мусоидат карда шуд. Масалан, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Амури Федератсияи Россия ва шаҳрванд Ё.К. оид ба оғоз шудан ё нашудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ё.К. мурочиат намуданд. Мурочиати мазкур таҳти назорати ВҲИ ба Прокуратураи генералӣ ирсол гардида, муқаррар карда шуд, ки нисбати шаҳрванд Ё.К. дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда нашуда, номбурда дар кофтукови ҷиноятӣ қарор надорад. Дар ин хусус ба мурочиаткунандаҳо хабар дода шуд.

Мурочиати И.А. оид ба муносибати дағалонаи нозирони минтақавии ШКВД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таҳти назорати ВҲИ ба Прокуратураи генералӣ фиристода шуда, аз натиҷаи санҷиши прокурорӣ барои вайрон намудани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон нисбати нозирони минтақавӣ А. Ҳ. ва Т.О. истеҳсолоти интизомӣ оғоз ёфта, барои татбиқи ҷазо ба унвони сардори ШКВД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ ирсол карда шудааст.

Дар самти риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳангоми дастгиркунӣ ва дар ҳабс нигоҳ доштан аз натиҷаи баррасии Гузориши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Шарҳи Универсалии Даврӣ (даври сеюм) аз ҷониби давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон (Испания, ИМА, Олмон ва Таиланд) ба Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, оид ба таъмини тафтиши ҳолатҳои истифодаи аз ҳад зиёди қувва, муносибати бераҳмона ва шиканҷа аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми ба ҳабс гирифтан ва пурсишҳо, ба ҷавобгарӣ кашидан ва маҳкум намудани шахсони гунаҳгор, таъмини тафтиши ҷиддӣ ва беғарази ҳамаи ҳолатҳои фавт ҳангоми нигоҳ доштан дар ҳабс, ҳамчунин ҳамаи ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона, таҳияи расмиёти шаффоф барои пешгирӣ ва аз байн бурдани боздоштҳои худсарона тавсияҳо дода шудаанд.

Яке аз шаклҳои ҳамкориҳои ВҲИ бо мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ иштироки намояндагони ВҲИ дар кори конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳо мебошад. Дар доираи чунин ҳамкориҳо кормандони Дастгоҳи ВҲИ соли 2022 бо даъвати Намояндагии ташкилоти байналмилалии ислоҳоти маҳбасхонаҳо (PRI) дар Осиёи Марказӣ дар конференсияи минтақавии намояндагони адолати судии ҷиноятӣ дар шаҳри

Тошканд, мизи мудаввари Раёсати Комиссари Олии СММ дар Тоҷикистон таҳти унвони «Муассисаҳои миллии ҳуқуқи инсон» дар Китобхонаи миллӣ, мизи мудаввари ТҶ “Марказ оид ба ҳуқуқи инсон” оид ба муаррифӣ намудани “Барномаи бисёрсоҳавии офиятбахши шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ адои ҷазо менамоянд”, мизи мудаввари Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи “Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030” ва дигар чорабиниҳо бо маърӯза иштирок намуданд.

Ҳамчунин кормандони ВҲИ корҳои тарғиботиро вусъат бахшида, дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз ҷумла дар ШВКД –и ноҳияҳои Ш. Шоҳин, Сангвор, Нуробод ва Восеъ, Тавқифгоҳи ЯТ 9/5, муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/5 ва ЯС-3/9–СРИҶҶ-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Ҳуқуқҳои дастгиршудаҳо», «Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон», «Пешгирии шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона», «Ҳуқуқҳои маҳкумшудаҳо» мизҳои мудаввар гузаронида, иштирокчиёнро барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, пешгирӣ ва риояи ҳуқуқи инсон даъват намуданд.




*Мизҳои мудаввари мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо кормандони шуъбаҳои Вазорати корҳои дохила дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ*



Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- андешидани чораҳо ҷиҳати аз байн бурдани камбудиҳое, ки дар рафти санҷишу мониторингҳо дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида ошкор шудаанд;

- ҷалби бештари маҳкумшудаҳо ба меҳнат;

- беҳтар намудани вазъи маблағгузорӣ, таъминоти тиббӣ-санитарӣ ва техникии муассисаҳои ислоҳӣ;

- аз ҷониби судҳо истифодаи бештари чораи шартан ва пеш аз муҳлат аз адои минбаъдаи ҷазо озод кардани

маҳкумшудаҳо ва чораҳое, ки ба ҷазои аз озодӣ маҳрум кардан вобаста нестанд;

- тақвияти омӯзиши меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ вобаста ба ҳуқуқҳои маҳкумшудаҳо ва муносибат бо маҳкумшудаҳо дар байни кормандони муассисаҳои ислоҳӣ.

## 2.2. Ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ

Ҳамасола тавассути дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоиди моддию иҷтимоӣ ва вазъи маишию фарҳангии хизматчиёни ҳарбӣ беҳтар мегардад.

Ҷойҳои буду боши ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ бо камераҳои мушоҳидавӣ муҷаҳҳаз карда шудаанд.



*Ҷойҳои хоби сарбозон*

Ҳамчунин, ҷиҳати озодона пешниҳод намудани мурочиатҳо аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳамаи қисмҳои ҳарбӣ рақамҳои телефони боварии Вазорати мудофиа, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва почтаи электоронии Вазири мудофиа ва қуттии мурочиатҳо насб карда шудаанд.

Соли 2021 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ" дар таҳрири нав қабул гардид ва якчанд навгониҳоро пешбинӣ намуд. Аз ҷумла, тибқи Қонуни мазкур се намуди асосии хизмати ҳарбӣ - хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок, хизмати ҳарбии ихтиёрӣ ва хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ дар вазифаҳои сарбозон пешбинӣ шудаанд.

Тибқи хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ шаҳрвандони синни даъватӣ ба таври ихтиёрӣ бо гузаштани ҷамъомади якмоҳаи ҳарбӣ ва пардохти маблағи муайян, ки андозаи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, аз хизмати ҳарбӣ озод карда мешаванд.

Ҳамчунин, тибқи Қонуни мазкур минбаъд дар мақомоти қудратӣ, суд ва прокуратура ҷавононе ба кор қабул карда мешаванд, ки хизмати ҳатмии муҳлатноки ҳарбиро адо карда бошанд.

Қонун доираи шаҳрвандонеро, ки аз даъват ба хизмати ҳарбӣ озод мебошанд, аз ҷумла шаҳрвандоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ғайри қобили хизмати ҳарбӣ дониста шудаанд, дар дигар давлат хизмати ҳарбӣ ё ба он

баробаркардашуда, инчунин хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо кардаанд ё бо ҳукми суд аз озодӣ маҳрум карда шудаанд, муайян намудааст.

Ҳамчунин, дар Қонун ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои ҳарбӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, матни Савганди ҳарбӣ дар таҳрири нав пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳавасманд гардонидани шаҳрвандон барои хизмат ва ҷолибияти хизмати ҳарбӣ пайваста тадбирҳо андешида мешаванд. Аз ҷумла, ба шахсоне, ки баъди хизмати ҳарбӣ хоҳиши таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ доранд, зимни супоридани тест дар Маркази миллии тестӣ холҳои иловагӣ дода шуда, онҳо аз ҷониби марказҳои шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо ҷойи кор ва кӯмакпулӣ таъмин мегарданд.

Новобаста аз он, ки солҳои охир шароити хизмат дар сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон хеле беҳтар шудааст, ҳолатҳои саркашии ҷавонон аз хизмат ва тариқи иҳотагирӣ (облава) дастгир кардани онҳо барои фиристодан ба хизмати ҳарбӣ ҷой доранд.

Мавриди зикр аст, ки тибқи қисми 5 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” ҷустуҷӯ ва боздошт намудани шаҳрвандоне, ки аз қайди ҳарбӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ ё ҷамъомадҳои ҳарбӣ, адои хизмати ҳарбию ҷамъомадҳои ҳарбӣ саркашӣ намудаанд, инчунин шахсоне, ки худсарона қисми ҳарбиро

тарк намудаанд, дар асоси дархости комиссариати ҳарбии ноҳия ё шаҳр (командири қисми ҳарбӣ) аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ анҷом дода мешаванд.

Анҷом додани амали мазкур аз ҷониби дигар шахсон (масалан, кормандони комиссариати ҳарбӣ) ва бо дигар асосҳо иҷозат дода намешавад.

Аммо бо мақсади фиристодан ба хизмат баъзе ҳолатҳои боздошти худсаронаи даъватшавандагон дар ҷойҳои истиқомати онҳо ба назар мерасад, ки чунин амал дағалона вайрон кардани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба дахлнопазирии манзил буда, боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузорӣ мегардад.

Аз маълумотҳои дар воситаҳои ахбори омма дарҷгардида ва муроҷиатҳои ба Дастгоҳи ВҲИ воридгардида бармеояд, ки ҳарчанд ҳолатҳои тариқи иҳотагирӣ (облава) дастгир кардани ҷавонон барои фиристодан ба хизмати ҳарбӣ кам шуда бошанд ҳам, то ҳол ба пуррагӣ аз байн нарафтаанд.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки барои аз байн бурдани ҳолатҳои мазкур ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандон баланд бардошта шуда, таълими омодагии ҳарбӣ дар муассисаҳои таълимӣ тақвият дода шавад. Дар ин раванд зарур аст, ки масъулияти волидоне, ки фарзандони синни даъватии худро пинҳон мекунанд ё мегурезонанд, баланд бардошта шавад.

Тибқи маълумоти Сарпрокуратураи ҳарбӣ соли 2022 ба мақомоти прокуратура 984 муроҷиатҳо оид ба вайрон кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар рафти маъракаи даъвати

ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ворид шуда, нисбати гунаҳгорон барои вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон чораҳои дахлдор андешида шудааст.

Масалан, соли 2022 нисбати корманди Комиссариати ҳарбии ноҳияи Восеъ Р.Х., корманди милитсия Ф.Р. ва муовини раиси Ҷамоати деҳоти Х.Раҷабов Қ.С. барои худсарона иҳотагирӣ ва боздошт намудани шаҳрванд Я.Ҷ. ва расонидани зарари ҷисмонӣ, барои баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, парванда баъди ба итмом расидани тафтиши пешакӣ ба суд фиристода шудааст.

Барои содир кардани чунин ҷиноятҳои мансабӣ нисбати кормандони Комиссариати ҳарбии шаҳру ноҳияҳои Шаҳристон, Ҳисор, Кӯшониён, Рашт, Шоҳмансур, Ишкошим, Кӯлоб ва Комиссариати ҳарбии вилояти Хатлон парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Аз ҷониби давлати узви Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон (Хорватия) аз натиҷаи баррасии Гузориши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Шарҳи Универсалии Даврӣ (даври сеюм) ба Тоҷикистон ҷиҳати баррасии имконияти ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ бо мақсади таъсис додани хизматии алтернативии ҳарбӣ барои шахсоне, ки аз хизмати ҳарбӣ бо андешаи (мулоҳизаи) эътиқоди динӣ худдорӣ мекунанд, тавсия пешниҳод шудааст.

Ҷиҳати фароҳам овардани шароит ҳангоми хизмати ҳарбӣ пайваста чораҳои дахлдор андешида мешаванд. Аз ҷумла, дар хобгоҳҳои сарбозон, майдончаҳои сафорой ва варзишӣ,

ошхонаҳо, хонаҳои фароғатӣ-маишӣ, каровулӣ, чойҳои истироҳатӣ, роҳравҳо, биноҳои таълимӣ, анборҳо, дар маҷмӯъ чойҳои буду боши ҳайати шахсӣ камераҳои мушоҳидавӣ насб гардонида шуда, нуқтаҳои гуфтугӯи телефонӣ таъмин карда шудааст.



*Ошхонаи қисми ҳарбӣ*






*Чойи дастурӯйшӯӣ ва ҳаммоми қисми ҳарбӣ*



Ҳамзамон, дар баъзе қисмҳои ҳарбӣ то ҳол ҳолатҳои таҳқир, вайрон кардани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисмҳои ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор ва худкушӣ мушоҳида мешаванд.

Аз рӯи маълумоти Сарпрокуратураи ҳарбӣ соли 2022 71 адад ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ ба қайд гирифта шуда, нисбати 120 нафар сарбозон ва курсантҳо барои содир намудани ҷиноятҳои фирор ва худсарона тарк намудани маҳалли хизмат парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Тибқи маълумоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 22 ҳодисаи фавти хизматчиёни ҳарбӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 4 ҳолат аз беморӣ, 2 ҳолат аз садамаи нақлиёт, 3 ҳолат аз худкушӣ, 2 ҳолат аз худкушие, ки ба хизмати ҳарбӣ алоқамандӣ надорад, 3 ҳолат аз ҳодисаи нохуш, 1 ҳолат аз натиҷаи ба қатл расонидани хизматчии ҳарбӣ аз ҷониби шахси дигар ва 12 ҳолат дар вақти иҷрои вазифаҳои хизматӣ мебошанд.

Аз маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки соли 2022 нисбати 482 нафар хизматчиёни ҳарбӣ ҳукмҳои айбдоркунанда бароварда шудааст.

Маводҳое, ки дар васоити ахбори омма ба нашр мерасанд, нишон медиҳанд, ки бадрафторӣ бо сарбозон ва марги ҷавонон дар қисмҳои ҳарбӣ аз сабабҳои аслии саркашии ҷавонон аз хизмат мебошанд.

ВҲИ низ дар фаъолияти худ ҷиҳати мусоидат ба риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои он диққати махсус зоҳир менамояд.

Вобаста ба риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби кормандони Дастгоҳи ВҲИ дар якҷоягӣ бо кормандони Ташкилоти ҷамъиятии "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ" ва иштироки намояндаи Вазорати мудофиаи ҶТ дар қисмҳои ҳарбии 15426 ноҳияи Мурғоб, 23441 ноҳияи Дарвози ВМКБ, 13483"д" шаҳри Кӯлоб, 13483"а" ноҳияи Данғара ва 13483 ноҳияи Восеи вилояти Хатлон, 08362" шаҳри Бӯстони вилояти Суғд мониторинг гузаронида шуд.



*Раванди мониторинг дар қисми ҳарбӣ*

Зимни мониторингҳо шароити хизмат ва таъминоти маишии хизматчиёни ҳарбӣ мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Натиҷаи мониторингҳо нишон доданд, ки дар қисмҳои ҳарбӣ шароити мусоиди хизмат муҳайё ва биноҳои таълимию маъмурӣ, хобгоҳҳо, толорҳои варзишӣ, маҷлисгоҳҳо, ошхона, ҳаммом, нуқтаи тиббӣ ва дигар биною иншоотҳои таъиноти гуногуни хизмати ҳарбӣ сохта, ба истифода дода шудаанд.

Дар биною иншоотҳои қисмҳои ҳарбӣ, аз ҷумла хобгоҳҳои сарбозон рақамҳои телефони боварии мақомоти дахлдор насб карда шудааст.

Бо мақсади таъмини амният, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии амалиётҳои террористӣ ва назорати доимӣ дар биноҳо, анборҳо ва казармаҳои қисмҳои ҳарбӣ камераҳои мушоҳидавӣ насб гардида, барои суҳбати сарбозон бо волидайн ва наздиконашон нуқтаҳои телефонӣ ташкил карда шудааст.

Ҳангоми мониторингҳо бо афсарону сарбозони қисмҳои ҳарбӣ дар танҳоӣ суҳбат гузаронида шуданд.

Дар баробари пешравиҳо дар фаъолияти қисмҳои ҳарбии мазкур баъзе норасогиҳо низ ба назар расиданд. Масалан, дар сатҳи кофӣ таъмин набудани китобхона бо китобу маводҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо бо забони тоҷикӣ, набудани рақами телефонҳои боварии ВҲИ, ба таъмири асосӣ ниёз доштани нуқтаи тиббӣ, надоштани толори варзишии пӯшида ва набудани овезаҳо дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва муҳрбандӣ карда нашудани қуттӣ барои муроҷиатҳо, ба таъмири асосӣ ниёз доштани ҳаммом ва ҳоҷатхонаи нуқтаи тиббӣ.

Аз натиҷаи мониторингҳои гузаронидашуда ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ тавсияҳои дахлдор пешниҳод шуданд.

Дар ин раванд кормандони Дастгоҳи ВҲИ корҳои тарғиботиро вусъат бахшида, соли 2022 дар якҷоягӣ бо Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ, аз ҷумла дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ, шаҳри Кӯлобу ноҳияҳои Восеъ ва Данғараи вилояти Хатлон ва шаҳри Бӯстони вилояти Суғд дар мавзуъҳои «Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ», «Муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ», «Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ» мизҳои мудаввар гузарониданд.

Зимнан ҷиҳати баланд бардоштани дониши ҳуқуқии иштирокдорони воҳӯрию мизҳои мудаввар мазмун ва моҳияти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаҳмонида шуданд.



*Мизи мудаввари мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои хизматчиёни ҳарбӣ*

Ҳамчунин, дар доираи Ҳафтаи ҳуқуқи инсон, ки ҳамасола дар арафаи Рӯзи ҳуқуқи инсон қайд карда мешавад, санаи 6 декабри соли 2022 ВҲИ дар якҷоягӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ" дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои намояндагони сохторҳои ҳарбӣ мизи мудаввар таҳти унвони "Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва натиҷаи мониторинги қисмҳои ҳарбӣ" доир намуд.

Дар рафти мизи мудаввар бештар ба масъалаҳои ҳуқуқҳои сарбозон дар давраи хизмат ва аз байн бурдани муносибатҳои ғайриоинномавӣ мубоҳисаҳо сурат гирифта, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳамкорӣ бо ТҶ "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ" маводи иттилоотии "Маҳбаси ҳарбӣ (гаупвахта) ва риояи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ" бо теъдоди 70 нусха, Ҳисоботи мониторинги "Риояи ҳуқуқи инсон дар қисмҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо теъдоди 90 нусха таҳия, нашр ва паҳн карда шуданд.




*Маводи чопии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчиёни ҳарбӣ*

Дар ин самт кормандони мақомоти ВҲИ дар матбуоти даврӣ, сомонаи расмӣ ва маҷаллаи "Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон" дар мавзӯи "Артиши миллӣ ҳомии давлат ва сипари боэътимоди Ватан" маводи иттилоотӣ нашр намуданд.

Соли 2022 ба ВҲИ 6 мурочиат оид ба мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ ворид гардид.

Масалан, Ташкилоти ҷамъиятии «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» вобаста ба санҷиши навори дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук ва Ютуб паҳншуда оид ба ҳолати иҳотагирии донишҷӯ З.С. мурочиат намуд. ВҲИ дар ҳамкорӣ

бо Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиати мазкурро баррасӣ намуда, донишҷӯ З.С аз даъват ба хизмати ҳарбӣ озод карда шуд.

Мурочиати сарбоз Г.Ш. оид ба мусоидат намудан барои гузаронидан аз қисми ҳарбии 02011[“а”] ба дигар қисми ҳарбӣ бо мусоидати ВҲИ ҳалли мусбии худро ёфта, тибқи иттилоии Вазорати мудофиа ӯ ба Раёсати Қушунҳои зудамали Қувваҳои Мусаллаҳ интиқол дода шуд.

Мурочиати Ташкилоти ҷамъиятии “Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ” оид ба мусоидат намудан барои ғайриқобили хизмати ҳарбӣ эътироф намудани сарбози қисми ҳарбии 15246 Вазорати мудофиаи ҶТ  А.О. бинобар вазъи саломатиаш санаи 22 декабри соли 2022 аз ҷониби корманди Дастгоҳи ВҲИ дар Госпитали маркази ҳарбии Вазорати мудофиа дар шаҳри Душанбе санҷида шуд. Санҷиш муайян намуд, ки бемории хоришаки сарбози мазкур баъди табобат дар шуъбаи ҷарроҳии дуюми Госпитали мазкур сиҳат ёфтааст. Сарбоз А.О. бо мусоидати ВҲИ барои муайян намудани дараҷаи биноиш ва ташхиси аниқ ба Беморхонаи бемориҳои чашм интиқол дода шуд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ва адои хизмати ҳарбӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- омӯзиши масъалаи таҳия ва қабули қонуне, ки хизмати алтернативии шаҳрвандиро пешбинӣ менамояд;

- баланд бардоштани таълими омодагии ҳарбӣ ва ҳисси ватандӯстии ҷавонон дар мактабҳо;

- тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ анҷом додани ҳолатҳои ҷустуҷӯ ва боздошт намудани шаҳрвандоне, ки аз қайди ҳарбӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ ё ҷамъомадҳои ҳарбӣ, адои хизмати ҳарбию ҷамъомадҳои ҳарбӣ саркашӣ менамоянд, инчунин шахсоне, ки худсарона қисми ҳарбиро тарк намудаанд;

- андешидани чораҳо ҷиҳати аз байн бурдани ҳолатҳои таҳқир, вайрон кардани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисмҳои ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор ва худкушӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ;

- тақвияти таълими стандартҳои соҳаи ҳуқуқи инсон дар байни хизматчиёни ҳарбӣ.

## 2.3. Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ақаллиятҳои миллӣ

Эътироф ва ҳифзи ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ дар санадҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз қабили Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба рафъи ҳамаи шаклҳои и нажодӣ, Конвенсия дар бораи таъмини ҳуқуқҳои шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ мансуббуда, Эъломияи соли 1992 дар бораи ҳуқуқи шахсони ба ақаллиятҳои миллӣ ё этникӣ, динӣ ё забонӣ мансуббуда (Эъломияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ) ва дигарҳо кафолат дода шудаанд.

Сиёсати этникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муттаҳидии халқи Тоҷикистон равона шуда, ба муносибатҳои байни миллату халқиятҳо мусбӣ таъсир мерасонад ва мушкилот вобаста ба гуногунии таркиби аҳолӣ ба назар намерасад.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2022 шумораи аҳолӣ 9886,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Халқи Тоҷикистон аз намояндагони зиёда аз 100 миллату гурӯҳҳои этникӣ иборат буда, ба пуррагӣ ташаббусҳои давлатро дар самти сиёсати этникӣ ва конфессионӣ дастгирӣ менамоянд.

Меъёрҳои баробарии ақаллиятҳои миллӣ, роҳ надодан ба аз рӯи нишонаҳои миллӣ ва нажодӣ, ки дар қонунгузорӣ муайян шудаанд, ба пуррагӣ риоя ва ҳаллу фасл карда мешавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ақаллиятҳои миллиро ба худмуайянкунӣ эътироф намуда, дорои якчанд меъёрҳое мебошад, ки бевосита ба муносибатҳои этникӣ дахл доранд.

Бо мақсади иҷрои тавсияҳои кумитаҳои Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳо-аъзои Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи Универсалии Даврӣ (даври дуюм), ҳамчунин муайян намудани асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии амалигардонии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи шахсон, муқаррар намудани низоми ҳуқуқии пешгирӣ ва ҳифзи самарнок аз ҳама гуна шаклҳои аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

19 июли соли 2022 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ” ба имзо расид ва мавриди амал қарор гирифт. Бояд қайд кард, ки назорати таъмин намудани баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ба зиммаи ВҲИ вогузор шудааст.

Татбиқи Қонуни мазкур ба пешбурди ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи шахсон, новобаста аз фарқияти нажодӣ, ранги пӯст, баромади миллӣ ё этникӣ мусоидат мекунад.

Таҳлилҳо муайян намуданд, ки ҳамчунин дар меъёрҳои як қатор қонунҳо, аз ҷумла Кодекси меҳнат ва Кодекси ҷиноятӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”, “Дар бораи фарҳанг”, “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ”, «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», “Дар бораи хизмати давлатӣ” манъи вайронкунии баробарии ҳуқуқ ё пешбинӣ шудаанд.

Бахусус тағйироту иловаҳое, ки соли 2020 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” оид ба манъи муқаррар намудани ин ё он вобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулки шаҳрванд ворид карда шуданд, барои таъмини баробарӣ ва аз байн бурдани дар сохторҳои давлатӣ мусоидат мекунад.

Қонунгузории миллӣ дар умум ба ҳар як шаҳрванд новобаста аз аломатҳои ҷинс, нажод, ранги пӯст, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ ё дигар мавқеъ, баромади миллӣ ё иҷтимоӣ ҳуқуқу озодиҳои якхеларо кафолат медиҳад.

Ақаллиятҳои миллӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» такя намуда, ҷамъиятҳои худро дар шакли иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис додаанд, ки ба эҳтиёҷоти намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ҷавобгӯ мебошад. Тибқи маълумоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 дар Феҳристи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ 41 ҷамъиятҳои ақаллиятҳои миллӣ ба қайд гирифта шудааст, ки онҳо аъзои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии кишвар фаъолона иштирок мекунанд.

Дар палатаҳои болоӣ ва поёнии парламенти кишвар аз ҳисоби намояндагони ақаллиятҳои миллӣ аъзо ва вакилон интихоб карда мешаванд. Дар вазорату идораҳо, мақомоти судӣ намояндагони миллатҳои узбек, қирғиз, рус, туркман ва намояндагони дигар ақаллиятҳои миллӣ, аз ҷумла дар мансабҳои роҳбарикунанда кору фаъолият мекунанд.

Дар ҷумҳурӣ ба ақаллиятҳои миллӣ озодии интихоби забони муошират, ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти умумии миёна ва иттилоот бо забони модарӣ кафолат дода шудааст.

Ҳуқуқи интихоби озоди забони таҳсил тавассути таъсис додани шумораи зарурии муассисаҳои дахлдори таҳсилотӣ, синфхонаҳо, гурӯҳҳо, нашри китобҳо ва дастурҳои омӯзишӣ бо забони ақаллиятҳои миллӣ, инчунин муҳайё намудани шароити дахлдор барои фаъолияти онҳо таъмин карда мешавад.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол дар ҷумҳурӣ 3967 муассисаи таълимӣ фаъолият менамоянд, аз ҷумла аз ин шумора муассисаҳои таълимии тоҷикӣ-русӣ 159 адад, тоҷикӣ –русӣ-узбекӣ 8 адад, тоҷикӣ–русӣ-англисӣ 6 адад, тоҷикӣ-узбекӣ 306 адад, тоҷикӣ-қирғизӣ 38 адад, тоҷикӣ-туркменӣ 5 адад, русӣ 60 адад, русӣ-англисӣ 5 адад, узбекӣ 77 адад, қирғизӣ 15 адад, англисӣ 5 ададро ташкил медиҳанд.

Ақаллиятҳои миллӣ дар амалисозии ҳуқуқҳои фарҳангии худ ва дастрасӣ ба иттилоот бо забони модариашон аз тамоми имкониятҳо бархурдоранд. Ҳамзистии фарҳангӣ бо дигар намояндагони ақаллиятҳои миллӣ барои рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо мусоидат мекунад.

Аз маълумоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ба ҳолати 1 декабри соли 2022 дар ҷумҳурӣ 376 номгӯй рӯзномаҳо ба нашр мерасанд, ки аз онҳо 27 рӯзнома ба забони русӣ, 6 рӯзнома ба забони ӯзбекӣ, 14 рӯзнома ба забонҳои тоҷикӣ-ӯзбекӣ, 86 рӯзнома ба забонҳои тоҷикӣ-русӣ, 2 рӯзнома ба забонҳои русӣ-англисӣ, 28 рӯзнома ба забонҳои тоҷикӣ-русӣ-англисӣ, 14 рӯзномаи тоҷикӣ-русӣ-ӯзбекӣ, 3 рӯзнома ба забонҳои тоҷикӣ-русӣ-англисӣ-форсӣ, 2 рӯзнома ба забонҳои тоҷикӣ-русӣ-қирғизӣ фаъолият мекунанд. Ҳамзамон 245 маҷаллаҳо бо забонҳои гуногун озодона фаъолият намуда, дар инъикоси равандҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҳиссаи худро мегузоранд.

Яке аз намояндагони ақаллиятҳои этникӣ, ки солҳои зиёд дар ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, лӯлитаборон мебошанд. Бояд

қайд кард, ки ҷамоаҳои лӯлитаборон дар деҳаҳои алоҳида дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Варзоб, Восеъ, Ҷ. Балхӣ, Панҷакент ва Б.Ғафуров зиндагӣ намуда, онҳо аз ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ бархӯрдор буда, фарзандони онҳо ба таҳсилоти умумии асосӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар самти амалишавии ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ мушкилот низ ба назар мерасанд. Новобаста аз он, ки қонунгузорӣ баробарҳуқуқии ҳар як шахсро дар назди қонун бидуни фарқияти нажодӣ, ранги пӯст, баромади миллӣ ё этникӣ муқаррар ва ро манъ мекунад, баробарии воқеӣ ба пуррагӣ таъмин карда нашудааст.

Ҳамчунин дар қонунгузории амалкунанда мафҳуми ақаллиятҳои миллӣ дарҷ нагардидааст.

Дар самти таҳсилот кӯдакони намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ба мушкилоти ҷузъии кам будани мактабу синфхонаҳо ва омӯзгорон бо забони модарии онҳо, китобҳо ва дигар маводҳои таълимӣ бо забони ақаллиятҳои этникӣ дучор меоянд.

Новобаста аз он, ки қонунгузорӣ барои иштироки ақаллиятҳои миллӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар ягон монеагӣ пешбинӣ накардааст, аммо намояндагии ақаллиятҳои миллӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатии сатҳҳои гуногун каманд. Масалан, тибқи маълумоти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2023 шумораи хизматчиёни давлатӣ (ба истисноии хизматчиёни давлатии Дастгоҳи иҷроияи Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон) 18549 нафар, аз онҳо тоҷикон - 17456 нафар (94,1%), дигар миллатҳо 1093 (5,9%) нафарро ташкил медиҳанд.

Аз рӯи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2022 шумораи судяҳои ҷумҳурӣ (ба истиснои судҳои иқтисодӣ) 431 нафар буда, аз онҳо танҳо як фоизашонро ақаллиятҳои миллӣ ташкил мекунанд.

Ҳамин тариқ, зарурати васеъ намудани дастрасии ақаллиятҳои миллӣ ба раванди идоракунии давлат ва қабули қарорҳо дар тамоми сатҳ ва намояндагии онҳо дар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба миён омадааст.

Дар самти мазкур аз натиҷаи баррасии Гузориши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Шарҳи Универсалии Даврӣ (даври сеюм) аз ҷониби давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон ба Тоҷикистон оид ба бекор кардани сиёсат ё муқаррароте, ки тамғазанӣ ё сегрегатсия (ҷудокуни)-ро ҳавасманд менамоянд, бахусус нисбати ақаллиятҳои этникӣ ва динӣ, барҳам додани ҳамаи шаклҳои нисбати ақаллиятҳои динӣ, амалӣ намудани сиёсат ва қонунҳо барои ҳавасманд намудани таҳаммулпазирӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои динӣ ва ривоҷ додани гуногунӣ, таъмини одилонаи намояндагии сиёсӣ ва иштироки ақаллиятҳои миллӣ ва таъмини дастрасии ҳамаи қишрҳои ҷомеа ба таҳсил тавсияҳо пешниҳод шуданд.

Бо мақсади пешбурд ва мониторинги ҳуқуқҳои дар Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи рафъи тамоми шаклҳои и нажодӣ пешбинишуда аз ҷониби кормандони мақомоти ВҲИ соли 2022 санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи ақаллиятҳои

миллӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара ва ноҳияи Спитамен гузаронида шуд.

Натиҷаи санҷиш дар ин мақомот нишон дод, ки дар фаъолияти онҳо и нажодӣ дар тамоми шаклҳояш манъ ва баробарҳуқуқии ҳар як шахс дар назди қонун бидуни фарқияти нажодӣ, ранги пӯст, баромади миллӣ ё этникӣ, хусусан нисбати татбиқи ҳуқуқҳояшон таъмин шудааст. Барои амалишавии ҳуқуқҳои онҳо дар ифодаи махсусият ва ташаккули  таърих, фарҳанг, забон ва одату анъанаи онҳо шароитҳои дахлдор муҳайё шудаанд.

Ҳамчунин, ҳуқуқи истифода аз забони модарӣ, иштирок дар чорабиниҳои сатҳи шаҳрӣ ва ҷамоавӣ ва гирифтани таҳсил бо забони модарӣ тавассути дар ҳудуди шаҳру ноҳия таъсис дода шудани шумораи зарурии мактабу синфҳои таълимашон ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ таъмин карда мешавад.

Ҳолатҳои рухдодаи таъқиб, зӯроварӣ нисбати намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Дар пешбурди ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ дар фаъолияти мақомотҳои мазкур дар қатори пешравиҳо баъзе норасоиҳо низ ба қайд гирифта шуданд.

Масалан, аз ҷониби сохторҳои дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара маълумоти саҳеҳ оид ба гузаронидани мулоқоту вохӯриҳо бо намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, нақшаи мақомот оид ба омӯзиши муқаррароти Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи

рафъи ҳамаи шаклҳои и нажодӣ, баромад дар ВАО ва нашри мақолаҳо дар мавзӯи ақаллиятҳои миллӣ ва ҳуқуқҳои онҳо, ҷой дода шудани санадҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии танзимкунандаи ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ дар сомонаи мақомот маълумот пешниҳод карда нашуд.

Дар ҳудуди шаҳри Исфара ӯзбекон 8,2% ва дигар миллатҳо 2,5%-и аҳолиро ташкил мекунанд.

Санҷиши сатҳи намояндагии ақаллиятҳои миллӣ дар мақомот нишон дод, ки ба ҳолати 9 ноябри соли 2022 аз 135 нафар хизматчиёни давлатӣ 3,5%-ро намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ташкил медиҳанд.

Таҳлили фаъолияти шуъбаи маорифи шаҳри Исфара дар ин самт нишон дод, ки дар низоми маориф дар умум 2815 нафар омӯзгорон фаъолият намуда, намояндаи ақаллиятҳои миллӣ: ӯзбекон – 218 нафар, туркменҳо – 1 нафар, қирғизҳо – 31 нафар, русҳо – 23 нафар, украинҳо – 1 нафар, тоторҳо – 13 нафар ва дигар миллатҳо - 2 нафарро ташкил мекунанд.

Натиҷаи санҷиши риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои аққалиятҳои миллӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Спитамен нишон дод, ки ақаллиятҳои миллӣ 37,9%-ро ташкил медиҳанд.

Аз санҷиши сатҳи намояндагии ақаллиятҳои миллӣ дар мақомот бармеояд, ки ба ҳолати 10 ноябри соли 2022 аз 29 нафар хизматчиёни давлатӣ 10 (34%) нафарашонро ӯзбекҳо ташкил мекунанд. Намояндагони дигар ақаллиятҳои миллӣ дар сохторҳои мақомот кору фаъолият намекунанд.

Таҳлили фаъолияти шуъбаи маорифи ноҳия дар ин самт нишон дод, ки дар ноҳия 37 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият менамоянд. Таҳсил дар 1 муассиса бо забонҳои тоҷикӣ-рӯсӣ-ӯзбекӣ, дар 7 муассиса бо забонҳои тоҷикӣ-русӣ, дар 20 муассиса бо забонҳои тоҷикӣ-ӯзбекӣ ва дар 1 муассиса бо забони русӣ ба роҳ монда шудааст. Дар синфҳои таълимашон бо дигар забонҳо дар як вақт омӯзиши забони давлатӣ, таърих, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар самти дастрасӣ ба таҳсил мушкилоти нарасидани китобҳои дарсӣ ба забони ақаллиятҳои миллӣ ба қайд гирифта нашуд.

Иттилоотонии ҷомеа дар самти ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ беҳбудиро тақозо менамояд. Зеро зимни санҷиш оид ба гузаронидани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ (машғулиятҳои дохилиидоравӣ, баромад дар ВАО, нашри мақолаю хабарҳо) дар самти пешбурди ҳуқуқу манфиатҳои ақаллиятҳои миллӣ аз ҷониби сохторҳои мақомот маълумоти дахлдор пешниҳод нашуд.

Бинобар он, ки мурочиатҳо дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара ва ноҳияи Спитамен дар китобҳои бақайдгирии омории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба мансубияти миллии муроҷиаткунандагон тақсимбандӣ нашудаанд, ҷудо намудани шумора ва мазмуни муроҷиатҳои аққалиятҳои миллӣ ғайриимкон буд.

Аз натиҷаи санҷишҳо ба кормандони сохторҳои дахлдори мақомот кӯмаки методӣ расонида шуда, бо мақсади таъмини

риояи ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ дар фаъолияти мақомоти зикршуда тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардиданд.

Санаи 18 ноябри соли 2022 вохӯрии кормандони ВҲИ бо намояндагони Дафтари Комиссари олии САҲА оид ба ақалиятҳои миллӣ Марк Фумагалли ва Антон Томсон баргузор гардид. Дар вохӯрӣ масъалаҳои сиёсати этникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муттаҳидии халқи Тоҷикистон равона шудааст, вазъи муътадили муносибати байни миллату халқиятҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ, ки ба пуррагӣ имконияти зоҳиршавии ро аз рӯи аломатҳои нажодӣ, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ истисно менамоянд, бахусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ”, ки соли 2022 мавриди амал қарор дода шуд, инчунин корҳои анҷомдодаи мақомот мавриди баррасӣ гардиданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аз ҷониби кормандони мақомти ВҲИ чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуда, аз ҷумла матни Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи рафъи тамоми шаклҳои и нажодӣ ба забони давлатӣ тарҷума ва дар Маҷмӯаи санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби ВҲИ таҳия ва чоп гардида буд, ҷой дода шудааст.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқу манфиатҳои ақаллиятҳои миллӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- такмили қонунгузорӣ ва таҳкими амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ вобаста ба ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ бо дарназардошти муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ”;

- тезонидани раванди таъсис додани воҳиди сохтории махсус оид ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои дар мақомоти ВҲИ ва таъмин намудани шароити мусоид барои фаъолияти он тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ”;

- таъмини иштироки баробари намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дар идоракунии давлатӣ;

- таъмини иштироки намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

- тақвияти корҳо ҷиҳати пурра таъмин намудани китобҳои дарсӣ бо забонҳои ақаллиятҳои миллӣ, аз ҷумла шакли электронии онҳо;

- дар  сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷой додани санадҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалии танзимкунандаи ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ;

- тақвияти корҳои ташвиқотию тарғиботӣ вобаста ба риояи ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ, аз ҷумла ташкили машғулиятҳои дохилиидоравӣ, баромадҳо дар ВАО ва нашри мақолаҳо.

## 2.4. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва фаъолияти озоди ВАО

Ҳар як шахс ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро дорад, ки ин ҳуқуқ озодии ҷустуҷӯ кардан, ба даст даровардан ва ошкор намудани ҳама гуна маълумот ва андешаҳоро, сарфи назар аз марзҳо ба таври шифоҳӣ, хаттӣ, чопӣ ё дар шаклҳои бадеӣ ва дигар воситаҳои хабарӣ бо интихоби худ ва дар доираи имкониятҳои мавҷуда дар бар мегирад.

Бо назардошти он, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мусоидат намудан ба дастрасӣ ба иттилоот, баррасӣ ва санҷиши муроҷиатҳои шахсони воқеӣ оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот яке аз вазифаҳои асосии ВҲИ ба ҳисоб меравад, ҳамасола дар маърӯзаҳои даврии ВҲИ сатҳи таъмини ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар кишвар таҳлилу арзёбӣ мегардад.

ВҲИ дар маърӯзаҳои солонаи худ вазъи таъмини ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро дар давоми солҳои 2009-2021 таҳлил намуда, пешравию мушкилиҳои ин самтро нишон дода, ҷиҳати бартараф намудани ин мушкилиҳо ба мақомоти дахлдор зиёда аз 40 тавсия пешниҳод кардааст.

Таҳлил нишон дод, ки дар мамлакат барои пешрафти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё буда, онҳо пайваста такмил дода мешаванд. Баамалбарории ҳуқуқи озодии ҷустуҷӯ, истифода ва паҳн намудани ҳама гуна

иттилоотро дар Тоҷикистон Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот», “Дар бораи иттилоотонӣ”, “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма”, «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи телевизион ва радиошунавоӣ», «Дар бораи сирри давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолат дода, танзим мекунанд.

Дар ин давра баҳри таъмини ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар кишвар санадҳо, барномаҳо, консепсияҳои зиёд қабул ва татбиқ гардидаанд.

Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки бояд танзими муносибатҳои ин соҳаро таъмин кунанд, ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст, ки инҳо: санадҳо оид ба амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба иттилоот, оид ба амалӣ намудани ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ ба иттилоот ва оид ба амалӣ намудани ҳуқуқҳои мақомоти давлатӣ ба иттилоот мебошанд.

Соли 2009 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» ба имзо расид, ки тибқи он бо мақсади баланд бардоштани нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии ҷомеа роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда шудаанд, ки фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро оид ба инъикоси чараёни дигаргунсозиҳои иҷтимоию

иқтисодӣ дар мамлакат дастгирӣ намоянд ва ба маводи танқидии ВАО вокуниш нишон диҳанд.

Яке аз воситаҳои хуби дастрасӣ ба иттилоот баргузории нишастҳои матбуотӣ мебошад, ки дар ҷумҳурӣ тибқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2011 №АП-1729 ва нақшаҳои мушаххас дар як сол ду маротиба мақомоту идораҳои давлатӣ аз натиҷаи фаъолияти худ тавассути намояндагони васоити ахбори омма ба аҳолӣ иттилоот пешниҳод мекунанд.

Соли 2012 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мусоидат намудан ба таъмини инкишофи озодии сухан ва арзишҳои демократӣ моддаҳои «таҳқир» ва «тӯҳмат» аз Кодекси ҷиноятӣ бардошта шуда, ғайриҷиноӣ гардонида шуданд.

Инчунин, соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки дар он механизми дастрасӣ ба иттилоот ба таври мушаххас муайян карда шудааст.

Соли 2014 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки тибқи онҳо ба салоҳияти ВҲИ баррасии масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, баррасӣ ва санҷиши муроҷиатҳои шахсони воқеӣ оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот вогузор карда шудааст.

Инчунин бо мақсади муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо ва

ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт соли 2021 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” қабул гардид.

Бо мақсади тақвият додани фаъолияти мақомоти ВҲИ соли 2016 “Роҳнамо барои баррасии муроҷиатҳо вобаста ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон” таҳия ва тасдиқ гардид.

Ҳамчунин, соли 2016 дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ ва намояндагии Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон Сомонаи Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба таъмини иҷрои ухдадориҳои байналмилалии ҶТ дар самти ҳуқуқи инсон – www.khit.tj фаъол гардид, ки корбарии онро мақомоти ВҲИ таъмин менамояд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №617 тартиби пешбурди Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (http://www.portali-huquqi.tj) тасдиқ карда шуд, ки тибқи он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ройгон истифода бурда мешаванд.

Соли 2017 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 344 Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет тасдиқ гардид.

Ҷиҳати иҷрои банди 10-уми Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тавсияҳои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи мубориза бар зидди

коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ барои солҳои 2018- 2019 Нақшаи чорабиниҳои мақомоти ВҲИ тасдиқ гардида, дар нази ВҲИ Гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуд. Нақшаи мазкур масъалаҳои аз нав дида баромадани қонунгузории миллӣ дар самти дастрасӣ ба иттилоот, омода намудани дастури ягонаи кор оид ба дархостҳои иттилоотӣ дар ҳар як мақомоти давлатӣ ва мониторинги он, таъсиси Портали миллии иттилооти озод ва дигарҳоро дар бар мегирифт.

Дар ин давра намояндагони ҷомеаи рӯзноманигорони Тоҷикистон «Меъёрҳои одоби фаъолияти рӯзноманигорӣ дар Тоҷикистон» ва Эъломия оид ба ҷавобгарии иҷтимоии рӯзноманигоронро қабул намуданд, ки тибқи ин санадҳо рӯзноманигорону хабарнигорон бояд принсипҳои озодии ибрози ақидаро риоя намуда, аз доираи салоҳияташон набаромада, ба иттилои ҷомеа маводҳои босифат пешниҳод намоянд. Дар маҷмӯъ қабули ин санадҳо барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии рӯзноманигорон ва ҳисси масъулиятнокии касбии онҳо дар ҷомеа равона гардидааст.

Дар баробари пешравиҳои даҳсолаи охир дар самти қонунгузорӣ, инчунин афзоиши шумораи таъсиси рӯзномаю маҷаллаҳоро дар ин давра дар ҷумҳурӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Бо мақсади мониторинги ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ВҲИ ҳамасола дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва сомонаҳои

интернетии онҳо таҳлили вазъи дастрасии шаҳрвандонро ба иттилоот мегузаронад.

Аз ҷумла, дар давраи таҳлилшаванда мониторинги фаъолияти сомонаҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, суди шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, судҳои шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат, Файзобод, Нуробод ва Рӯдакӣ, шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Исфара, Ҷ.Расулов, Шаҳристон, Мастчоҳ ва Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Фархор, Ҷ.Балхӣ, Носири Хисрав, Хуросон, Балҷувон ва Ёвони вилояти Хатлон, суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд, суди иқтисодии вилояти Суғд, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, ноҳияи Лахш ва дигар мақомоту идораҳо гузаронида шуд.

Таҳлил нишон дод, ки дар кишвар бахри таъмини ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот чораҳои зиёд андешида шуда, боиси пешравиҳои ҷиддӣ дар ин самт гаштаанд, аммо дар баробари ин баъзе мушкилиҳое ҳастанд, ки қариб дар ҳамаи маърӯзаҳои ВҲИ дарҷ гардида, дар хар як чорабинию вохӯриҳо бо рӯзноманигорони ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор мегиранд.

Масалан, сомонаҳои аксар мақомоту идораҳо ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда пурра мутобиқ нестанд; мазмун ва муҳтавои сомонаҳои баъзе мақомоту идораҳо коста буда, пайваста нав карда намешаванд; рӯйхати парвандаҳои судии баррасишаванда, ҳайат, сана ва вақти гузаронидани мурофиаҳои судӣ на дар ҳамаи сомонаҳои судҳо мавҷуданд; дар сомонаҳо маълумотҳо дар бораи фаъолияти мақомоту идораҳо нопурраанд; маълумот оид ба стратегияҳо, барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ дар сомонаҳо ҷойгир намегарданд; дар сомонаҳо маълумот дар бораи қабули мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби роҳбарият ва кормандони масъул мавҷуд нестанд.

Ҳамзамон, ҳолатҳои риоя нагардидани муҳлати пешниҳоди иттилоот, пешниҳод намудани иттилооти нопурра, ҳолатҳои беасос рад намудани пешниҳоди маълумот аз ҷониби баъзе мақомоту идораҳо дида мешаванд. Махфикунонии худсаронаи иттилоот аз ҷониби баъзе роҳбарони мақомоту идораҳо ва ташкилотҳо, ба ҷавобгарӣ кашида нашудани шахсони гунаҳгор барои пешниҳод накардани иттилоот, сатҳи пасти сифати иттилооти пешниҳодшаванда, нокифоя будани шаффофият дар фаъолияти иттилоотии мақомоти давлатӣ ҷой доранд.

Инчунин, аксар санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида бошанд ҳам, нашри пурра ва ташвиқи онҳо дар байни омма ба пуррагӣ таъмин нагардидааст, қисме аз қишрҳои ҷомеа дар

бораи санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон маълумот надоранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” муҳлати дар сӣ рӯзи тақвимӣ пешниҳод намудани ҷавоби дархости иттилоотиро пешбинӣ намудааст, ки ин меъёр ба фавряити пахши иттилоот монеъ ва сабаби аз байн рафтани муҳимияти иттилооти дархостшаванда мегардад.

Илова бар ин, дар санадҳои танзимкунандаи самти мазкур барои баррасии дархост ва пешниҳоди иттилоот муҳлатҳои ҳархела муқаррар шудаанд, масалан, барои муроҷиатҳое, ки омӯзиши иловагиро талаб намекунанд, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» то се рӯзи корӣ, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» муҳлати кӯтоҳтарин, вале на дертар аз сӣ рӯзи тақвимӣ ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» понздаҳ рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон пешбинӣ шудааст. Ҳолати мазкур тақозо менамояд, ки муҳлати баррасии дархостҳо дар қонунгузории миллӣ бо назардошти мақсади дархост муқаррар карда шавад.

Зарурати таҳлили қонунгузории миллӣ вобаста ба дастрасӣ ба иттилоот, матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма, муроҷиатҳои шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ ҷой дошта, ҳамзамон санҷиши мутобиқати онҳо бо санадҳои

байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки Тоҷикистон ба тасвиб расонидааст, мувофиқи мақсад аст.

Баъзан журналистон аз сифати нишастҳои матбуотӣ, ки ҳар нимсола бо роҳбарони вазорату идораҳо баргузор мегарданд, шикоят карда, қайд менамоянд, ки дар баъзе аз ин нишастҳо иттилооти дахлдорро ба даст оварда наметавонанд. Ҳамзамон, раванди баргузории нишастҳои матбуотӣ нишон медиҳанд, ки на ҳама журналистон дорои сатҳи зарурии дониш ва малакаи касбӣ дар соҳаҳои дахлдор мебошанд.

Тибқи иттилои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудани сомонаҳои интернетӣ баъзан аз ҷониби ширкатҳои таъминкунандаи интернет бинобар сабабҳои техникӣ сурат мегирифт.

Аммо дар мавриди гузаронидани корҳои профилактикӣ истифодабарандагони интернет бояд пешакӣ огоҳ карда шаванд. Инчунин, ширкатҳои таъминкунандаи интернет бе санади расмии судӣ ба бастани сомонаҳо бояд роҳ надиҳанд.

Дар ин давра якчанд маротиба намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ барои баҳогузории сатҳи риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон ба кишвари мо ташриф доштанд. Аз ҷумла, намояндаи САҲА доир ба масъалаҳои ВАО Дуня Миятович моҳи ноябри соли 2011, Гузоришгари махсуси СММ оид ба татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии андеша ва баён Дэвид Кайе моҳи марти соли 2016 ва намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО Тереза Рибейро моҳи октябри соли 2022 ба Тоҷикистон ташриф оварда, аз натиҷаи сафарҳои худ ҷиҳати беҳтар

намудани вазъ дар самти мазкур хулосаву тавсияҳои дахлдор пешниҳод намуданд.

Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанг ба ҳолати 1 декабри соли 2022 376 рӯзнома (112 давлатӣ ва 264 мустақил), 245 маҷалла (114 давлатӣ ва 131 мустақил), 319 матбаа (37 давлатӣ ва 282 мустақил), 48 нуқтаи фурӯши китоб (3 давлатӣ ва 45 мустақил), 71 нашриёт (10 давлатӣ ва 61 мустақил), 11 оҷонсии иттилоотӣ (1 давлатӣ ва 10 мустақил) фаъолият доранд.

Солҳои охир интернет ба яке аз воситаҳои муҳими ба даст овардан, ҷустуҷӯ ва паҳн кардани иттилоот табдил ёфтааст. Вобаста ба ин зиёдшавии истифодаи интернет аз ҷониби аҳолии кураи замин ба назар мерасад.

Тибқи маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии истифода-барандагони интернет дар якҷоягӣ бо истифодабарандагони интернети мобилӣ ва собит ба 4,5 млн. нафарро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар қиёс нисбати соли 2021 (4,2 млн.) 300 ҳазор нафар истифодабаранда зиёд гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳо, гурӯҳҳо ё шахсони алоҳида шабакаҳои интернетиро ба манфиати худ ё паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ, ноором кардани вазъи суботи кишварҳои алоҳида истифода намуда, ба мафкураи аҳолӣ таъсир мерасонанд. Бахусус гурӯҳҳои ифротиву террористӣ бо мақсади амалӣ намудани манфиатҳои худ ҷавонони ноогоҳ ва дур аз маърифатро ба доми худ кашида, ақидаҳои манфии худро тариқи интернет паҳн менамоянд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олӣ қонеъкунанда набудани суръат ва арзиши интернет махсус қайд карда шуд. Вобаста ба ин Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муваззаф гардид, ки якҷо бо ширкатҳои соҳа барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст чораандешӣ намояд.

Дар самти мазкур аз натиҷаи баррасии Гузориши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Шарҳи Умумии Даврӣ (даври сеюм) аз ҷониби давлатҳо-аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон ба Тоҷикистон оид ба мустаҳкам намудани таҳкурсии ҳуқуқӣ барои таъмини дастрасӣ ба иттилоот, қатъ намудани таҷрибаи муҳосираи дастрасӣ ба веб-сайтҳо ва хизматрасонии алоқаи мобилӣ тавсияҳо пешниҳод шуданд.

Бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот аз ҷониби кормандони Дастгоҳи ВҲИ соли 2022 санҷиши ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, мувофиқати сомонаи мақомот ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш гузаронида шуд.

Натиҷаи санҷишҳо нишон доданд, ки барои амалишавии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва

ба даст даровардани он, паҳн намудани иттилоот ва фаъол намудани сомонаҳо дар фаъолияти мақомоти мазкур корҳои муайян анҷом дода шудаанд.

Низоми воридшавии шаҳрвандон ба бинои мақомот осон буда, ҳар шахси манфиатдор метавонад бе ягон монеагӣ ба бинои онҳо ворид шавад ва ба сохторҳои дахлдори мақомот барои гирифтани иттилоот муроҷиат намояд.

Дар бинои Вазорат дар ҷойи намоён лавҳаҳои иттилоотии “Ҷадвали қабули шаҳрвандон”, “Намунаи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, “Қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросими динӣ”, гӯша барои довталабони иҷозатнома ва шарту шароитҳои додани он, номгӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда ва дигарҳо овехта шудаанд.

Ҳамчунин, дар самти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар мақомоти мазкур норасоиҳои зерин, ба мисли мавриди таҳлили алоҳида қарор дода нашудани муроҷиатҳо дар самти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, пешниҳод нашудани маълумот оид ба гузаронидани машғулиятҳои дохилиидоравӣ дар ин самт, баромад дар ВАО ва мақолаҳо дар сомонаи мақомот ва дигарҳо мавҷуданд.

Дар сомонаи мақомот камбудиҳо ба монанди мавҷуд набудани низомнома дар бораи воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, маълумот дар бораи беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомот; қабули шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ, натиҷаи санҷишҳои аз тарафи мақомот

гузаронидашуда ва санҷишҳои дар мақомот гузаронидашуда бо риояи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи сирри давлатӣ; дар саҳифаи аввал ҷойгир накардани Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ғайраҳо ба назар расиданд.

Дар бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш бо мақсади иттилоонӣ лавҳаҳои “Раиси ноҳияи Лахш”, “Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Лахш”, қуттӣ барои мурожиатҳо, лавҳаҳои “Қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигарҳо овезонида шудаанд.

Робитаҳои мақомот бо ВАО ва рӯзноманигорон хуб ба роҳ монда шуда, дар ҳудуди ноҳия нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш бо номи “Паёми Ориён” бо забонҳои тоҷикӣ, қирғизӣ ва русӣ фаъолият мекунад.

Ҳамчунин, зимни санҷиш дар самти дастрасӣ ба иттилоот баъзе камбудиҳо, ба мисли мавриди таҳлили алоҳида қарор дода нашудани мурожиатҳо дар самти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, дар сатҳи ноҳия мавҷуд набудани шабакаи ноҳиявии телевизионӣ ва радиоӣ, пешниҳод нашудани маълумот оид ба гузаронидани машғулиятҳои дохилиидоравӣ дар ин самт, баромад дар ВАО ва мақолаҳо дар сомонаи мақомот ва дигарҳо ба назар расиданд.

Дар сомонаи мақомот камбудиҳои зерин, ба монанди фаъол набудани қисмати русӣ ва англисии сомона, мавҷуд набудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия, қисмҳои алоҳида, ба мисли "Навигарӣ", "Форум", "Вазифаи холӣ" ва "Ҳуҷҷатҳо", иттилоот дар бораи сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намунаи мурочиатҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомот муқаррар гардидаанд, саволу ҷавоб, маълумот дар бораи қабули шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ, рӯйхати вазифаҳои холии хизмати давлатии мавҷуда, талаботи тахассусӣ ба номзадҳо барои ишғол намудани вазифаҳои холии хизмати давлатӣ ва дигарҳо ҷой доранд.

Соли 2022 дар Дастгоҳи ВҲИ дар ин самт 5 адад мурочиатҳо ба қайд гирифта шуданд. Аз ҷумла, дар мурочиатҳояшон шаҳрванд Ҷ.С., вобаста ба гирифтани иттилоот дар бораи вазъи саломатии маҳкумшуда Ҳ.М., адвокат К.Ш. вобаста ба гирифтани иттилоот дар бораи ҷойи нигоҳдории дастгиршуда А.А. ва шаҳрванд А.Т. оид ба гирифтани иттилоот дар бораи ҷои нигоҳдошти ҳамсараш М.Ш. аз ВҲИ мусоидат пурсидаанд. ВҲИ дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор ҷиҳати дастрас намудани иттилоот мусоидат намуд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти дастрасӣ ба иттилоот кормандони мақомоти ВҲИ пайваста чорабиниҳои иттилоотӣ мегузаронанд ва дар кори чорабиниҳои мақомоту идораҳои дахлдор иштирок ва баромадҳо менамоянд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- такмили қонунгузории соҳа ва таҳкими механизмҳои дастрасӣ ба иттилоот;

- андешидани чораҳо оид ба рушди соҳаи алоқа, таъмин намудани суръати баланди интернет, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет дар ҳудуди ҷумҳурӣ;

- андешидани чораҳо оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ ва нигоҳ доштани фазои иттилоотии солим;

- тақвияти ҳамкориҳои ВАО ва мақомоти давлатӣ;

- гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ барои кормандони мақомоти давлатӣ ва ВАО оид ба кафолатҳои дастрасӣ ба иттилоот;

- андешидани чораҳои зарурӣ бо мақсади тақвият додани малакаю дониши рӯзноманигорон дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

- мутобиқ намудани мазмуну муҳтавои сомонаҳои мақомоти давлатӣ ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти мазкур ва ба таври доимӣ нав намудани иттилоот дар онҳо.

## 2.5. Баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии занон, тақвияти маънавӣ ва саломатии онҳо, ҳифзи оила, модар ва кӯдак имкониятҳо фароҳам оварда шуда, кафолатҳои ҳуқуқӣ дода шудаанд.

Принсипи баробарии гендерӣ дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи худро ёфтааст, ки тибқи он "Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.".

Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ин принсипи конститутсионӣ пайваста такмил меёбанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» муносибатҳои оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занонро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо, пешгирии зӯроварӣ дар оила, бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунандаро ба танзим медароранд.

Соли 2022 бо мақсади муайян намудани асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии амалигардонии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи шахсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар намудани низоми ҳуқуқии пешгирӣ ва ҳифзи самаранок аз ҳама гуна шаклҳои Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ” қабул гардид, ки ҳама гуна и ба аломатҳои гуногун, аз ҷумла ба аломати ҷинс асосёфтаро манъ мекунад.

Соли 2022 гузориши ҳафтуми даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба амалишавии Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои нисбати занон ба Кумитаи дахлдори СММ пешниҳод гардид.

Ҷиҳати амалисозии ҳуқуқҳои занон, дастрасии онҳо ба таҳсил, таъмини имкониятҳои иқтисодӣ ва ҷалби онҳо ба раванди қабули қарор тадбирҳои судманд амалӣ мешаванд.

Тавре маълумотҳо нишон медиҳанд ҳиссаи духтарон дар ҳаҷми умумии дохилшавӣ ба донишгоҳҳо, аз ҷумла аз ҳисоби квотаи президентӣ сол аз сол меафзояд. Масалан, тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли хониши 2021-2022 аз 1264 нафари тибқи квотаи президентӣ ба муассисаҳои олии касбӣ дохилшуда 658 нафарашон духтарон мебошанд. Айни ҳол 100 ҳазор нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд. Инчунин квота барои таҳсил дар хориҷи кишвар амал мекунад. Масъалаи бо кор таъмин намудани духтарони тибқи квота таҳсилкарда дар баъзе ҳолатҳо беҳбудиро тақозо менамояд.

Ташкили заминаи мусоиди корӣ ва густариши фаъолияти соҳибкории занон низ дар маркази диққати ҳукумат қарор дорад. Бо ин мақсад дар соли 2022 ба 80 нафар занони

соҳибкору ҳунарманд ба маблағи 2,5 млн. сомонӣ гранти президентӣ дода шудааст.

Саҳми занон дар хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ сол аз сол зиёд мешавад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: “Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд”. Ин аст, ки ҷиҳати зиёд намудани теъдоди занон дар хизмати давлатӣ, аз ҷумла дар вазифаҳои роҳбарикунанда барномаҳои дахлдор роҳандозӣ мегарданд. Бо ин мақсад соли 2022 “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023-2030” қабул гардид.

Тибқи маълумоти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи занони роҳбарикунанда дар соли 2022 зиёд гардида, 1115 нафарро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати амалисозии баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила шарикони рушд низ мусоидат менамоянд. Дар ин робита бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 майи соли 2021 барномаи муштараки ташаббуси СММ ва Иттиҳоди Аврупо “Нури рушноӣ” тасдиқ гардида, муваффақона амалӣ шуда истодааст. Ҳадафи барнома хотима додан ба ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбати занон

ва духтарон ва бархурдор гардидани онҳо аз ҳуқуқҳояшон мебошад. Дар соли 2022 дар доираи ташаббуси мазкур ҷиҳати дар сатҳи миллӣ баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, мусоидат ба муколама, таъмини уҳдадориҳо дар самти коҳиш додани зӯроварӣ дар оила тадбирҳои зиёд амалӣ гардиданд.

Дар баробари дигар мақомоти давлатӣ ВҲИ низ ҷиҳати амалисозии барномаи мазкур мусоидат менамояд. Дар ин робита байни ВҲИ ва Баномаи рушди СММ Созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шудааст. Дар доираи Созишномаи мазкур Тартиби баррасии муроҷиатҳои занон ва духтарони ба зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ гирифторшуда дар мақомоти ВҲИ (бо дарназардошти махфият ва хусусияти гендерӣ), воситаҳои мониторинг ва арзёбии ҳолатҳои зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ таҳия шуда истодаанд. Ҳамчунин, дар шаҳру ноҳияҳои мақсадноки лоиҳа (Ҳисор, Рудакӣ, Ёвон, Восеъ, Исфара ва Б.Ғафуров) чорабиниҳои иттилоотӣ, мониторинги ҳолатҳои зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ ва чорабиниҳои омӯзишӣ оид ба стандартҳои байналмилалӣ ва миллии пешгирии зӯроварӣ дар оила гузаронида мешаванд.



*Мизи мудаввар дар мавзӯи “Пешгирии зӯроварӣ дар оила” дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон*



*Вохӯрӣ бо намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд*





*Санҷиши фаъолияти нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оилаи ШВКД дар шаҳри Бохтар ва РВКД дар ноҳияҳои минтақаи Рашт*



Ҳоло ҳам зимни амалӣ гардонидани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеа  мушкилоти муайян ҷой доранд, ки ба таъмини баробарии гендерӣ ва аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила бетаъсир намемонанд. Зӯроварӣ дар оила дар бисёр ҳолатҳо боиси оқибатҳои ногувор, ба мисли ҷудошавии оилаҳо, ба худкушӣ даст задан ва содир шудани дигар ҷиноятҳои вазнин мегардад.

Ҳодисаҳои алоҳидаи куштори зан аз ҷониби шавҳар ва дигар аъзои оила, даст ба худкушӣ задани занон, аз ҷумла ҳамроҳ бо фарзандони хурдсол ташвишовар боқӣ мемонанд. Якчанд чунин ҳолатҳо дар соли 2022 низ рух доданд, ки натиҷаи муносибати зӯроваронаи шавҳарон ё дигар аъзоёни оила нисбати занон арзёбӣ шуда, гунаҳгорон ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд.

Барои як қатор кирдорҳои хусусияти зӯроваридошта дар асоси моддаҳои 104, 109, 110, 111, 116, 117, 138, 139 ва 141 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон  ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Аммо масъалаи ҷиноӣ гардонидани ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, ки дар онҳо байни ҷабрдида ва шахси ҷиноятсодиркарда муносибати хешовандӣ ё дигар муносибати шахсӣ ҷой доранд, ҳамчун таркиби алоҳидаи ҷиноят то ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст.

Давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон аз натиҷаи баррасии даври дуюми Шарҳи Универсалии Даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар самти тақвияти сиёсати гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои занон тавсия дод.

Бо мақсади татбиқи тавсияи мазкур ва иҷрои банди 1 Нақшаи амали Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 гурӯҳҳои корӣ оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти барҳам додани қолабҳои гендерӣ (дар назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳифзи ҳуқуқҳои занон (дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва пешгирии зӯроварӣ дар оила (дар назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон) таъсис дода шуданд. Фаъолияти гурӯҳҳои кории мазкур беҳбудиро тақозо менамояд.

Маълумотҳои омории аз мақомотҳои дахлдор – субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила дастрасшуда низ аз ҷой доштани ин амалҳои номатлуб шаҳодат медиҳанд. Тибқи маълумоти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ба Марказҳои иттилоотӣ-машваратии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вобаста ба масъалаҳои зӯроварӣ дар оила 874 муроҷиат ва ба Маркази захиравӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оилаи назди Кумитаи мазкур 2427 муроҷиат ворид гардидааст, ки аз онҳо зӯроварии равонӣ 1351 адад, иқтисодӣ 881 адад, ҷисмонӣ 188 адад ва шаҳвонӣ 7 ададро ташкил медиҳанд.

Мувофиқи маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ дар соли 2022 ба нозирони минтақавии милитсия ва нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила 5091 арзу шикоятҳо дар хусуси

зӯроварӣ дар оила ворид шудаанд, аз ҷумла 4188 шикоят нисбати мардон, 885 адад нисбати занон ва 18 адад нисбати ноболиғон.

Мутаассифона, тавре аз таҳлилҳо бармеояд, новобаста аз чораҳои андешидашаванда шумораи муроҷиатҳои оид ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила ба мақомоти милитсия воридшаванда сол аз сол рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

*Омори зӯроварӣ дар оила*

| Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **3258** | **3661** | **4194** | **5091** |

Аз натиҷаи баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон 93 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, 4388 мавод аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шуда, 60 мавод дар истеҳсолот қарор дорад ва 1251 мавод ба дигар мақомот фиристода шудааст. Инчунин нисбати ҳуқуқвайронкунандаҳо дар асоси моддаҳои $93^1$ ва $93^2$ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2193 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва бо дигар моддаҳои Кодекси мазкур 502 протокол тартиб дода шудааст.

Аз ҷониби кормандони мақомоти милитсия чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила татбиқ карда мешаванд. Ҳамин тавр, дар соли 2022 ба 3797 нафар шахсони зӯроварӣ дар оила содиркарда амрномаи муҳофизатӣ бароварда шудааст.

Тибқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 441 парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила баррасӣ шудааст. Аз ин шумора 391 парванда нисбати 402 нафар бо ҳукми айбдоркунанда анҷом ёфтааст. Ин рақамҳо назар ба солҳои пешин рӯ ба афзоиш ниҳодаанд. Масалан, вобаста ба зӯроварӣ дар оила соли 2020 аз ҷониби судҳо 318 парванда баррасӣ шудааст, ки аз онҳо оид ба 290 парванда нисбати 295 нафар ҳукми айбдоркунанда бароварда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омори ягона оид ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила дар сатҳи миллӣ ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Омори мӯътамад ва ба далелҳо асосёфта оид ба зӯроварӣ дар оила метавонад барои таҳлилҳо ва натиҷагириҳо дар бораи тамоюлҳо, хавфҳо ва сабабу омилҳои зӯроварӣ ва таҳия намудани сиёсати муассир, мақсаднок ва ба ҷанбаҳои гендерӣ равонашуда замина фароҳам орад.

Дар рушди низоми ҳифзи занону духтарон аз зӯроварӣ дар кишвар зиёд намудани шумора ва тақвияти фаъолияти марказҳои бӯҳронӣ ва паноҳгоҳҳо барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила муҳим аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” таъсис додани марказҳои ёрирасон оид ба пешгирӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқӣ аз зӯроварӣ дар оила ва марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ

дар оила ва бо розигии хаттии ҷабрдидагон ба ин муассисаҳо фиристодани онҳоро пешбинӣ мекунад.

Айни ҳол тибқи маълумоти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ 4 маркази бӯҳронӣ амал мекунанд, ки танҳо яке аз онҳо давлатӣ мебошад. Дар назди марказҳои саломатӣ 22 ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила фаъолият менамоянд. Ҳамчунин 16 маркази захиравии занон ва 9 ташкилоти ҷамъиятӣ дар ин самт амал мекунанд, ки ба ҷабрдидагон барои будубоши муваққатӣ панохгоҳ пешниҳод менамоянд, кӯмакҳои тиббию равонӣ ва ҳуқуқиву иҷтимоӣ расонида, барои касбомӯзӣ ва баланд бардоштани малакаҳои онҳо мусоидат менамоянд. Аммо теъдоди муассисаҳои мазкур барои кӯмак ва дастгирии муносиби ҷабрдидагони зӯроварӣ ҳоло ҳам басанда нестанд.

Дар ин раванд нақши нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила ва нозирони минтақавӣ, ки масъалаҳои зӯроварӣ дар оила қисми уҳдадориҳои вазифавии онҳо мебошад, муҳим аст. Тибқи стандартҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ бояд ба ҷинси кормандони милитсия, ки бо ҷабрдидагон муоширати мекунанд, диққат дода шавад. Айни ҳол дар 17 шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нозирони пешгирии зӯроварӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 14 нафарашон занҳо мебошанд. Санҷиши фаъолияти нозирони минтақавии милитсия дар самти зӯроварӣ дар оила, ки аз ҷониби кормандони Дастгоҳи

ВҲИ дар соли 2022 гузаронида шуданд, нишон медиҳад, ки дар байни нозирони минтақавии милитсия занон нестанд ва ин ҳолат метавонад барои муроҷиати ҷабрдидагони зӯроварӣ, махсусан зӯроварии шаҳвонӣ монеа эҷод кунад.

Мушкилоти дигаре, ки метавонад сабаби зӯроварӣ дар оила гардад, издивоҷи бармаҳали духтарон мебошад. Ин амалияи номатлуб духтаронро аз интихоби ҳаёти мустақилона маҳрум намуда, ба қатъ гардидани таҳсил, мавриди зӯроварӣ, ва сӯистифода қарор гирифтанашон оварда мерасонад.

Дар соли 2022 дар судҳои ҷумҳурӣ бо моддаҳои 168 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳӣ нарасида) 13 нафар ва бо моддаи 169 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бастани ақди никоҳ бо шахси ба синни никоҳӣ нарасида) 9 нафар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд.

Кумитаи СММ оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои нисбати занон аз натиҷаи баррасии маърӯзаи шашуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои уҳдадориҳо тибқи Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои нисбати занон ҷиҳати пешгирӣ ва барҳам додани никоҳҳои бармаҳал ва маҷбурӣ тавсия додааст, ки зимни баррасии аризаҳо дар бораи кам кардани синни никоҳӣ ба сабабҳои кам кардани он, ки дар ариза нишон дода шудаанд, бояд ҷиддӣ баҳогузорӣ намоянд.

Қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ ҳолатҳои истисноии кам кардани синни никоҳиро мушаххас нишон надодааст. Ҳолати мазкур боиси он мегардад, ки ҳамасола шумораи зиёди аризаҳо оид ба кам кардани синни никоҳӣ аз ҷониби судҳо қонеъ карда мешаванд. Мисол, соли 2022 судҳо 4130 парвандаро оид ба кам кардани синни никоҳӣ баррасӣ намуда, аз ин шумора 4027 ададро қонеъ кардаанд.

Дастрасии занон – ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба ёрии ҳуқуқӣ ҳамоно мушкил боқӣ мемонад, зеро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ" ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба субъектони гирандаи ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва гражданӣ дохил намешаванд. Ҳол он ки ин шахсон ба чунин ёрӣ бештар ниёз доранд.

Пешгирии зӯроварӣ дар оила ва мубориза бо он муносибати ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Дар баробари кӯмак ва дастгирии ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила кор бо шахси зӯровариро содирнамуда зарур аст.

Дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ ду маркази кор бо зӯроварон, аз ҷумла дар шаҳри Левакант ва соли 2022 дар шаҳри Хуҷанд ташкил карда шудаанд, ки дар онҳо шахсони зӯроварӣ содирнамуда аз давраи омӯзиш мегузаранд ва ба зиндагии муқаррарӣ бармегарданд. Аммо мутаассифона, дар сатҳи ҷумҳурӣ барномаҳои дахлдориислоҳи зӯроварон вуҷуд надоранд ва чунин ҳолат ба самаранокии кор дар самти мазкур таъсири манфӣ мерасонад.

Пешгирӣ ва мубориза бо зӯроварӣ дар оила ва беҳтар намудани ҳифзи занон дар баробари андешидани чораҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ ва институтсионалӣ инчунин ошкоро муҳокима намудани он ва барҳам додани қолабҳои шахшудаи гендериро тақозо менамояд. Новобаста ба чорабиниҳои гуногуни иттилоотӣ, ки аз ҷониби субъектони пешгирии зӯроварӣ ҷиҳати баланд бардоштани огоҳӣ ва тағйир додани муносибати ҷомеа нисбат ба зӯроварӣ дар оила гузаронида мешаванд, ҳанӯз ҳам дар ҷомеа қолабҳои гендерӣ оид ба нақш ва мавқеи зан дар ҷомеа ҷой доранд.

Бо мақсади фарогирии ҷанбаҳои гуногуни ин мушкилот зарур аст, ки субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила ташаббусҳои муштаракро оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи ҳама гуна шаклҳои зӯроварии гендерӣ, хизматрасониҳои мавҷуда ва воситаҳои дастрасӣ ба онҳо амалӣ созанд.

ВҲИ ҷиҳати мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила соли 2022 бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии дар ин самт фаъолияткунанда ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, корҳои муайянро анҷом дод.

Соли 2022 ба мақомоти ВҲИ 10 муроҷиат (5 хаттӣ ва 5 шифоҳӣ) вобаста ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ворид гардиданд. Аз мазмуни муроҷиатҳо ва сӯҳбат бо шаҳрвандон бармеояд, ки асосан занон мавриди зӯроварӣ қарор мегиранд. Масалан, аз муроҷиати шаҳрванд А.У. -

сокини ноҳияи Восеъ бармеояд, ки бо шавҳараш тариқи никоҳи динӣ оила барпо карда, пайваста аз ҷониби ӯ мавриди лату кӯб қарор дода мешудааст. Мурочиати мазкур барои баррасӣ ба Вазорати корҳои дохилӣ ирсол гардид. Тавре аз мактуби ҷавобии Вазорат бармеояд, бинобар сабаби дар ҳаракатҳои М.Х. набудани таркиби ҷиноят аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст. Дар чунин ҳолат зӯроварони хонаводагӣ беҷазо мемонанд.

Сокини дигари ҳамин ноҳия Ш.М. ба ВҲИ муроҷиат карда, иброз намудааст, ки ӯ аз ҳисоби маблағҳои дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия коркардааш манзили истиқоматӣ сохта, баъд аз вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ бо мақсади баровардан аз манзили истиқоматӣ ӯ аз ҷониби падари шавҳараш якчанд маротиба мавриди лату кӯб қарор дода шудааст, ки бо санадҳои ташхиси судию тиббӣ тасдиқ гардидаанд. Мутаассифона, дар ҳолати мазкур низ аз оғоз намудани парванда рад карда шуд. Мақомоти ВҲИ ба муроҷиаткунанда тавсия дод, ки аз болои қарори қабулшуда шикоят намояд.

Бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила кормандони мақомоти ВҲИ дар соли 2022 санҷиши фаъолияти нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оилаи ШВКД ҶТ дар шаҳри Бохтар ва РВКД дар минтақаи Рашт, фаъолияти нозирони минтақавии ШВКД ҶТ дар шаҳри Хуҷанд ва ШВКД ҶТ дар ноҳияи Восеъро гузарониданд.

Таҳлили натиҷаҳои санҷиш низ нишон дод, ки дар бештари ҳолатҳо зӯроварӣ дар оила нисбати занон истифода мешавад. Масалан, аз 220 муроҷиати аз ҷониби нозирон то давраи санҷиш баррасигардида дар 205 ҳолат зӯроварӣ нисбати занон, дар 14 ҳолат нисбати мардон ва дар 1 ҳолат нисбати ноболиғ истифода шудааст.

Нисбати шахсони зӯроварӣ дар оила содиркарда 88 протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, бо моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии ҶТ 6 парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд, ки дар робита бо шумораи ҳолатҳои содиршудаи зӯроварӣ кам аст.

Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила нисбати шахсони зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда 173 амрномаҳои муҳофизатӣ бароварда шуда, 165 сӯҳбатҳои хусусияти тарбиявидошта гузаронида шудааст.

Самти дигари фаъолияти нозирон кор бо оилаҳои ноустувор аст. Дар шаҳру ноҳияҳои мавриди санҷиш қарордодашуда 171 оилаҳои ноустувор ба қайд гирифта шуда, бо онҳо пайваста корбарӣ мешавад.

Дар соли 2022 аз ҷониби кормандони Дастгоҳи ВҲИ инчунин санҷиши фаъолияти ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар таваллудхонаи №2 шаҳри Душанбе, Муассисаи давлатии Маҷмааи тандурустии “Истиқлол”, Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шифобахш”, таваллудхонаи шаҳрии шаҳри Хуҷанд, беморхонаҳои марказии ноҳияҳои Рашт,

Восеъ ва Беморхонаи клиникии вилоятӣ дар шаҳри Бохтар гузаронида шуд. Дар ҳамаи муассисаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда шароити зарурӣ барои тавонбахшии ҷабрдидагони зӯроварӣ таъмин шудааст. Занони аз зӯроварӣ ранҷкашида асосан ҷабрдидагони зӯроварии ҷисмонӣ ва равонӣ буданд. Шумораи ками нафарони аз ҷониби ин муассисаҳо бо кӯмаки тиббию иҷтимоӣ фарогирифташуда (33 нафар) аз он шаҳодат медиҳанд, ки байни субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳуҷраҳои мазкур ҳамкорӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Ҳамчунин дар раванди санҷишҳои гузаронидашуда дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, ноҳияҳои Рашт ва Восеъ бо ҷалби намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, фаъолони ҷомеа ва ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ мизҳои мудаввар доир карда шуданд. Дар мизҳои мудаввари мазкур ба иштирокчиён дар бораи санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, вазифаҳои субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҳуқуқҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, тарзу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо маълумот пешниҳод гардида, санҷишҳои гузаронидашуда дар ҳузури масъулини соҳа натиҷагирӣ карда шуданд.

Аз ҷониби ВҲИ дар доираи ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва Барномаи рушди СММ дар самти амалисозии лоиҳаи “Нури рушноӣ” 7 декабри соли 2022 бахшида ба ҷашни Рӯзи ҳуқуқи инсон ва маъракаи

солонаи байналмилалии “16 рӯзи амал бар зидди зӯроварии гендерӣ” таҳти унвони “Зӯроварӣ дар оила – мушкилоти иҷтимоии замони муосир” мизи мудаввар баргузор гардид.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои занон, баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила аз ҷониби кормандони мақомоти ВҲИ чорабиниҳои зиёди иттилоотӣ, аз қабили баромадҳои телевизионӣ, радиоӣ, чопи маводҳои иттилоотӣ дар матбуоти даврӣ ва электронӣ таъмин карда шуд.

Ҷиҳати беҳтар намудани вазъ дар самти таъмини баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудани таркиби алоҳида оид ба зӯроварӣ дар оила;
- такмили қонунгузорӣ вобаста ба дастрасии ҷабрдидагони зӯроварӣ ба адолати судӣ;
- тақвият додани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти барҳам додани қолабҳои гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила;
- андешидани чораҳо ҷиҳати ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони содирнамудаи зӯроварӣ дар оила;
- ташаккули махзани ягонаи оморӣ оид ба зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ;
- дар сатҳи миллӣ ташкил намудани барномаҳои ислоҳӣ барои шахсони содирнамудаи зӯроварӣ дар оила;

- андешидани чораҳои муваққатии махсус барои ҷалби занон барои кор дар мақомоти милитсия ва зиёд намудани шумораи занон дар байни нозирон;

- зиёд намудани шумораи паноҳгоҳҳо барои будубоши муваққатии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа бо мақсади ташвиқи ғайри қобили қабул ва зарароввар будани зӯроварии гендерӣ нисбати занон.

## 2.6. Ҳуқуқҳои маъюбон

Маъюбон аъзои комилҳуқуқи ҷомеа буда, таъмин намудани иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вазифаи давлат ва ҷомеаи муосир аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ҷиҳати тақвият бахшидани ҳуқуқҳои маъюбон ва тағйир додани муносибат нисбати онҳо тадбирҳои судманд ва созанда меандешад.

Дар ин робита баъди ба имзо расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №116 Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалисозии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон тасдиқ шуда, соли 2022 татбиқи муваффақонаи он идома дода шуд. Дар доираи Нақшаи мазкур барои бунёди шароит ва механизмҳои амалишавии ҳуқуқҳои маъюбон ҳамкориҳои

судманди мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда шудаанд.

Қонунгузории амалкунанда дар самти мазкур пайваста такмил дода шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул мегарданд. Дар ин раванд ҷиҳати муҳайё сохтан ва таъмин намудани шароити зарурӣ ҷиҳати иштироки баробари маъюбон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, тавонбахшии маъюбон, инчунин пешгирӣ кардани маъюбшавии аҳолӣ аз ҷониби гурӯҳи кории назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо” таҳия гардида, айни ҳол дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ”, ки соли 2022 қабул гардид, муқarrаротро оид ба мутобиқшавии оқилона пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми зарурат дар ҳолатҳои мушаххас барои аз ҷониби шахсон дар баробари дигарон амалӣ гардонидани тамоми ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ ворид намудани тағйиру навовариҳои зарурӣ ва дахлдорро дар назар дорад. Чунин тадбирҳои мутобиқшавӣ барои мусоидат ҷиҳати бартараф намудани таъсири ба гурӯҳи осебпазири ҷомеа, аз ҷумла маъюбон равона карда шудааст.

Соли 2022 бо мақсади иҷрои банди 1.4. Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ

ва амалисозии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон дар назди Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба ҳалли масъалаи маъюбон таъсис дода шуд, ки намояндаи ВҲИ низ аъзои он мебошад. Дар гурӯҳи кории мазкур намояндаи Иттиҳодияи миллии маъюбон шомил гаштааст, ки барои мусоидат ҷиҳати пешбурди ҳуқуқу манфиатҳои маъюбон муҳим аст.

Тибқи маълумоти Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 декабри соли 2022 дар ҷумҳурӣ 159 646 нафар маъюбон ба қайд гирифта шудаанд, ки тақрибан 1,6 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 17 216 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 76 885 нафар маъюбони гурӯҳи дуюм ва 33 348 нафар маъюбони гурӯҳи сеюм мебошанд.

Айни замон, ҷиҳати тавонбахшии маъюбон, аз ҷумла тавассути таъминоти онҳо бо воситаҳои техникӣ, протезию ортопедӣ ва табобати санаторию курортӣ чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 аз ҷониби Корхонаи давлатии “Заводи протезию ортопедӣ”-и шаҳри Душанбе барои тавонбахшии маъюбон 1458 адад воситаҳои ёрирасон, аз ин шумора 389 адад аробачаи

маъюбӣ, 2046 адад асо, 430 адад асо барои нобиноён, 688 ҷуфт асобағал, 366 адад асобағали то оринҷ, 283 дона дастгоҳи шунавоӣ ва 216 адад роҳгардак ҷудо карда шудааст.

Дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 226 ташкилоту муассисаҳо ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон хизмат мерасонанд. Аз ҷумла, дар осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои низоми Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки фаъолияти мавсимӣ доранд, дар соли 2022 дар мавсими истироҳатӣ 1179 нафар маъюбон бо истироҳату табобат фаро гирифта шуданд. Аз ҷониби 6 Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба 978 нафар пиронсолону маъюбон хизматҳои дахлдор расонида шуданд.

Маъюбон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда бо нафақа ва кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ таъмин карда мешаванд.

Тибқи иттилооти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2023 шумораи умумии нафақагирон 763 333 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз ин 159146 нафар ё 20% онҳо нафақагирони маъюб мебошанд. Шумораи нафақагирони маъюб дар соли 2022 назар ба соли 2021 1367 нафар зиёд шудааст. Барои пардохти нафақа ба маъюбон дар як моҳ 51,9 млн. сомонӣ ҷудо карда мешавад, ки ба ҳисоби миёна нафақаи моҳонаи онҳо 325,84 сомониро ташкил медиҳад.

Таҳсилоти касбии маъюбон як ҷузъи муҳими тавонбахшии ҳамаҷонибаи онҳо буда, барои таъмини мустақилияти комил ва иқтисодии маъюбон мусоидат менамояд. Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 569 маъюбон таҳсил мекунанд.

Дастрас будани муҳити ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, инчунин иттилоот барои маъюбон имконият медиҳад, ки аз ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ ба пуррагӣ истифода намоянд.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашаванда маъюбон бо монеаҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки иштироки онҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар баробари дигарон мушкил мегардонад. Масъалаҳои вобаста ба таъмини дастрасии бемамониати маъюбон ба инфрасохторҳо ва воситаҳои нақлиёт, таъмини шуғли онҳо, дастрасии маъюбон ба иттилоот, аз ҷумла тавассути таъмин намудан бо тарҷумонҳои касбии имову ишора ҳалталаб боқӣ мемонанд.

Тавре маълум аст, барои рушди тадбирҳои таъмини дастрасии бемамониати маъюбон ба инфрасохтори иҷтимоӣ “Барномаи давлатии “Муҳити дастрас” барои солҳои 2021-2025” ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он қабул гардидааст. Вале иҷроиши Барномаи мазкур дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки меъёрҳои дахлдори дастрасии гурӯҳи камҳаракати аҳолӣ ба бино ва

иншоот зимни сохтмони биноҳои нав баъзан ба назар гирифта намешаванд. Мушкилоти мазкур на танҳо дар шаҳри Душанбе, балки дар манотиқи дигари кишвар низ ҷой дорад. Гарчанде Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” (қисми 2 моддаи 25) муқаррар намудааст, ки ба “Лоиҳакашӣ ва сохтмони шаҳрҳо, дигар маҳалҳои аҳолинишин, ташкили минтақаҳои истиқоматӣ ва истироҳатӣ, таҳияи лоиҳаҳои нави сохтмон ва азнавсозии биноҳо, иншоот ва маҷмааи онҳо бе мутобиқ гардониданашон барои дастрасӣ ва истифодабарии маъюбон иҷозат дода намешавад”.

Ин ҳолат зимни санҷишҳои кормандони мақомоти ВҲИ дар шаҳри Норак ва ноҳияи Нуробод низ ба мушоҳида мерасид.

Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалисозии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон тақвият додани мақоми ҳуқуқии забони имову ишора ва доираи истифодабарии ҳуруфоти Брайлро пешбинӣ менамояд. Аммо масъалаи мазкур то ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст ва чунин ҳолат боиси мушкилоти маъюбон дар дастрасии онҳо ба иттилоот мегардад.

Масъалаи таъмин намудани барномаҳои телевизионӣ, аз ҷумла чорабиниҳои муҳими сиёсӣ бо забони имову ишора аз ҷониби намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии маъюбон пайваста масъалагузорӣ карда мешавад. Зеро дар ҷумҳурӣ шумораи зиёди маъюбон, ки қобилияти шунавоиашон суст

аст, зиндагӣ намуда, ба инобат нагирифтани ин масъала боиси вайрон шудани ҳуқуқи онҳо ба дастрасӣ ба иттилоот мегардад.

Яке аз чорабиниҳои муҳим раванди ироаи Паём ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ин қишри аҳолӣ аз мазмуну мухтавои он бебаҳра мемонанд. Бо дарназардошти ин ва пешниҳоди иттиҳодияи ҷамъиятии соҳаи маъюбон ВҲИ ҷиҳати таъмин намудани раванди ироаи Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони имову ишора ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуд.

Дар натиҷа ба Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №47238(26.1) аз 21 декабри соли 2022 ҷиҳати бо тартиби муқаррargardida чораҷӯӣ намудан дастур дода шуд, вале масъала ҳалли худро наёфт.

Аз ин лиҳоз, омода намудан ва таъминоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ бо мутахассисони забони имову ишора беҳбудиро тақозо менамояд. Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар чор муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ҳамагӣ 275 мутахассиси забони имову ишора тайёр карда мешаванд.

Тибқи Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалисозии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон баррасии масъалаи таъсис додани вазифаи сармутахассиси ғайриштатӣ оид ба масъалаҳои маъюбӣ ё мушовир оид ба масъалаи маъюбон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби маъюбон пешбинӣ шудааст. Таъсиси вазифаи мазкур имконият медиҳад, ки мушкилоти маъюбон дар сатҳи маҳал муайян ва барои ҳалли онҳо мусоидат карда шавад.

Тавре аз маълумоти пешниҳодкардаи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Файзобод, Нуробод, Сангвор, Тоҷикобод чунин воҳидҳои корӣ аз ҳисоби маъюбон таъсис дода шудаанд.

Дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт таъсиси ин воҳиди корӣ ба зиммаи раиси Ташкилоти ҷамъиятии маъюбон, дар шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Лахш иҷрои ин вазифа ба зиммаи кормандони бахши ҳифзи иҷтимоӣ вогузор шуда, дар ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Варзоб мутахассисони ғайриштатӣ оид ба масъалаҳои маъюбӣ фаъолият доранд.

Ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки масъалаи зикргардида ба таври зарурӣ иҷро намешавад. Зимни мониторингҳои кормандони мақомоти ВҲИ дар шаҳри Норак ва ноҳияи Нуробод низ ин ҳолат ба назар мерасид.

Қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии

маъюбон", "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатҳои таъмини шуғли маъюбон, имтиёзҳои иловагӣ ва дигар кафолатҳоро дар муносибатҳои меҳнатии онҳо пешбинӣ намудаанд. Аммо дар амалия ин масъала ҳалталаб боқӣ мемонад. Чунин вазъро таҳлилҳои ВҲИ зимни мониторинги вазъи риояи ҳуқуқҳои ин категорияи аҳолӣ дар шаҳри Норак ва ноҳияи Нуробод низ тасдиқ мекунанд. Масъалаи аз ҳисоби маъюбон ба кор қабул намудани кормандон дар ташкилотҳое, ки шумораи кормандонашон на камтар аз 20 нафар мебошад, ҳалли худро наёфтааст.

Тавре аз маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бармеояд, тибқи чорабиниҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар соли 2022 8015 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд. Аз ин шумора танҳо 230 нафарашонро маъюбон ташкил медиҳанд.

Маъюбон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ба имтиёзҳо, аз ҷумла андозбандии имтиёзнок ҳуқуқ доранд. Чунончи, мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андозбандӣ озод намудани даромади дар шакли музди меҳнат гирифтаи маъюбон аз овони кӯдакӣ ва маъюбони гуруҳи I, аз андозбандӣ озод намудани объектҳои ғайриманқуле, ки дар

онҳо маъюбони гуруҳҳои I ва II ба қайд гирифта шудаанд ва объектҳои ғайриманқули нафақагирони яккаю танҳо, ки дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо кӯдакони ноболиғ ё кӯдаки маъюб дар хонаи алоҳида зиндагӣ мекунанд, андозбандӣ карда намешаванд.

Аммо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 17 декабри соли 2021 дар таҳрири нав қабул ва аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор дода шуд, якчанд имтиёзҳоро, ки қаблан маъюбон доштанд, бекор кард, аз ҷумла имтиёзҳои вобаста ба андоз аз фоида (м. 110) ва имтиёзҳои вобаста ба андоз аз объектҳои ғайриманқул барои корхонаҳое, ки 50 фоизи кормандонашонро маъюбон ташкил медоданд (м.278). Аз ин имтиёз танҳо ташкилотҳои ҷамъиятии маъюбон истифода менамуданд, зеро танҳо дар ҳамин ташкилотҳо қариб ҳамаи кормандонашон маъюбонанд. Бинобар бекор кардани ин имтиёз ташкилотҳои ҷамъиятӣ маҷбур шудаанд як қисми кормандони худро аз кор озод намоянд, зеро пардохти андозҳои муқарраргашта даромади ин корхонаҳоро кам ва вазъияти бо кор таъминкунии маъюбонро боз ҳам вазнинтар мекунад.

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш на танҳо як воситаи табобат, тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии маъюбон ба ҷомеа мебошад, балки шарти муҳими баланд бардоштани худбаҳодиҳии маъюбон, барқарор намудани робита бо ҷомеа ва эътирофи онҳо ҳамчун шаҳрвандони баробарҳуқуқ ба шумор меравад.

Тибқи маълумоти Федератсияи варзишгарони маъюби Тоҷикистон айни ҳол он 750 нафар аъзоро муттаҳид намуда, онҳо дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, парчами Тоҷикистонро баланд мебардоранд. Дар соли 2022 варзишгарони маъюби Тоҷикистон дар чунин мусобиқаҳо 18 медали тилло, 14 медали нуқра ва 12 медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки варзишгарони маъюб бо як қатор мушкилот, аз ҷумла дар ҳудуди кишвар набудани мактаби махсуси варзишӣ барои маъюбон, ҳамасола баланд бардоштани ҳаққи иҷораи толорҳои варзишӣ, ба стандартҳо ҷавобгӯ набудани лавозимоти варзишӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

ВҲИ ҷиҳати мусоидат ба риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои маъюбон тадбирҳои дахлдор меандешад. Аз ҷумла, моҳҳои апрел-майи соли 2022 аз ҷониби кормандони Дастгоҳи ВҲИ мониторинги вазъи риояи ҳуқуқҳои маъюбон дар шаҳри Норак ва ноҳияи Нуробод гузаронида шуд.



*Раванди мониторинги дастрасии маъюбон ба инфрасохторҳои шаҳри Норак*

Зимни мониторинг вазъи бо шуғли фаро гирифта шудани маъюбон ва дастрасии онҳо ба инфрасохтори ҳудуди ноҳия мавриди санҷиш қарор дода шуд.

Натиҷаи мониторинг нишон дод, ки аҳолии ноҳияи Нуробод 72 413 нафарро ташкил менамояд. Дар ноҳия 829 нафар маъюбон истиқомат мекунанд, ки аз онҳо 84 нафар

маъюби гурӯҳи якум, 396 нафар маъюби гурӯҳи дуюм, 185 нафар маъюби гурӯҳи сеюм ва 164 нафар маъюбони то синни 18-сола мебошанд. Дар ноҳияи мазкур танҳо 9 нафар маъюбон бо ҷойи кор таъмин шудаанд.

Натиҷаи мониторинги вазъи дастрасии маъюбон ба инфрасохтори ҳудуди ноҳия, ки дар якҷоягӣ бо намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки бо вуҷуди навсохт будани инфрасохтори маркази ноҳия (соли 2009 ба истифода дода шудаанд), эҳтиёҷоти маъюбон ба инобат гирифта нашудаанд. Масалан, бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод, ки аз се ошёна иборат буда, дар даромадгоҳи бино зинаҳои баландии умумиашон 75 см ҷойгиранд, аз нуқтаи назари дастрасии маъюбон номутобиқ мебошад.

Дар биноҳои шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва филиали Амонатбонки ноҳия низ пандус насб карда нашудааст. Дар филиали Амонатбонк таҷҳизоти пулгирӣ (банкомат) дар ҷойи номуносиб барои дастрасии маъюбон ҷойгир шудааст. Бинои филиали “Коммерсбонк” дар баландӣ воқеъ буда, барои гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ дастрас нест.

Ба ҳамин монанд камбудиҳо зимни мониторинг дар шаҳри Норак низ ба назар расиданд. Тибқи маълумотҳои дастрасгардида дар шаҳри Норак 1167 нафар маъюбон

истиқомат доранд, аз ҷумла 339 нафар маъюби гурӯҳи сеюм, ки аз онҳо 52 нафар кор мекунанд.

Аксари биноҳои ҳудуди шаҳри Норак солҳои пеш сохта шуда, дастрасии маъюбон ба онҳо ба инобат гирифта нашудааст. Дар биноҳои навсохт то як андоза талабот ба инобат гирифта шуда бошад ҳам, аммо дар онҳо камбудиҳо ҷой доранд.

Аз натиҷаи мониторингҳои гузаронидашуда ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда аз ҷониби кормандони мақомоти ВҲИ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Дар амалисозӣ ва пешбурди ҳуқуқҳои маъюбон чорабиниҳои маърифатӣ-фаҳмондадиҳӣ нақши муҳим доранд. Бо мақсади иттилоотонии ҷомеа вобаста ба ҳуқуқҳои маъюбон аз ҷониби кормандони мақомоти ВҲИ дар шаҳри Норак ва ноҳияи Нуробод бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, раисони ҷамоатҳо ва маҳаллаҳо, фаъолони маҳаллаҳо, имомхатибон ва ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ мизҳои мудаввар баргузор карда шуд, ки дар онҳо масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маъюбон, стандартҳои миллӣ ва байналмилалии самти мазкур, Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалисозии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон ва дигарҳо мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуданд.





*Мизҳои мудаввари мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Норак ва ноҳияи Нуробод дар мавзӯи “Ҳуқуқҳои маъюбон”*

Соли 2022 ба мақомоти ВҲИ аз ҷониби маъюбон ва ба манфиати онҳо 15 мурочиат ворид шудааст. Дар мурочиатҳои мазкур асосан масъалаҳои вобаста ба таъминоти иҷтимоӣ, расонидани кӯмаки моддӣ, таъминот бо манзил, истифодаи замини хоҷагии деҳқонӣ, мерос, кӯмак барои гузаронидани ҷарроҳӣ, гузаронидани ташхиси ройгон, таъминот бо доруворӣ ва табобат ба миён гузошта шудаанд.

ВҲИ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ дар ҳалли мушкилоти муроҷиаткунандагон ва барқарорсозии ҳуқуқҳои онҳо мусоидат намуд. Масалан, сокини ноҳияи Файзобод М.Г. дар муроҷиаташ аз ВҲИ ҷиҳати гузаронидани ташхиси фарзандаш Б.К., ки гирифтори бемории "Кератоконуси музмини чашми чап" мебошад ва кӯмак дар гузаронидани ҷарроҳии ӯ мусоидат пурсидааст. ВҲИ ҷиҳати мусоидат дар масъалаи мазкур ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дархост ирсол намуд. Дар натиҷа, аз ҷониби вазорат ба Б.К. барои аниқ намудани ташхис дар Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои чашм" роҳхат дода шуда, барои муоинаи тиббӣ ва гузаронидани ҷарроҳӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда кӯмак расонида шуд.

Сокини ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе маъюби гурӯҳи якум А.Қ. аз ВҲИ ҷиҳати ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ мусоидат пурсидааст. ВҲИ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти муроҷиаткунанда мусоидат намуд.

Ҳамчунин ВҲИ ба шаҳрванд Д.Б. сокини шаҳри Душанбе барои гузаронидани ташхиси тиббии ройгон ва муқаррар намудани гурӯҳи маъюбӣ мусоидат намуд.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва огоҳонии аҳолӣ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон аз ҷониби кормандони мақомоти ВҲИ 9 баромадҳо дар телевизион ва радио ва чопи мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва сомонаи ВҲИ таъмин карда шуд.

Ҷиҳати беҳтар намудани вазъ дар самти таъмини ҳуқуқҳои маъюбон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- тақвияти тадбирҳо ҷиҳати ба тасвиб расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон;

- такмили қонунгузории амалкунанда вобаста ба ҳуқуқҳои маъюбон, аз ҷумла қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо";

- таъмини пахши барномаҳои телевизионӣ бо забони имову ишора, хусусан чорабиниҳои муҳими сиёсӣ;

- андешидани чораҳо ҷиҳати бо кор таъмин намудани маъюбон ва мониторинги ин раванд;

- мусоидат ба ташкили мактаби махсуси варзишӣ барои маъюбон.

## 2.7. Ҳуқуқи дастрасӣ ба манзил

Сатҳи зиндагии инсон ба амалисозии ҳуқуқи ӯ ба манзил алоқамандии зич дорад. Ҳуқуқи инсон ба манзили кофӣ барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ манзили муносибро ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ эътироф намудаанд.

Ҳуқуқи ҳар кас ба манзил бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 36) кафолат дода шудааст.

Дастрасӣ ба манзили кофӣ бояд ба ҳама, сарфи назар аз сатҳи даромад ва дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ таъмин карда шавад. Шаҳрвандон ҷиҳати ба даст овардан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардани манзил интихоби мустақил доранд. Давлат ҷиҳати рушди сохтмони манзил ва амалисозии ҳуқуқ ба манзил бояд мусоидат намояд.

Дар ҷумҳурӣ ҷиҳати ба қонунгузории миллӣ ворид намудани стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт тадбирҳои дахлдор андешида мешаванд. Механизмҳои амалишавии ҳуқуқи мазкурро қонунгузории амалкунандаи миллӣ, аз ҷумла кодексҳои манзил, гражданӣ, мурофиавии гражданӣ, замин, ҷиноятӣ, шаҳрсозӣ, Меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим медароранд, ки тибқи онҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллии кишвар вазифадор мегарданд, ки самти сохтмони манзилро дастгирӣ намуда, барои амалишавии ин ҳуқуқ шароит муҳайё намоянд. Ҳуқуқ ба манзил тавассути расмиёти тосудӣ ва судӣ ҳифз карда мешавад.

Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ сохтмони манзил вусъат ёфта, ба шаҳру ноҳияҳо симои нави замонавӣ дода истодааст. Ҳаҷми манзил, инчунин объектҳои дорои аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ ва маданӣ сол то сол меафзояд.

Ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба манзили дастрас Стратегияи рушди саноати сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №203 аз 27 апрели соли 2022 қабул шудааст, мусоидат менамояд.

Қадами муҳим дар амалисозии ҳуқуқ ба манзили кофӣ қабули Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мебошад, ки аз 1 сентябри соли 2022 мавриди амал қарор дода шуд. Он асосҳои ба даст овардани манзил, истифодаи он, хизматрасонии коммуналӣ, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии давлатии фонди манзилро танзим намуда, ба рушди соҳа нигаронида шудааст.

Бо мақсади ба шахсони эҳтиёҷманд додани манзили истиқоматӣ Кодекси манзил бори аввал муқарраротро дар бораи шартномаи кироям иҷтимоӣ пешбинӣ намудааст. Кодекси манзил шаҳрвандони эҳтиёҷмандро, ки ба чунин манзил ҳуқуқ доранд, муайян намуда, тартиби баҳисобгирӣ, додан, меъёр ва истифодабарии онро ба танзим медарорад.




*Муҳокимаи Кодекси манзил дар таҳрири нав дар якҷоягӣ бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ*



Фонди манзили истифодаи иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағу воситаҳои коммуналӣ ва (ё) ҷумҳуриявӣ, маблағу воситаҳои ташкилотҳои хусусии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ва хайрияҳо ташкил меёбад. Молики манзили истиқоматии хусусӣ метавонад дар асоси шартнома манзилро ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои истифода ҳамчун манзили истиқоматии иҷтимоӣ супорад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ аз соли 2000-ум то соли 2022 ҳаҷми солонаи ба истифода додани манзил аз 245 ҳазор метри мураббаъ ба зиёда аз 1,5 млн. метри мураббаъ расидааст. Дар 10 соли охир 7,2 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ барои бунёди беш аз 14 млн. метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба аҳолӣ ҷудо гардидааст.

Яке аз роҳҳои бо манзил таъмин намудани шаҳрвандон ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ мебошад. Тавре дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар зикр гардид: «Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ ба 1 миллиону 450 ҳазор оила замини наздиҳавлигӣ барои бунёди манзил ҷудо карда шудааст.

Бо ин мақсад 139 ҳазор гектар замин ҷудо гардида, беш аз 9 миллион нафар шаҳрвандони мо имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд.».

Аз маълумоти пешниҳоднамудаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки сохтмони манзил дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиёд гардидааст. Аз

ҷумла, дар давоми соли 2022 1701,5 ҳазор метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 271,2 ҳазор метри мураббаъ зиёд мебошад.

Аммо новобаста аз зиёдшавии сохтмони манзил, мушкилот дар самти амалӣ намудани ин ҳуқуқи шаҳрвандон боқӣ мемонад. Дар шароити кам шудани имконияти давлат дар сохтмони манзил, буҳрони молиявӣ, кам будани захираҳо ва надоштани имкониятҳои зарурии молиявӣ қисми зиёди аҳолӣ, хусусан табақаҳои эҳтиёҷманд, аз ҷумла маъюбон, модарони танҳо, оилаҳои камбизоат ва серфарзанд имконияти харид ё сохтани манзилро надоранд. Арзиши як метри мураббаъ манзили биноҳои нав, масалан дар шаҳри Душанбе аз 4500 то 10000 сомониро ташкил медиҳад.

Зарур аст, ки барномаҳои зиёд намудани ҳаҷми сохтмони манзили иҷтимоӣ, ки ба хоҷагиҳои даромадашон миёна нигаронида шудаанд, таҳия шаванд.

Бинобар гаронии нарх дар бозор сохтмони манзили арзон барои ширкатҳои сохтмонӣ фоидаовар нест. Аз ин рӯ, онҳоро барои сохтмони манзили арзону дастрас ҳавасманд кардан мувофиқи мақсад аст.

Дар ин самт инчунин татбиқи таҷрибаи баъзе кишварҳо, ки аз ширкатҳои сохтмонӣ бар ивази замине, ки барои сохтмони бинои истиқоматӣ ҷудо карда мешавад, фоизи муайяни манзили истиқоматӣ (тақрибан то 10%) барои ташкили фонди манзили иҷтимоӣ гирифта мешавад, низ мусоидат хоҳад кард. Додани қарзҳои дарозмуҳлату

имтиёзнок барои сохтмони манзил метавонад роҳи ҳалли масъала бошад.

Аз ҷой доштани мушкилот дар самти мазкур шумораи муроҷиатҳои ба мақомоти ВҲИ воридшуда низ шаҳодат медиҳанд. Дар соли 2022 ба мақомот дар ин самт 36 адад муроҷиат ворид гардид, ки асосан масъалаҳои ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтани манзил, баҳс бо ширкатҳои сохтмонӣ, баҳс бо бонкҳо оид ба манзилҳои ба гарав мондашуда, баргардонидани маблағи пешпардохт аз ширкатҳои сохтмонӣ, тақсими манзили меросӣ, маскун кардан, бартараф кардани монеагӣ барои маскун шудан, таъмин бо манзили дастрас, худсарона соҳибӣ намудани манзили меросии дигар шахс, иштироки намояндаи мақомоти ВҲИ дар мурофиаи судӣ вобаста ба баҳсҳои манзил ва ғайраро дар бар мегиранд.

Соли 2022 зимни қабули сайёри шаҳрвандон аз ҷониби ВҲИ дар шаҳрҳои Кулоб, Панҷакент, Бустон, ноҳияҳои Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷ.Расулов, Айнӣ, Ашт, Мастчоҳ, Рашт, Нуробод ва Файзобод 33 шаҳрванд вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқ ба манзил ва гирифтани замини наздиҳавлигӣ муроҷиат намудаанд. ВҲИ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ҳалли масалаҳои зикршуда мусоидат намуд.

Яке аз масъалаҳое, ки боиси норозигии шаҳрвандон ва муроҷиати онҳо ба сохторҳои дахлдор мегардад, кӯчонидани шаҳрвандон аз манзили истиқоматӣ бинобар гирифтани

замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва дар чунин ҳолатҳо риоя нагардидани ҳуқуқҳои онҳо мебошад.

Дар қарорҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки барои додани иҷозат барои вайрон кардани биноҳои фарсуда ва сохтмони биноҳои нави бисёрфунксионалӣ асос мебошанд, ҷанбаҳои ҳуқуқи инсон ба назар гирифта шуда, ширкатҳои сохтмонӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҳуқуқҳои инсонро риоя ва эҳтиром кунанд.

Тибқи стандартҳои ҳуқуқи дастрасӣ ба манзил ҳама гуна кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бояд дар асоси қонун сурат гирифта, оқилона ва муносиб бошад ва ҳангоми аз манзили истиқоматӣ кӯчонидан бояд манзили истиқоматии муносиб, ҷубронпулии муносиб ва ё замин дода шавад, вале талаботи мазкур на ҳама вақт аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ риоя карда мешаванд.

Масалан, шаҳрвандон Н.Р. ва Я.Г., сокинони ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе ба ВҲИ муроҷиат намуда, дар бораи ҷой доштани баҳси байни онҳо ва ҶСК "Вусъати иншоотҳои Тоҷикистонсохтмон" иброз намуданд. Маълум гардид, ки Ҷамъияти мазкур бар ивази арзиши бозории манзили истиқоматии онҳо ҷуброни номуносиб пешниҳод менамояд, ки барои харидани манзили дигар нокифоя аст. Зиёда аз ин, ҷамъият арзиши манзили истиқоматии онҳоро пардохт накарда, ба тахриби бино оғоз намудааст. Ба шаҳрвандони мазкур маслиҳат дода шуд, ки тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда бо аризаи даъвогӣ ба суд муроҷиат намоянд.

Муроҷиаткунандагон ба суд муроҷиат намуда, дар давраи омодагии парванда барои баррасии судӣ тарафҳо ба созиши оштӣ омада, аз ҷониби Ҷамъияти мазкур ба сокинони манзили истиқоматии тахрибшаванда арзиши мувофиқ пардохт карда шуд.

Шаҳрванд А.Б. сокини ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе низ ба ВҲИ муроҷиат намуда, аз муносибати дағалонаи кормандони мақомот ҳангоми кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ ва нархгузории манзилҳо норозигӣ баён кард, ки ин ҳолат низ вайроншавии ҳуқуқи истиқоматкунандагони манзилро нишон медиҳад.

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ моҳи ноябри соли 2022 аз натиҷаи баррасии маърӯзаи чоруми даврии Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба Тоҷикистон тавсия дод, ки кӯчонидан танҳо ҳамчун чораи охирин амалӣ карда шуда, дар ҳолатҳои кӯчонидан ҳимоя ва кафолатҳои мурофиавӣ, аз ҷумла гузаронидани машваратҳо, огоҳсозии мувофиқ ва оқилона, пешниҳоди манзили алтернативӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида, дастрасии ёрии ҳуқуқӣ барои сокинони зарардида ва пешгирии бесарпаноҳӣ бо роҳи пешниҳоди манзили алтернативӣ таъмин карда шавад.

Масъалаи дигари ҳалталаб дар самти мазкур идоракунии бинои бисёрхонагӣ ва мушкилоти вобаста ба хизматрасониҳои коммуналӣ мебошад. Соли 2022

кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати муайян намудани вазъи хизматрасонии коммуналӣ дар 3 корхонаҳои хизматрасонии манзилию коммуналӣ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе мониторинг гузарониданд. Аз натиҷаи мониторинг маълум гардид, ки дар ин самт камбудиҳо зиёданд. Дар байни корхонаҳои хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва аксарияти моликони манзили истиқоматӣ шартномаҳои хизматрасонӣ баста нашудаанд.

Шартномаҳои басташуда низ дар аксар мавридҳо аз ҷониби тарафҳо иҷро намешавад. Шаҳрвандон аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ оид ба хизматрасонии коммуналӣ ба таври кофӣ огоҳ нестанд. Бо вуҷуди пардохт намудани хизматрасониҳои коммуналӣ (таъмини оби хунук ва гарм, корез, қувваи барқ, гармидиҳӣ, ҷамъоварӣ ва кашонда бурдани партовҳои маишӣ), ки қонун муқаррар намудааст, аз шаҳрвандон боз пардохти хизматрасонии коммуналии иловагиро талаб менамоянд. Ҳангоми зарур шудани маълумотнома аз ҷои истиқомат кормандони корхонаҳои хизматрасонии манзилию комуналӣ ба шаҳрвандон бо баҳонаи пардохт накардани ҳаққи хизматрасониҳо онро намедиҳанд, ки ин вайроншавии ҳуқуқи шаҳрвандон мебошад.

Миёни шаҳрвандон ва корхонаҳои хизматрасонии манзилию комуналӣ оид ба таъмини нигоҳдории даромадгоҳҳои биноҳои истиқоматӣ, рӯбучини гирду атроф ва тоза намудани ҷуйборҳои назди хонаҳои баландошёнаи истиқоматӣ нофаҳмиҳо ҷой доранд. Тавре аз сӯҳбат бо

шаҳрвандон бармеояд, нигоҳубин ва тоза кардани ҷойҳои мазкур аз ҳисоби шаҳрвандон таъмин карда мешавад ва корхонаҳои хизматрасонии манзилию комуналӣ бидуни хизматрасонӣ мунтазам пардохтпулиҳоро талаб менамоянд.

Иҷрои санадҳои судӣ вобаста ба баҳсҳои байни шаҳрвандон ва ширкатҳои сохтмонӣ ҳалталаб аст. Аксар вақт бинобар аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ва судӣ дар рафти тафтишоти пешакӣ ва баррасии парвандаҳо ҳамчун чораҳои таъминотӣ ба ҳабс нагирифтани молу мулки маҳкумшудагони ширкатҳои сохтмонӣ чунин ҳуҷҷатҳо бе иҷро мемонанд.

Масалан, тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳукми суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Директор ва кормандони масъули ширкати сохтмонии ООО “ЭҲЁ” дар содир намудани ҷиноятҳои бо моддаҳои 247, кисми 4, банди “б”, 340 қисми 2, бандҳои “а, б, в” ва 295 қисми 1 Кодкеси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида гунаҳгор дониста шуда, ба онҳо ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ таъин карда шудааст ва аз 4 феврали соли 2022 истеҳсолоти иҷро оғоз гардидааст. Мувофиқи санади судии қабулгардида бояд аз ҳисоби роҳбарияти ширкати мазкур ба фоидаи 99 нафар шахсони воқеӣ ба маблағи умумии 16 182 263 сомонӣ маблағи зарари расонидашуда ситонида шавад. Мутаассифона, дар рафти тафтишоти пешакӣ ва баррасии судӣ ягон молу мулки маҳкумшудагони ширкат ҳамчун чораҳои таъминотӣ ба ҳабс гирифта нашудааст ва ин боиси бе иҷро мондани варақаҳои иҷро гардидааст.

Шаҳрвандон тариқи шифоҳӣ ба ВҲИ муроҷиат намуда, иброз доштанд, ки ба қатори мушкилотҳои дигари самти мазкур инчунин ҳолатҳои сари вақт сохта ба истифода дода нашудани манзилҳои истиқоматӣ аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ, баъд аз бастани шартнома аз ҷониби ширкатҳо ба шаҳрвандон пешниҳод намудани масоҳати зиёдатӣ бо талаб кардани маблағи иловагӣ, яктарафа қатъ гардонидани амали шартнома дар ҳолати иваз шудани роҳбарияти ширкатҳои сохтмонӣ, ҳолатҳои ба якчанд нафар фурӯхтани манзили истиқоматӣ, сари вақт ва ба пуррагӣ пардохт накардани ҳаққи иҷораи муваққатии манзили истиқоматӣ ба соҳибони манзилҳои тахрибшуда низ ба назар мерасанд.

Дар асоси Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2022 дар шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Айнӣ, Қубодиён ва Ёвон санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба манзил гузаронида шуд. Дар рафти санҷиш масъалаҳои вобаста ба ҷудо намудани масоҳати қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ, шумораи муроҷиати шаҳрвандон барои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ, шумораи манзилҳои бинобар зарурати давлатӣ ва ҷамъиятӣ тахрибшуда ва пардохти арзиши онҳо ба соҳибмулкон, теъдоди баҳсҳои судӣ байни ширкатҳои сохтмони манзил ва дигарҳо баррасӣ гардиданд.

Маълум гардид, ки ҷиҳати беҳтар намудани шароити манзил ва таъмин намудани аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ, бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

шаҳри Панҷакент ба масоҳати 2046,72 га, дар ноҳияҳои Қубодиён ба масоҳати 386,98 га, Ёвон ба масоҳати 635,53 га ва Айнӣ ба масоҳати 225,10 га қитъаи замин барои сохтмони манзил ҷудо гардидааст, ки ба шаҳрвандони эҳтиёҷманд тибқи мурочиати онҳо дода шудааст. Дар ноҳияҳои Қубодиён ва Айнӣ сохтмони манзилҳои баландошёна ниҳоят кам мебошад. Дар заминҳои барои сохтмони манзил ба аҳолӣ ҷудогардида сохта, ба истифода додани манзилҳои дастрас мувофиқи мақсад аст.

Таҳлили вазъи амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил нишон медиҳад, ки набудани механизми самараноки дастрасии шаҳрвандон ба қарзҳои бонкӣ барои сохтмони манзил, баланд будани нархи манзил нисбат ба даромади аҳолӣ, инъикоси нокифояи тарзу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил дар ВАО ва иҷро нагардидани талаботи шартнома аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ аз ҷумлаи мушкилоти самти мазкур мебошад.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба манзил тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати таъмин намудани эҳтиёҷмандон, хусусан гурӯҳҳои осебпазир бо манзили иҷтимоӣ;

- таъсис додани фонди манзили иҷтимоӣ;

- андешидани чораҳо ҷиҳати дастрас гардонидани қарзҳои бонкӣ барои сохтмони биною хонаҳои истиқоматӣ;

- дуруст ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои хизматрасонии манзилию комуналӣ;

- таҳияи механизмҳо ва тартиби баҳодиҳии мустақил ва азнавбаҳодиҳии манзилҳои истиқоматӣ бо арзиши бозорӣ.

# ХОТИМА

Аз муҳтавои Маърӯзаи навбатии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2022 бармеояд, ки бо дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иқтидори дохидиидоравии мақомот барои иҷрои саривақтӣ ва самараноки вазифаҳое, ки қонунгузор муқаррар кардааст, таҳким меёбад.

Аз ҷумла, дар доираи ҳамкориҳои мазкур соли 2022 роҳбарият ва кормандони мақомоти ВҲИ дар кори 99 (с.2021 – 71) форуму конференсияҳо, семинару тренингҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои мақомоти давлатӣ иштирок ва баромад намуда, бо иқдомҳои ВҲИ 42 (с.2021 - 46) маротиба чунин чорабиниҳо ташкил ва гузаронида шудаанд.

Дар ин раванд густаришёбии ҳамкориҳои ВҲИ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии муқими Тоҷикистон, аз ҷумла Намояндагии СММ, Барномаи Рушди СММ, Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), намояндагии Иттиҳоди Аврупо, Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе, Агентии рушди байналмилалии ИМА (ЮСАИД), Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ (ICNL LLC) ва дигарҳо мавриди зикр аст ва дар доираи чунин ҳамкориҳо агар соли 2021 ҳамагӣ 12 вохӯриҳои ВҲИ доир шуда бошанд, пас дар соли 2022 бошад, 34 вохӯриву мулоқотҳои мутақобилан судманди ВҲИ бо

намояндагони  созмонҳои байналмилалӣ ва коршиносони мустақили байналмилалӣ анҷом дода шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки соли 2022 як қатор нақшаҳои якҷояи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла бо Барномаи Рушди СММ, Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе ва дигарҳо амалӣ карда шудаанд ва мусаллам аст, ки амалисозии чунин нақшаҳои якҷоя барои таҳкими иқтидори мақомоти ВҲИ мусоидат менамоянд.

Сафарҳои кории ВҲИ ба дигар давлатҳои хориҷӣ бо мақсади баланд бардоштани имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ хеле муҳим ва судманд арзёбӣ мегарданд. Сафари кории ВҲИ ба шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария рӯзҳои 15 - 23 июли соли 2022 ва вохӯриву мулоқотҳои самараноки ӯ бо намояндагони як қатор сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати табодули таҷриба ва муаррифии дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҷумлаи чунин тадбирҳо мебошад.

Ҳамзамон, ВҲИ мувофиқи мақсад медонад, ки ҷиҳати боз ҳам бештар намудани ҳамкориҳо ва бастани ёддоштҳои тафоҳум бо ҳамтоёни хориҷӣ ва дигар сохторҳои дахлдори СММ оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ  ба ВҲИ мусоидат карда шавад.

Яке аз талаботи Принсипҳои Париж дастрас будани ВҲИ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад ва дар ҷода ҳамкориҳои ВҲИ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сол аз сол тақвият меёбанд. Аз ҷумла, соли 2022 ҳамкориҳои ВҲИ бо Шӯрои ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии маъюбони Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷамъиятии “Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ”, “Инсон ва адолат”, «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон», “Дафтар оид ба ҳуқуқи инсон ва волояти қонун” ва дигарҳо самаранок арзёбӣ шудаанд.

Ҷиҳати осон гардонидани дастрасии ВҲИ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ хеле муҳим аст ва аз ин лиҳоз, дар Маърӯза аз ҷониби ВҲИ якчанд тавсияҳо пешниҳод шудаанд, ки амалисозии онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Боиси қаноатмандист, ки талаботи Принсипҳои Париж аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра иҷро карда мешаванд ва маблағгузории мақомоти ВҲИ сол аз сол зиёд мешавад. Аз ҷумла, соли 2022 дар буҷети давлатӣ барои мақомоти ВҲИ 1 987 864 (соли 2021 1 831 588) сомонӣ ҷудо шуда буд, ки назар ба соли 2021 156 276,00 сомонӣ зиёд аст. Инчунин, соли 2022 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 380 998 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 19% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

Иттилоотонии ҷомеа яке аз самтҳои асосии фаъолияти ВҲИ мебошад ва дар самти мазкур новобаста аз мушкилиҳои вобаста ба намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ соли 2022 дар мақомоти ВҲИ 42 (с.2021 - 46) чорабинии иттилоотӣ бо ибтикори мақомоти ВҲИ ва 242 (с.2021 - 252) баромад дар васоити ахбори омма таъмин карда шудааст. Аз ҷумла, 68 баромадҳои телевизионӣ (2021 - 70), 63 баромад дар радио (2021 - 75) ва нашри 111 (2021 - 117) маводи иттилоотӣ дар матбуоти даврӣ ва электронӣ анҷом дода шудааст.

Инчунин бо ин мақсад сафарҳои кории ВҲИ ба ноҳияҳои Ашт, Масчоҳ, Ҷ. Расулов ва шаҳри Бӯстони вилояти Суғд, ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Мирсаид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон, ноҳияҳои Рашт, Нуробод ва Файзобод анҷом дода шуда, дар доираи таҷлили Ҳафтаи ҳуқуқи инсон як қатор чорабиниҳои ВҲИ ташкил ва гузаронида шудаанд.

Дар ин давра Маърӯзаи солонаи ВҲИ, нашри махсуси маҷаллаи «Ахбори ВҲИ» бахшида ба Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 шумораи навбатии маҷаллаи мазкур таҳия ва чоп карда шуда, фаъолияти мунтазами сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаи интернет ба роҳ монда шудааст.

Яке аз дастовардҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд қабул ва амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад, ки ҳамоҳангсози асосии он дар сатҳи ҷумҳурӣ Ваколатдор оид ба

ҳуқуқи инсон мебошад. Барномаи мазкур то ҳол дар миқёси Осиёи Мапказӣ ягона буда, дар асоси Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки ҳар панҷсола як маротиба таҷдиди назар ва бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул мешавад.

Яке аз вазифаҳои асосие, ки қонунгузор барои ВҲИ муқаррар намудааст, мусоидат ба такмили қонунгузории миллӣ ва  мутобиқсозии он ба меъёрҳои санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Дар ин раванд аз ҷониби мақомоти ВҲИ соли 2022 ба лоиҳаи 50 (с.2021 - 35) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ  хулосаҳои дахлдору асоснок пешниход карда шуда, кормандони Дастгоҳи ВҲИ дар як қатор гурӯҳҳои корӣ вобаста ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолона иштирок намудаанд.

Ҳамзамон, ВҲИ боисрор таъкид месозад, ки бо дарназардошти муҳимияти иштироки ВҲИ дар раванди такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва яке аз вазифаҳои асосии ӯ маҳсуб ёфтани такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бевосита ба ҳуқуқҳои инсон равона гардидаанд, барои пешниҳоди  хулоса ҳатман ба мақомоти ВҲИ ирсол карда шаванд.

Дар баробари ин, мусоидат дар барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва дар ин раванд қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ яке аз

вазифаҳои асосиии ВҲИ мебошад. Соли 2022 дар мақомоти ВҲИ 1191 адад (с.2021 - 1951) мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 362 мурочиати хаттӣ (с.2021 - 369), 825 мурочиатҳои шифоҳӣ (с.2021 - 1569), 1 мурочиати электронӣ (с.2021 - 6) ва 3 мурочиати телефонӣ (с.2021 - 7) буда, аз ин шумора бо мусоидати бевоситаи ВҲИ 60 адад мурочиатҳо ҳалли мусбии худро ёфтаанд.

Инчунин, қабули шаҳрвандон дар мақомоти ВҲИ тибқи Чадвали тасдиқшуда ҳар рӯзи ҳафта аз чониби роҳбарият ва кормандони мақомот ва зимни сафарҳои кории ВҲИ ва муовини ӯ ба минтақаҳои чумҳурӣ низ мунтазам ба роҳ монда шудааст.

Дар Маърӯза аз натичаҳои фаъолияти мақомоти ВҲИ дар соли 2022 бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолият ва таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 4 тавсия, беҳтар намудани иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон 2 тавсия, беҳтар намудани сатҳу сифати таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон 3 тавсия, беҳтар намудани раванди такмили қонунгузорӣ ва ичрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон 3 тавсия, беҳтар намудани фаъолият дар самти қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ 3 тавсия ва дар мачмӯъ 15 тавсияҳои ВҲИ пешниҳод шудаанд, ки амалисозии онҳо ба пешбурди минбаъдаи фаъолияти мақомоти ВҲИ такони тоза мебахшанд.

Дар боби дуюми Маъруза натиҷаҳои санҷишу мониторингҳои дар соли 2022 аз ҷониби гурӯҳҳои кории мақомоти ВҲИ дар 7 самти алоҳидаи ҳуқуқу озодиҳои инсон гузаронидашуда мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ошкоршуда ва пешбурди минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ тавсияҳои асоснок пешниҳод шудаанд.

Аз ҷумла, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида 5 тавсия, беҳтар намудани вазъ дар самти риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ва адои хизмати ҳарбӣ 5 тавсия, беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқу манфиатҳои ақаллиятҳои миллӣ 7 тавсия, беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот 7 тавсия, беҳтар намудани вазъ дар самти таъмини баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила 9 тавсия, беҳтар намудани вазъ дар самти таъмини ҳуқуқҳои маъюбон 5 тавсия, беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба манзил 5 тавсия ва дар маҷмӯъ 43 тавсияҳо аз ҷониби ВҲИ пешниҳод шудаанд.

ВҲИ итминони комил дорад, ки тавсияҳои дар Маъруза пешниҳодшуда аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шарикони рушд ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати амалисозии тавсияҳои ВҲИ чораҳои дахлдор андешида мешаванд ва онҳо ҷиҳати минбаъд низ тақвият додани обрӯву нуфузи Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд мусоидат мекунанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ омодааст, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва самаранокро минбаъд низ бо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор тавсеа бахшида, дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати риоя, эҳтиром, ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷумҳурӣ пайваста мусоидат намояд.